*Reviewer:* Zoir J.M. - Head of the Department of Public Law of the A. Bakhovaddinov Institute of Philosophy, political science and Law National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола муаллиф қонунгузорӣ дар бораи низоми ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба хулоса омад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ҳифзи ҳуқуқ як қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Муаллиф номгӯйи васеи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳуриро танзим мекунанд, пешниҳод кардааст.
*Вожаҳои калидӣ:* давлат, низоми ҳифзи ҳуқуқ, қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, конститутсия, суд, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

*Аннотация:* В статье автор, проанализировав законодательство о правоохранительной системе Республики Таджикистан, пришел к выводу о том, что законодательство

республики о правоохранительной системе является важной частью правового регулирования данного вида государственной деятельности, оно сложно по составу и образует систему правовых норм. Автором представлен широкий перечень нормативных правовых документов, регулирующих деятельность суда и правоохранительных органов республики.

*Ключевые слова:* государство, правоохранительная система, законадательство, нормативные правовые акты, конституция, суд, правоохранительные органы.

*Annotation:* In the article, the author, having analyzed the legislation on the law enforcement system of the Republic of Tajikistan, came to the conclusion that the legislation of the republic on the law enforcement system is an important part of the legal regulation of this type of state activity, it is complex in composition and forms a system of legal norms. The author presents a wide range of normative legal documents regulating the activities of the court and law enforcement agencies of the republic.

*Key words:* state, law enforcement system, legislation, regulations, Constitution, Court, law enforcement agencies

Аҳаммияти омӯзиши батанзимдарории ҳуқуқии системаи ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурияти амалисозии он дар шароити муосир айён аст. Бар замми ин, дар шароити ҳозираи вазъияти криминалӣ дар мамлакат ва авҷгирии фаъолияти гурӯҳҳои ҷинояткор, нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чун кафолатдиҳандаи таъмини амнияти давлат боло меравад.

Афзоиши ҷиноятҳои муташаккилона, ҳаракатҳои пинҳонкоронаи гурӯҳҳои ҷинояткор, дараҷаи баланди таҷҳизоти техникии онҳо, ноустувории манбаъи далелҳо, аз ҷумла, нишондодҳои шоҳидон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қонунгузорро водор месозад, ки роҳҳои нави имконияти ҳуқуқии муқовимат бар зидди ҷиноятҷориро пайдо намуда, воситаҳои мавҷуда ва усулҳои ҷамъоварии далелҳоро ҳаматарафа беҳтар намоянд.

Бомуваффақона кушодан ва тафтиш намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, дарёфти далелҳои аҳаммияти муҳим дошта аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, коркарди механизми ҷамъоварии онҳо, боз ҳам пурзӯр намудани роҳҳои муқовимат бо омилҳои зиддиҷамъиятӣ зарурати ташаккули маҳзани пояи хуби меъёрии ҳуқуқиро, аз он ҷумла, қонунгузорие, ки низоми ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медарорад, ба миён меоварад.

Низоми ҳифзи ҳуқуқ низ ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқӣ баён гардидаанд ва заминаи ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд, асос меёбад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди «қонунгузорӣ» истифода мешаванд. Қонунгузорӣ, ба маънои маҳдуд, чун низоми қонунҳо ва ба маънои васеъ - низоми ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои меъёрии зериқонунӣ тавсиф мешавад [14, с. 470]. Низоми қонунгузорӣ - «низом (система) ё маҷмуи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунии амалкунандае фаҳмида мешавад, ки ин ё он намуди фаъолиятро ба танзим медарорад» [13, с. 490].

Умуман дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳти мафҳуми «низоми қонунгузорӣ» – маҷмуи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зериқонунӣ мебошад, ки вобаста ба предмети танзим ва эътибори ҳуқуқиашон ба соҳаҳои ҷудогона ва воҳидҳои дигари комплексӣ тақсим шудаанд, фаҳмида мешавад [13, с. 490].

Танзимдарории ҳуқуқии низоми ҳифзи ҳуқуқ хусусияти функсионалӣ ва хизматӣ дорад. Чунин танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ байни давлат (намояндагони он) ва шаҳрванд бинобар пайдо шудани зарурат оид ба ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқии низоми ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи муҳимми ҳуқуқ мебошад. Вобаста ба ин, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии (минбаъд – ФОҶ) Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016 [1] - қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ташкили ҳокимияти давлатиро муайян мекунад [7]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқ мавқеи баландтарин дорад.

Вобаста ба ин, мутобиқи муқаррароти м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон он эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосии ҳуқуқии низоми ҳифзи ҳуқуқ ба шумор рафта, кафили бевоситаи ҳифзи ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат аз ҷинояткорӣ ва оқибатҳои он мебошад. Он барои қабули дигар қонунҳо ҷиҳати татбиқи маҷмуи чораҳои муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ асоси ҳуқуқӣ мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дарҷ шудааст. Принсипи мазкур аз м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Тибқи он, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз мекунад. Суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ин ҳадафи волоро дар фаъолияти хеш амалӣ мекунанд.

Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, ҷудонопазир, дахлнопазир будани озодии инсон ва ҳуқуқҳояш қабул мешаванд. Ҳамчунин, Конститутсия:

– асоси маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо (қ. 3 м. 14);

– тартиби супоридани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асосӣ шартномаи тарафайн (қ. 1 м. 16);

– баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (қ. 1 м. 17);

– имкони истифодаи ҷазои қатл барои ҷинояти махсусан вазнин ва дар асоси ҳукми суд (қ. 2 м. 18);

– манъ будани шиканҷа, ҷазо ва муносибатҳои ғайриинсонӣ нисбати шахс (қ. 3 м. 18);

– кафолати ҳифзи судӣ, асосҳои қонунии дастгиркунию ҳабси шахсӣ (м. 19);

– ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд чун ягона асоси гунаҳгор донистани шахс (қ. 1 м. 20);

– ҳолатҳои номумкин будани ҷавобгарии ҷиноятӣ, манъи татбиқи ҷазои такрорӣ барои як ҷиноят (қ. 2 м. 20);

– қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ, манъи мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда (қ. 3 м. 20);

– бо роҳи судӣ ҷуброни зарари ба онҳо расонидашударо талаб намоянд ва давлат инро кафолат медиҳад (м. 21);

– аз ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ маҳрум будани шахсе, ки мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум сохтан нигоҳ дошта мешавад (қ. 4 м. 27);

– аз ҷониби давлат ҷуброн намудани зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ мебинад, муқаррар менамояд (м. 32);

– манъи бисёрникоҳӣ (қ. 3 м. 33); риояи қонун вазифаи ҳар шахс дар қаламрави Тоҷикистон (қ. 1 м. 42);

– надонистани қонуни ҷиноятӣ ҷавобгариро истисно намекунад (қ. 2 м. 42)» муайян менамояд [1].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин мавқеи ҳуқуқии суд, прокуратура, адвокатура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян гардидааст.

Аввалин маротиба дар сатҳи муқаррароти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ҳамчун унсури асосии давлати демократию ҳуқуқбунёд мустаҳакам гардида, амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мушаххасан муайян гардид.

Боби ҳаштум – «Суд» (моддаҳои 84-92) дарбар мегирад. Моддаҳои 84-91 Конститутсия ба ҳокимияти судӣ, низом ва принсипҳои фаъолияти он бахшида шудааст.

Конститутсияи соли 1994 заминаи асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи падидаи ҳокимияти судӣ ва раванди ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар гардида, вазифахои асосӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти судиро мушаххасан, ба танзим даровардааст.

Дар Конститутсия як қатор меъёрҳо ва принсипҳо аз қабили:

– бевосита амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ба воситаи Ҳокимияи судӣ ҳифз шудани онҳо;

– мустақил будани Ҳокимияти судӣ, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ гардидани он;

– аз тарафи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ намудани адолати судӣ ва манъ будани ташкили суди фавқулодда;

– мустақил будани судяҳо ва дар фаъолияти худ танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат намудани онҳо;

– манъ будани дахолат ба фаъолияти судяҳо; ба таври дастҷамъӣ ва ё танҳо баррасӣ кардани парвандаҳо аз ҷониби судяҳо;

– сурат гирифтани мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо; ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиа дар ҳамаи судҳо, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст;

– ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор гаштани мурофиа;

– бо тарҷумон таъмин кардани шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд муқаррар карда шудаанд.

Дар тафовут аз замони шуравӣ, ки дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар ҷодаи бевосита танзимнамоии масоили марбут ба вазъи ҳуқуқии судҳо, ба истисной Конститутсия дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд надошт, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути Конститутсия ва инчунин, санадҳои меъёрии дахлдори дар заминаи он ба тасвибрасида тарзи ташкилёбӣ, фаъолият, сохтор, салоҳият, вазифаҳои асосӣ, ва дигар махсусиятҳои ҳокимияти судӣ, ба танзим даровarda шуда, ҳамчун шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ мустақилона амал намудани он таҷассум ёфтааст.

Моддаҳои 19 ва 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ёрии ҳуқуқӣ (адвокатура) бахшида шудаанд. Тибқи қ. 2 м. 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «… Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад». Мутобиқи м. 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад» [1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти адвокатураро на танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, балки дар мурофиаи конститутсионӣ, маданӣ ва маъмурӣ низ бо низоми қонунгузорӣ мустаҳкам менамояд.

Боби нуҳум – «Прокуратура» (моддаҳои 93-97) дарбар мегирад, ки дар онҳо принсипҳои асосии ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура нишон дода шудаанд.

Прокуратура аз рӯйи ваколатҳои конститутсионии худ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахусус, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хоссае дорад. Шаҳодати он, ин дар боби алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани ҳолати ҳуқуқии прокуратура аст. Мувофиқи муқаррароти м. 93 Конститутсия, «Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд» [1].

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ва ташкили давлати ҳуқуқбунёд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳои ташаккул ва такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оғоз ёфт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафкураи нави сиёсӣ пойдор гардид,

ки ҳамчун асоси фаъолияти берунӣ ва дохилии давлати нав ташкил - эътирофи бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро муайян намуда, дар баланд бардоштани нақши он дар низоми қонунгузории миллӣ мусоидат кард. Бо мурури замон қонунгузории Тоҷикистон хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалиро касб намуда, дар он меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшуда мустаҳкам мегарданд, шартномаҳои байналмилалии нав мавриди татбиқ (имплементатсия) қарор дода мешаванд.

Агар дар маъхазҳои ҳуқуқӣ нисбат ба масъалаи ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ эътироф шудан ё нашудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муносибати духура ҷой дошта бошад, пас дар сатҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала ба таври мусбат ҳал шудааст. Масалан, дар қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд» [1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон маҳдуд намешавад. Дар он инчунин афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҷумҳурӣ дар назди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Дар қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки «агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [1].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ҳифзи ҳуқуқро ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ташкил медиҳанд. Зеро, тибқи қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои як қатор шартномаҳо, созишномаҳо, конвенсияҳо ва дигар санадҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ мебошад, ки бевосита муносибатҳоро дар самти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд.

Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаҳои байнидавлатӣ), аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаҳои байниҳукуматӣ) ва ё аз номи вазорат, кумитаи давлатӣ ё мақомоти дигари идоракунии давлатӣ (шартномаҳои байниидоравӣ) бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ дар шакли хаттӣ баста шаванд, сарфи назар аз он ки, чунин шартнома дар як ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд зикр ёфтааст.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байнидавлатӣ конвенсияҳо, шартнома, созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёр ҷонибаи баимзорасидаи байни давлатҳо дохил мешаванд. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии ба имзо расонидаи Созмони Миллали Муттаҳид (минбаъд – СММ), ба мисли:

– Конвенсияи СММ дар бораи мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 20 декабри соли 1988;

– Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000;

– Шартнома дар бораи ҳамкории давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мубориза бар зидди терроризм аз 4 июни соли 1999 ва ғайра.

Дар ин санадҳо масъалаҳои гуногун дар самти фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ гардидаанд.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниҳукуматӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дохил мешаванд, ба мисли:

– Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсуси ноҳияҳои наздисарҳадӣ аз 6 майи соли 1998;

– Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати

Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, экстремизми сиёсӣ, динӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ аз 26 майи соли 1999 ва ғайра.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байниидоравӣ созишномаҳо ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасида байни вазоратҳои дахлдори давлатҳо дохил мешаванд, ба мисли:

– Созишномаи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳо-аъзоёни ИДМ дар соҳаи ҳамроҳӣ намудани (гуселонидани) фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз 18 декабри соли 1998;

– Дастурамал оид ба тартиби ягонаи амалӣ намудани ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон аз соли 2002;

– Ёддошти тафоҳуми ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Россия дар мубориза бар зидди терроризм, дигар зуҳуроти экстремизм ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор аз 15 ноябри соли 2002 ва ғайра.

Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки номбар гардидаанд, системаи ягонаи муносибатҳоро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин менамоянд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон - санади меъёрии ҳуқуқиест, ки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро ба танзим дароварда, мавзуи танзим ва тартиби қабули он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст [7]. Қонунҳои конститутсионӣ доир ба масъалаҳое қабул машаванд, ки дар Конститутсия пешбинӣ шудаанд. Масалан, моддаҳои 7, 15, 47, 48, 59 ва дигари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ мекунанд.

Дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қонунҳо масоили муҳиммтарини дорои аҳаммияти конститутсионидоштаро танзим мекунанд. Масалан, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] - принсипҳои асосии ташкил ва фаъолияти прокуратураро ба танзим медарорад. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] - асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судяҳоро муқаррар намуда, инчунин дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуққии мақомоти судӣ ва судяҳо ба танзим медарорад.

Кодексҳо. Кодекс - қонуни ягона ва мураттабгаштаест, ки тавассути он соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, бевосита ва бонизом танзим карда мешавад [7]. Солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави қабули кодексҳо оғоз гардид. Дар ин давра дар баробари қабул гардидани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав кодификатсияи қонунгузорӣ гузаронида шуд. Дар Тоҷикистон қариб хамаи соҳаҳои асосии ҳуқуқ ҳоло кодексҳои худро доранд. Дар фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ кодекс ба сифати қонуни танзимкунанда баромад намуда, муносибатҳои дар ин самт бамиёномадаро танзим мекунад. Чунончи: Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КИҶҶ) [5]. Мақсад ва вазифаҳои КИҶҶ аз инҳо иборат мебошад:

а) аз ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав, чи аз тарафи онҳо ва чи аз ҷониби шахсони дигар;

б) аз танзими тартиб ва шартҳои иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ, муайян кардани воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо, ба маҳкумшудагон расонидани ёрӣ ҷиҳати адаптатсияи (одат кардан ба муҳити) иҷтимоӣ;

в) барои ноил шудан ба ин мақсаду вазифаҳо Кодекси мазкур муқаррароти умумӣ ва принсипҳои иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, тартиб ва шарти иҷро ва адои ҷазо, истифодаи воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон; ҳолати ҳуқуқии маҳкумшудагон ва системаи кафолатҳои таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо; тартиби фаъолияти муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, инчунин иштироки

мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ, дигар ташкилот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар ислоҳи маҳкумшудагон; тартиби озод намудан аз ҷазо ва расонидани кӯмак ба озодшудагонро муайян мекунад.

Вазифаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) [4] аз инҳо иборат мебошад:

а) вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ: муқаррар кардани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд; саривақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят; ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содиркарда; ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд; риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ; кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокдорони мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар;

б) мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона шудааст;

в) тартиби муқаррарнамудаи КМҶ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамояд.

Вазифаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) [6] аз инҳо иборат мебошад:

а) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин, пешгирии ҷиноятҳо;

б) барои татбиқи ин вазифаҳо КҶ асосу принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуда, муайян мекунад, ки кадом кирдорҳои барои шахсият, ҷамъият ё давлат хавфнок ҷиноят эътироф мегарданд ва намудҳои ҷазоюо чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро барои содир кардани онҳо муқаррар менамояд.

Қонун - санади меъёрии ҳуқуқиест, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақоми қонунгузор қабул мегардад ва муносибатҳои муҳимми ҷмъиятиро танзим мекунад [7].

Мусаллам аст, ки арзишҳои Конститутсия ба замми хислати мустақим доштан боз давом ва рушди мантиқии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ низ пайдо мекунад. Масалан, дар партави боз ҳам мустаҳкам намудани муқарраротии конститутсионӣ оид ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ташкили ҳокимияти давлатӣ як зумра қонунҳо қабул гардиданд, аз ҷумла:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» - мафҳуми милитсия, самтҳои асосии фаъолияти он, салоҳият, принсипҳои фаъолият, мавқеи милитсия дар системаи мақомоти давлатӣ, вазифаю ҳуқуқҳо, тартиби ба хизмати милитсия қабул намудан, масъулият, кафолати давлатии таъминоти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, инчунин тартиби таъминоти молиявӣ, моддию техникӣ ва назорати фаъолияти милитсияро муайян менамояд [10];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ҳуқуқу уҳдадориҳо, таъинот, принсипҳо, вазифаҳо, самтҳои асосии фаъолият ва воситаҳои таъминоти мақомоти амнияти миллӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии кормандони онро муқаррар менамояд [8];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - вазъи ҳуқуқӣ, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, хизмат дар мақомоти Агентӣ, ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ, таъминоти молиявӣ, моддию техникии Агентиро муқаррар менамояд [9];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - асосҳои ҳуқуқии таъсисёбӣ, вазифа ва принсипҳои фаъолияти Гвардияи миллиро муайян менамояд [11].

Доир ба масъалаҳои вобаста ба фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақомоти қонунгузор қарор қабул карда метавонанд, ки он пас аз қонунҳои конститутсионӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи поёнтарро ишғол мекунад. Ба ин гуна Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар кардани дараҷаҳои тахассус барои судяҳо, рутбаҳо барои коркунони дастгоҳи судҳо ва изофапулӣ барои хизмати дарозмуддати судяҳо ва коргарони дастгоҳи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомнома дар бораи рутбаҳои дараҷавии коркунони мақомоти адлия ва нотариати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ танзимкунандаи ин соҳа дохил мешаванд. Масалан:

– Низомнома «Дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишҳо ва дигар коргарони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои рутбаҳои дараҷавӣ мебошанд»;

– «Низомнома дар бораи рутбаҳои дараҷавии кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– «Низомнома дар бораи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

– «Низомнома дар бораи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди онҳо.

Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии алоҳидаро ин самт ба танзим медароранд, санадҳои меъёрии Прокуратураи генералӣ, ки назорати прокурориро аз болои фаъолияти субъектҳои низоми ҳифзи ҳуқуқ амалӣ мегардонад, инчунин санадҳои меъёрии Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводди нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ доранд.

Санадҳои мазкур мумкин аст аз ҷониби мақомоти номбаршуда дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ, ки самтҳои гуногуни фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медароранд, қабул карда шаванд.

Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ҳифзи ҳуқуқ қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз руйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад.

Зери мафҳуми «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ҳифзи ҳуқуқ» маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои дар ин самти фаъолият ба миён меомадаро танзим менамоянд [12, с. 10-19]. Чунин муносибатҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудаанд, устувор ва доимоамалкунанда буда, аз ҷониби субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ пурра бо риояи меъёрҳои дар чунин санадҳо ифодаёфта ба роҳ монда мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми ҳифзи ҳуқуқ як қисми муҳимми батанзимдарории ҳуқуқии чунин намуди фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи таркиб мураккаб мебошад ва низоми меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳад ва шаклҳои фаъолияти суд, сохтори он, вазифаҳо, асосҳои ташкилӣ, самтҳои фаъолияти Прокуратура, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро танзим менамоянд, якҷоя бо қонуни мурофиавии ҷиноятӣ як ҳадаф доранд, ки он аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо, қонуният ва адолат иборатанд.

**Адабиёт истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 22-юми майи с. 2016). - Душанбе: «Маориф», 2017. - 86 с.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26-уми июли с. 2014, № 1084 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2014. № 7. Қ. 1. М. 380.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми июли с. 2005, № 107 // Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2005. № 7. М. 398.
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. № 12. М. 815.
5. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми августи с. 2001, № 32 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001. № 7. М. 505.
6. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 9. М.68-69.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 3юми майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. № 5. Қ. 1. Мод. 271.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти с. 2008, № 362 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. №3. М. 183.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти с. 2008, № 374 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 3. М. 193.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи с. 2004, № 41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. № 5. М. 352.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15-уми июли с. 2004, № 50 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. № 7. М. 457.
12. Абдуллоев, А. Р. Нормативные основания становления и эволюции правоохра-нительной системы Республики Таджикистан / А.Р. Абдуллоев // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. - 2019. - № 2 (82). - С. 10-19.
13. Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – 720 с.
14. Сотиволдиев, Р. Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷ. 2 / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2010. – 654 с.

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (as amended on May 22, 2016). - Dushanbe: Maorif, 2017. - 86 p.
2. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan «On the Courts of the Republic of Tajikistan» dated July 26, 2014, No. 1084 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2014. No. 7. Q. 1. art. 380.
3. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan «On the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan» dated July 25, 2005, No. 107 // Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2005. No. 7. art. 398.
4. Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2009. No. 12. art. 815.
5. Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan dated August 6, 2001, No. 32 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2001. No. 7. art. 505.
6. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998, No. 574 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 1998. No. 9. art.68-69.
7. Law of the Republic of Tajikistan “On Regulatory Legal Acts” dated May 3, 2017, No. 1414 // News of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 2017. No. 5. Q. 1. art. 271.
8. Law of the Republic of Tajikistan “On the National Security Bodies of the Republic of Tajikistan” dated March 20, 2008, No. 362 // News of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 2008. No. 3. Art. 183.

9. Law of the Republic of Tajikistan "On the Agency for State Financial Control and Combating Corruption of the Republic of Tajikistan" dated March 20, 2008, No. 374 // News of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. 2008. No. 3. art. 193.

10. Law of the Republic of Tajikistan "On the Police" dated May 17, 2004, No. 41 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2004. No. 5. art. 352.

11. Law of the Republic of Tajikistan «On the National Guard of the Republic of Tajikistan» dated July 15, 2004, No. 50 // News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2004. No. 7. art. 457.

12. Abdulloev, A. R. Regulatory foundations for the formation and evolution of the law enforcement system of the Republic of Tajikistan / A. R. Abdulloev // Bulletin of the St. Petersburg University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2019. - No. 2 (82). - Pp. 10-19.

13. Sotivoldiev, R.Sh. Theory of state and law / R.Sh. Sotivoldiev. - Dushanbe: «Imperial-Group», 2014. – 720 p.

14. Sotivoldiev, R.Sh. Problems of the theory of state and law. Vol. 2 / R.Sh. Sotivoldiev - Dushanbe, 2010. – 654 p.

ТДУ 352.07+342.25

# ТАҶРИБАИ МИНТАҚАВИИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ

# РЕГИОНАЛЬНЫЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ МЕСТНЫМИ ИСПОЛНИТЕЛЬНЫМИ ОРГАНАМИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ

# REGIONAL EXPERIENCE IN MANAGING LOCAL EXECUTIVE BODIES OF STATE POWER AND LOCAL SELF-GOVERNMENT



Аминов М.М.
Aminov M.M.
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
*Доцент кафедры гражданского и экономического права Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук*
*Associate Professor of the Department of Civil and Economic Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences*
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ–давлатӣ)).

*Научная специальность:* 12.00.02 – Конституционное право; право конституционного судебного процесса; правовое регулирование местной власти (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).

*Scientific specialty:* 12.00.02 – Constitutional law; constitutional litigation; legal regulation of local authorities (5.1.2. Public law (state law) sciences).

*Тақриздиҳанда:* Абдухолиқзода А.М. - муовини ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент:* Абдухоликзода А.М. - заместитель ректора Института повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.

*Reviewer:* Abdukholikzoda A.M. - Deputy Rector of the Institute for Advanced Studies Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences.

*Анотатсия:* Дар мақола заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таҷрибаи фаъолияти он дар хориҷи кишвар, алалхусус Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ва худидоракунии маҳаллӣ дар идоракунии давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти иҷроиявии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳамзамон, дар худидоракунии маҳаллӣ дар алоҳидагӣ; накши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираи ваколати мақомоти давлатӣ, инчунин, такмили сохтории низоми соҳа мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ақидаи муаллиф оид ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалӣ гардонидани самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии иҷроияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати ваколат ва масъулиятдор мебошад, оварда шудааст.

*Вожаҳои калидӣ:* идоракунии давлатӣ, идоракунии маҳаллӣ, худидоракунии маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, салоҳияти мақомоти давлатӣ, такмили низоми сохторӣ.

*Аннотация:* В статье научному анализу подвержены правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти на примере зарубежных стран, в том числе, Республики Узбекистан. При этом рассматриваются функции и место местных исполнительных органов государственной власти и местного самоуправления в государственном управлении. Отдельно проанализирована деятельность местных представительных органов и местных исполнительных органов государственной власти, а также местного самоуправления; описывается роль гражданского общества и объем полномочий государственных органов и структурное совершенствование отраслевой системы. Представлено мнение автора относительно того, что местный государственный орган уполномочен и несет ответственность за реализацию экономических и социальных направлений исполнительного органа государственной власти.
*Ключевые слова:* государственное управление, местное управление, местное самоуправление, гражданское общество, полномочия государственных органов, совершенствование структурной системы.

*Annotation*: The article provides a scientific analysis of the legal basis for the organization and activities of local executive bodies of state power using the example of foreign countries, including the Republic of Uzbekistan. The activities of local representative bodies and local executive bodies of state power, as well as local self-government, are analyzed separately; the role of civil society and the scope of powers of state bodies and the structural improvement of the sectoral system are described. The author's opinion is presented regarding the fact that the local state body is authorized and responsible for the implementation of economic and social directions of the executive body of state power.
*Key words:* public administration, local government, local self-government, civil society, powers of state bodies, improvement of the structural system.

Бо эълони соҳибистиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурияти таъсиси таҳкурсии пурқуввати ҳуқуқӣ ба миён омад. Дар ҳамин асос бо мақсади таҳкими асосҳои сохтори коститутсионии давлат аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва бо муҳокимаи умум як қатор қонунҳо, ҳамчунин, қонунҳои конститутсионӣ пешбинигардида, қабул гардиданд, ки барои асоси ҳуқуқи пайдо намудан ва дар ин замина функсияи тамоми сохторҳои давлатӣ баркарор ва ба рушди худидораи маҳаллӣ асос гузошта шуд.

Мавриди қайд аст, ки сохти нави сиёсӣ зарурати ислоҳоти куллии низоми идоракунии давлатӣ, ғайримарказонидани ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси мақомоти самараноки худидоракунии маҳаллиро ба вуҷуд овард.

Дар роҳи демократикунонии ҷомеа ва расидан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ зарурати такмили падидаи худидоракунии маҳаллӣ оғоз ёфт.

Барои ҷаҳиши бузурги рушди худидораи маҳаллӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомали Раҳмон саҳми бузург гузошта, асоси ҳуқуқи ба рушди худидораи маҳаллӣ гузошта шуд, ки дар натиҷа мақоми махсуси худро пайдо намуд.

Худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон ҳамчун сатҳи махсусгардонидашудаи ҳокимият дорои низоми оддӣ буда, мувофиқан мақомоти он дар шакли «ҷамоати шаҳрак» ва «ҷамоати деҳот» амал мекунад.

Омӯзиши имрӯзаи худидоракунии маҳаллӣ ва ҳалли мушкилоти ин соҳа талаб мекунад, ки мо бештар ба ду масъала назар андозем:

1) Танзими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи худидоракунии маҳаллӣ.

2) Такмили низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлили қиёсӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки масъалаи танзими бисёр

мафҳумҳои дар қонунгузорӣ оварда шуда, норавшан мебошад.

Мафҳуми худидоракунии маҳаллӣ дар қонунгузории Тоҷикистон якумин маротиба соли 1991 ҳангоми ба Конститутсияи соли 1978 ворид намудани тағйиру иловаҳо пайдо гардид. Сипас, 23-уми феврали ҳамин сол аз ҷониби Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллии ҶШС Тоҷикистон» қабул карда шуд. Олимон бар он ақидаанд, ки раванди такмили худидоракунии маҳаллӣ ва такмили тақсимоти марзию маъмурӣ бо усули ғайримарказонидани ҳокимият ва масъалаҳои молиявии онҳо хусусан аз қонуни мазкур сарчашма мегиранд. Дар қонуни номбурда якумин маротиба қонунгузор усулҳои ташкили ҳокимият дар маҳал - худидоракунии маҳаллиро бо назардошти ҳуқуқи давлати шӯравӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ ҳамчун хусусиятҳои миллию минтақавӣ мустаҳкам намудааст.

Бо қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (6-уми ноябри соли 1994) давраи нави инкишофи қонунгузорӣ дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва ташаккули он оғоз гардид. Дар ҳамин замина қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа» аз 1-уми декабри соли 1994 қабул карда шуд, ки он вазъи ҳуқуқӣ, сохтор ва низоми мақомоти худидоракунии маҳаллиро куллан дигаргун сохт.

Мутобиқи нишондоди Хартияи аврупоии идоракунии маҳаллӣ, худидоракунии маҳаллӣ асоси сохтори конститутсионии ҳар як давлати демократӣ буда, принсипҳои он бояд, ки дар қонунгузории дохилӣ, ба қадри имкон дар конститутсияҳои онҳо эътироф гардад (моддаи 2). Худидоракунии маҳаллӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар моддаҳои 14 ва 78 эътироф гардида, кафолат дода шудааст [1].

Таҳлили қиёсӣ-маъмурии худидоракунии маҳаллӣ нишон дод, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи худидоракунии маҳаллиро дар муқоиса бо конститутсияҳои давлатҳои узви ИДМ нисбатан мушаххас баён гардидааст. Масалан, Конститутсияи Федератсияи Россия (иборат аз 2 фасл, 9 боб, 137 модда), Конститутсияи Туркманистон (иборат аз 7 боб, 115 модда), Конститутсияи Озарбойҷон (иборат аз 5 фасл, 12 боб, 158 модда) худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионии давлат эътироф гардида, дар боби алоҳида кафолат ва дастгирии давлатӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти он мустаҳкам гардиданд [7, с. 116].

Масъалаи дигаре, ки ба раванди такмили қонунгузории худидоракунии маҳаллӣ дахл дорад, ин такмили низоми мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон мебошад. Аввалин маротиба мутобиқи моддаи 126-уми Конститутсияи соли 1978 низоми худидоракунии маҳаллӣ ин мақомоти намояндагии худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти ҳудудии худидоракунии шаҳрвандон ва маҷлису ҷамъомадҳо муқаррар шуда буд.

Вобаста ба хусусиятҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои вазифаҳои асосӣ ва он низоме, ки Конститутсия муқаррар кардааст, кафолатҳои гуногуни онҳо пешбинӣ шудаанд. Ин кафолатҳоро бештар вақт олимон ба иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мекунанд. Дар баъзе сарчашмаҳо бошад, онҳоро инчунин ба иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, мафкуравӣ ва ғайра тақсим менамоянд [10, с. 26]. Кафолатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ якҷоя бо кафолатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ низоми кафолатҳои ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро ташкил менамояд, ки маҳз чунин нуқтаи назар қобили таваҷҷуҳ аст [5, с. 49; 6, с. 114; 11, с. 63].

Дар пеши назари ҷаҳони мутамаддин ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар он эътирофи равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ дар мадди аввал меистад, қадами ҷиддӣ барои шинохтани сохтори сиёсии давлат мебошад [6, с. 10]. Аз ин рӯ, дар ҷаҳони имрӯза вазъи ҳуқуқии инсон ё таълимот дар хусуси ҳуқуқҳои одам аз сарҳадоти миллии давлатҳо берун гардида, ба масъалаи умумибашарӣ табдил ёфтааст.

Обрӯю мартабаи давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ бештар вақт ба он

вобаста аст, ки онҳо то кадом дараҷа ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бо қонунҳои миллӣ эътироф, риоя ва кафолат медиҳанд.

Санадҳои муҳимтарини байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, санадҳои байналхалқӣ дар бораи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дар бораи ҳуқуқҳои сиёсӣ, шаҳрвандӣ ва ғайра, ҳуқуқҳои инкорнашвандаи инсон ва шаҳрванд ва озодиҳои ӯро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт эълон намуда, давлатҳои ба ин санадҳо ҳамроҳ шударо водор менамоянд, ки дар қонунҳои миллӣ ба онҳо кафолат диҳанд.

Миралиев И.К. қайд менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, ҳуқуқу озодиҳоест, ки бо иштироки шахс дар идоракунии ҷомеа ва давлат алоқамандӣ дорад [8, с. 12]. Аз ин рӯ, меъёрҳои конститутсионӣ ба инсон доираи васеъи ҳуқуқу озодиҳои гуногунро муқаррар намуда, ба зиммаи он ӯҳдадориҳои муайянро вомегузорад, ки ин ҳуқуқу озодиҳои асосӣ тамоми соҳаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти инсонро фаро мегирад. Ин ҳуқуқу озодиҳои аз тарафи Конститутсия мустаҳкам карда шуда бегонанашавандаанд ва ба ҳар яке аз шаҳрвандон ба таври баробар тааллуқ дорад.

Вобаста ба ин ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ бо соҳибихтиёрии халқ алоқамандӣ дорад, ки иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ, дар амалишавии ҳокимияти давлатӣ, дар идоракунии корҳои давлатӣ таъмин намуда, имконияти таъсир расониданро ба сохтори ҳокимиятӣ медиҳад [9, с. 98].

Дар ин замина ташаккули фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ дар давлати демократӣ асоси таъмини самаранокии идоракунӣ мебошад.

Бо назардошти ин бахри бунёди ҷомеаи иҷтимоӣ, худидораи маҳалли яке аз роҳҳои асосии таъмини иштироки халқ дар идоракунии давлатӣ ва заминаи таъмини вазъи иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар давлатҳои ҳамсояи мо низ мақомоти худидораи маҳаллӣ дар сатҳи зарурӣ рушд намуда, фаъолият намуда истодааст.

Мисол, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз замонҳои қадим давлат наметавонад барои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ бидуни иштироки бевоситаи шаҳрвандон чораҳо андешад. Аз замонҳои қадим, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, новобаста аз он ки онҳо то чӣ андоза васеъ буданд, дар ҳар маҳалла як ҳуҷраи хурди шаҳрвандон пайдо шуданд ва имкони худидоракуниро дар ин ё он сатҳ муттаҳид карданд. Модели муосири худидоракунии маҳаллӣ дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар баробари ҷараёни рушди минтақа ташаккул ёфтааст.

Идоракунӣ дар деҳаҳо аз ҷониби ҷамъомади шаҳрвандон амалӣ шуда буд ва ҳеҷ гоҳ бинобар шумораи ками маҷлисҳо салоҳияти васеъ надошт, аз ин рӯ, ин мисол аз намунаҳои шаҳрҳои калони минтақа истифода мешавад. Ҳама шаҳрҳои калон ба тақсимоти маъмурию ҳудудӣ тақсим мешаванд: квартираҳои косибон, ноҳияҳои маъмурӣ ва шаҳрвандӣ ташкил карда мешаванд.

Мафҳуми нави “маҳалла” татбиқ карда мешавад - иттиҳодияи сокинони як қисми шаҳр (ноҳия, маҳалла, кӯча) мувофиқи меъёрҳои умумӣ (шуғл, касб, хидмати давлатӣ), ки қаламрави ишғолшударо идора мекунад.

Маҳаллаҳои ҳунармандон аксар вақт кӯчаҳои калони харидро дар бар мегирифтанд ва мувофиқи касб номи худ доштанд: Кулолон - кулолгарон, Заргарон - заргарон, Чармгарон - зарфҳо. Майдонҳои савдо ва маъмурӣ бо ҷойҳои намоён ё сохторҳои меъморӣ номида шуданд: “Пулҳои бехатар” (Пули Санги Сафед). Дар минтақа мансубияти этникӣ мавҷуд буд: Турк-маҳалла, маҳаллаи тоҷикон. Дар шаҳрҳои камаҳолӣ, ки инфрасохтори пешрафта надоштанд, ноҳияҳо дар атрофи масҷидҳо муттаҳид шуданд ва номи сохтори мазҳабӣ доштанд: Маҳбумлӣ Гумбаз. Бояд қайд кард, ки маҳалла мафҳуми воҳиди ҳудудӣ нест, балки ҷамоати одамон ё як ҷузъи иҷтимоӣ мебошад.

Бо истилоҳи ин истилоҳот, тасаввур кардан душвор нест, ки функсияҳои як ниҳод дар тӯли садсолаҳо ба таври динамикӣ чи гуна тағйир ёфтаанд. Аз замони пайдоиши маҳалла дар тақсимоти дохилӣ, ин ниҳоди ҳокимият ваколатҳои нав ба

нав ба даст овард, сохтори ташкилии дохилии худро васеъ кард.

Бояд қайд кард, ки маҳалла ҳамчун мақомоти худидоракунӣ оиннома надорад ва расман танзим карда намешавад. Аммо, ҷалби аҳолӣ ба ҳукумати маҳаллӣ қариб ҳамеша ба роҳ монда мешуд. Дар дохили ҳар як ноҳия, ҷамъомади шаҳрвандон амал мекард, ки масъалаҳои ҳамарӯзаро мустақилона ҳал мекарданд, масалан: ташкили семоҳа, ташкили тиҷорати муваффақ, масъалаҳои фароғати фарҳангӣ барои ҳамаи сокинон маҳаллаҳо ва монанди инҳоро дар бар мегирифт.

Заминаи ҳуқуқи ва рушди худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарчашма гирифта [2], дар заминаи он заминаҳои рушди худидораи маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин радиф Қонун "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрвандон" аз 2-юми сентябри с. 1993, № 915 қабул шуда, баъдтар 22-юми апрели с. 2013, № 350 дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур, ки 15-уми марти соли 2013 ба тасвиб расидааст [3]. Қонуни мазкур пурра муносибатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрвандиро ба танзим медарорад.

Худидоракунии шаҳрвандон бо Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар фаъолияти мустақилонаи шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ дар асоси манфиатҳои онҳо, хусусиятҳои таърихии рушд, инчунин арзишҳои милливу маънавӣ, урфу одатҳои маҳаллӣ кафолат дода мешавад.

Дар ин радиф шаҳрвандон ҳуқуқи конститутсионии худро ба худидоракунӣ дар деҳаҳо, инчунин дар маҳаллаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо мувофиқи кафолати ҳуқуқи овоздиҳии шаҳрвандон тавассути гирдиҳамоии шаҳрвандон (маҷлисҳои намояндагони шаҳрвандон) амалӣ менамуданд.

Шаҳрвандон, сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, мазҳаб, пайдоиши иҷтимоӣ, эътиқод, вазъи шахсӣ ва иҷтимоӣ, мустақиман ё тавассути намояндагони интихобкардаи худ ҳуқуқи баробар ба худидоракунии давлатӣ доранд. Маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунӣ манъ аст. Бояд қайд намуд, ки дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандон иҷозат дода намешавад [3].

Асоси фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандӣ аз принсипҳои қонуният, афзалияти ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон; демократия, ошкорбаёнӣ, адолати иҷтимоӣ; мустақилият дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ, кӯмаки мутақобила, шарики иҷтимоӣ, баррасии урфу одатҳои маҳаллӣ мебошанд ва анъанаҳо ғ. асос меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки худидоракунии шаҳрвандон дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон амалӣ карда мешавад. Воҳидҳои ҳудудии худидоракунии шаҳрвандон деҳаҳо, инчунин маҳаллаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо мебошанд.

Таъсис, иттиҳодия, тақсим ва барҳам додани рустоҳо, инчунин таъсис ва тағйири сарҳади онҳо, додани номҳо ва номгузорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун сурат мегирад.

Механизм, муттаҳидшавӣ, тақсим ва барҳам додани маҳаллаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳот, инчунин муқаррар ва тағйири сарҳади онҳо, додани номҳо ва иваз кардани онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси дархостҳои мақомоти худидоракунии шаҳрвандон бо тартиби муқарраркардаи Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон амалӣ карда мешавад.

Асоси фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандон, маҷлисҳои шаҳрвандони шаҳрҳо, деҳаҳо, инчунин маҳаллаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо мебошанд (минбаъд маҷлиси шаҳрвандон). Мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ба системаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил карда намешаванд ва ваколатҳои тавассути қонунгузорӣ ба онҳо додашударо дар ҳудуди дахлдор амал мекунанд.

Дар ҷамъоварии шаҳрвандон шахсони синни 18 ва доимӣ дар қаламрави дахлдор иштирок мекунанд.

Мақомоти ҷамъомади шаҳрвандон инҳоянд:

1) Кенгашти маҷлиси шаҳрвандон;
2) Комиссияҳо оид ба самтҳои асосии фаъолияти ҷамъомади шаҳрвандон;
3) Комиссияи тафтишот.

Ҷамъомади шаҳрвандон дар асоси санадҳои ҳуқуқи муайян карда мешавад.

Системный подход к изучению политических процессов в науке традиционно связывается с работами выдающихся американских ученых Толкотта Парсонса «Социальная система» (1951) и Давида Истона «Политическая система» (1953). Для них был характерен подход к политическим процессам как не только системам, но и динамическим феноменам, образующих постоянный кругооборот в обществе. Важность и эффективность медиационных инструментов и механизмов в политических процессах была обоснована и продемонстрирована на примере Республики Таджикистан С.А. Муродовым, который отмечает, что «когда посредник использует опосредованный подход, он старается, чтобы полученное соглашение было конструктивным и взаимоприемлемым для спорящих сторон. Во время использования преобразующего подхода посредник старается с помощью полномочий и признаний пробудить в спорящих сторонах эмоциональную уверенность в успешности переговоров и этим приблизить их к своим проблемам, чтобы они сами могли их решить. При использовании данной модели посредник стремится к улучшению отношений спорящих сторон с целью сохранения их социальных связей в будущем. Их общая цель содействовать заинтересованным сторонам в деле урегулирования их конфликта. «Коммуникационная помощь» является одним из самых искренних посреднических подходов по отношению к обеим заинтересованным сторонам» [13, с. 146].

Габриэль Алмонд обратил внимание на то, что подход структурно-функционального анализа, описанный выше, не всегда способен объяснить реальные политические события, происшедшие в мире в течение конца 60-90-х годов прошлого века. В качестве уточнения им была разработана динамическая концепция политического процесса как «адаптации политической системы к изменяющимся условиям социальной среды. Особое значение в этой концепции занимает тезис о том, что политический процесс является совместной деятельностью отдельных групп политических субъектов, соответствующей главным функциям и динамическим фазам как политической системы, так и политического процесса» [9, с. 330].

В этом и проявляется методологический принцип, согласно которому, политические процессы должны изучаться как некоторые целостности, где целое не равно сумме частей, когда оно качественно иное, то есть означает необходимость их изучения как органических систем.

Политические процессы должны изучаться не как закрытые, а обратно, как открытые системы, которые в той или иной мере обмениваются чем-либо с окружающей средой, другими системами. Они должны изучаться не только как статические, но и как динамические системы, как находящиеся не только в равновесном, но и неравновесном состоянии. Их необходимо осмыслить как системы, которые могут включать в свой

состав не только однородные, но и противоположные элементы, вступающие в противоречивые отношения друг с другом, основанные на противоположном видении политической действительности, основанном на различных системах ценностей, установок и социального знания.

Для понимания целей политических процессов, определения их роли в нормативном регулировании политических процессов, большое значение имеет, разработанная в англо-американской аналитической философии права, аналитическая стратегия, называемая «телеологической импликацией». Она стремится ответить на такие вопросы, как «Позволяет ли учет цели, заключающейся в создании эффективной системы правового регулирования политических процессов, сделать вывод, что установленные законом их правила необходимы?», «Позволяет ли учет цели политического процесса предопределить направление его правового регулирования?», «Зависят ли пределы вмешательства государственной и судебной власти в политические процессы от их цели и установок их лидеров?» [20, с. 182].

Можно полностью согласиться с В.В. Оглезневым в том, что «обращаясь к подобному роду вопросов, правовед не создает общего случая и не выступает против некоторого общего суждения, учреждения, практики или идеи; вместо этого он пытается разобраться, чем детерминировано принятие этих социальных целей» [16, с. 54].

В советской науке теории государства и права также был предложен исследовательский прием, который можно рассматривать как, эквивалент «телеологической импликации», а именно так называемое телеологическое толкование, понимаемое как способ толкования правовой нормы, суть которого состоит в выяснении ее целевой направленности. Так как цель нормы определяется содержанием и природой регулируемого политического процесса и объединяет содержание нормы единой направленностью на достижение определенного результата, то особенностью телеологического толкования норм правового регулирования политических процессов состоит в том, что все знания и приемы их использования привязываются к цели правового установления, которая выходит за пределы непосредственного содержания нормы, но объясняет ее. Подобный подход, на наш взгляд, можно распространить не только на толкование нормы, но и на анализ объекта и предмета правового регулирования, его механизма, в том числе, и политических процессов.

Первоначально, гегелевской, а затем и марксистской философией, убедительно доказано, что как для всего универсума, так и в отношении политических процессов, как объективных явлений действительности, противоречие является существенной характеристикой и важнейшим принципом их познания. Они должны изучаться как системы, имеющие относительно гибкую структуру, неустойчивость, нестабильность и, следовательно, возможность развития, ибо «без неустойчивости нет развития» [12, с. 11]. Их необходимо понять не только как постоянно функционирующие, но и как постоянно изменяющиеся, эволюционирующие, развивающиеся системы, необходимо описывать и объяснять генезис, происхождение и дальнейшее изменение или развитие тех или иных их структур.

Причём это изменение, во-первых, «характеризуется чередованием устойчивых областей, где доминируют детерминистические законы, и неустойчивых областей, вблизи точек бифуркации, где перед системой открывается возможность выбора одного или нескольких вариантов будущего» [17, с. 227-228], во-вторых, может носить характер эволюционного процесса, в котором изменения одних систем сопряжены с изменениями других систем.

Важным моментом выступает и положение о том, что при определённых условиях эти системы – политические процессы могут утратить свои системные качества. Политические процессы, их структура, механизмы, в свою очередь, также являются изменяющимися объектами и их трансформации, могут носить как обратимый, так и необратимый характер, о

чем мы уже говорили выше. Их обратимость или необратимость определяется состоянием самой политической системы и всего общества, экономическим и природно-климатическим положением государства, сложившейся международной ситуацией, менталитетом государствообразующего этноса, уровнем политической и правовой культуры населения.

Однородность системы может привести её в равновесное состояние и вызвать в ней обратимые процессы, тогда как её неоднородность, противоречивость, наоборот, может привести её в неравновесное состояние и вызвать в ней необратимые процессы. Политические процессы, в силу того, чтоони являются элементами общества, а «общество почти лишено стационарных состояний» и «происходящие в обществе процессы развития, благодаря присущей им стохастике и непрерывной чреде бифуркаций, приобретают необратимый, малопредсказуемый и всё более разнообразный характер» [13, с. 71], функционируют и изменяются, эволюционируют, развиваются преимущественно как необратимые системы. Данное рассуждение имеет важное прикладное значение для условий политической действительности Таджикистана, так как, преобладающим стереотипом как массового, так и профессионального (особенно, у представителей политических элит), является стремление законсервировать течение происходящих политических процессов в обществе, обеспечить, в том числе и законодательными средствами, их обратимость.

Как установлено в синергетике, нарастание неустойчивости, нестабильности и непредсказуемости в системе возникает главным образом благодаря увеличению её колебаний, или флуктуаций – случайных отклонений от некоторого центрального, или среднего, направления её функционирования. При приближении интенсивности и характера политического процесса в отношении всей политической системы к точке бифуркации, вероятность нелинейного их развития заметно возрастает.

Точка бифуркации, в синергетике, это «момент» и «точка» разветвления одного центрального (среднего) и реально существующего направления её функционирования или изменения, эволюции, развития по нескольким возможным альтернативным направлениям.

Такие системы, как бы, «колеблются» перед выбором одного из нескольких путей эволюции. ...Небольшая флуктуация может послужить началом эволюции в совершенно новом направлении, которое резко изменит всё поведение макроскопической системы» [17, с. 140]. В этой точке исчезает зависимость настоящего и будущего системы от её прошлого, в ней ярко проявляется некоторая предопределённость, зависимость развёртывания её процессов, функционирования и изменения от её будущего состояния, которое как бы организует, формирует, изменяет наличное её состояние.

Новейшая история Таджикистана XX века предоставляет внимания ученого целый ряд ярких примеров точек бифуркации в развитии политических процессов. Осмысление протекания политических процессов при приближении к этим точкам и в них самих, по нашему мнению, выступает одной из актуальных и интереснейших тем политической истории и истории государства и права Таджикистана.

Примером подобных политических процессов выступают процессы политической социализации и формирования политического сознания. Правда, в научных публикациях последнего десятилетия выдвинут обоснованный подход, рассматривающий возможность управления процессами политической и правовой социализации, а также построение технологий такого управления [1, с. 168-175].

Во втором случае, их элементы упорядочены, скоординированы, иерархичны в незначительной степени. На такие процессы оказывается внешнее управляющее воздействие со стороны государства, как основного института политической системы, но степень

интенсивности и глубины такого воздействия не столь велики, чтобы полностью устранить стихийность такого процесса, преодолеть внутреннюю, присущую ему логику саморазвертывания. Большинство политических процессов относится именно к числу таковых [1, с. 168-175].

В третьем случае, функционирование и изменение политических процессов, упорядочение и координация или субординация их элементов, происходит под влиянием не только и не столько внутренних, сколько внешних факторов (как со стороны государства и его органов, путем явного управления, так и путем косвенного управления, под воздействием изменения экономической, социальной или геополитической ситуации).

В силу возрастания террористических угроз, распространения террористических преступных идей исламского радикализма и фундаментализма, деструктивных действий ряда представителей таджикской «псевдооппозиции», политический процесс партийного строительства в Таджикистане, на протяжении 2015-2016 года трансформировался в подобный управляемый политический процесс.

Необходимо отметить, что слабо организованные политические процессы могут трансформироваться сначала во внешне организованные, а затем и в самоорганизующиеся системы. И наоборот, самоорганизующиеся или внешне организованные процессы могут трансформироваться в неорганизованные.

При анализе политических процессов, в том числе, и с точки зрения возможной их нормативной регуляции, необходимо всегда иметь в виду, что это процессы с участием человека и социальных групп. Поэтому в их центре должен стоять осуществляющий их человек. Личность в политических процессах может выступать как единичная, отдельная личность, либо как коллектив, группа, множество, совокупность личностей, либо как субъект политического или правового института, лицо правоотношения.

Общественные науки должны ориентироваться на человека как субъекта политических процессов, который через них, посредством своей политической деятельности и политических отношений, достигает своих человеческих индивидуальных или групповых целей, следует человеческим или групповым ценностям и нормам, руководствуется при принятии решений и оценке последствий именно ему присущими знаниями и уровнем компетенции. Поэтому-то, именно человек должен стать начальным, центральным и конечным пунктом любого исследования политических процессов.

Особое внимание должно уделяться не только коллективному, общему, но и личностному, особенному, единичному, уникальному и индивидуальному. Однако на основе познания общего, или закономерного, которое может быть «обществоведческим, отвечающим общесоциологическому критерию повторяемости..., и экзистенциональным, данным в научно-психологическом анализе личностных характеристик в строгом соответствии с реалиями эпохи» [8, с. 82].

При изучении политических процессов, в которых центральное место занимает человек, исследователю необходимо ориентироваться на «человеческое измерение» изучаемых процессов, на постижение в них духовного начала, которое не всегда поддаётся количественному измерению.

Можно полностью согласиться с А. Бадью в том, что «имя великого руководителя является символическим выражением всего становления политического процесса в его целостности» [2, с. 102]. Исследование политических процессов в современной науке должно происходить на основе так называемого «антропного принципа», согласно которому, необходимо устанавливать связь любого человека, любой его деятельности, любого процесса с его участием, со всей окружающей действительностью, рассматривая их не только в категориях объекта и субъекта, но и как взаимодействующие и взаимодополняющие сущности.

Современная политология все в большей мере признает, что политические процессы, во многом, по своей природе,

являются процессами коммуникативно-символическим, связанными с получением, обработкой и передачей различной социально-политической информации, созданием и ликвидацией определенных каналов движения социальной информации в обществе.

Например, демократизация, как политический процесс, неразрывно связана с свободным движением социальной информации, ее, в определенном смысле, излишним объемом, переполнением пропускной способности каналов ее трансляции. «Информационный шок» демократизации выступает одним из важнейших факторов недоверия к этому процессу, вызывает социально-психологический стресс у большинства населения и элит.

В свою очередь, расширение авторитарности существующей власти, вызывает недоиспользование имеющихся каналов информации, информационный голод в обществе, стремление получить информацию любым способом, приводит к недоверию власти, обвиняемой в укрытии и преднамеренном искажении информации о положении в обществе и протекающих политических процессах. В этом плане, примечательны уроки последних лет существования СССР, когда большинство населения не верила официальной информации, воспринимала ее с усмешкой и сарказмом.

При изучении политических процессов требуется, чтобы результатом были не только знания, но и ценности, и оценки суждения, определяющие чего-либо или кого-либо в качестве положительной или отрицательной ценности. В качестве результатов должны выступать не только знания, описывающие и объясняющие те или иные проявления политических процессов, их элементы и свойства, но и их понимание, превращение чужого в «своё-чужое».

Понять политический процесс во всем его многообразии и реальности проявления – значит не только беспристрастно выразить их в понятии, но обнаружить и выразить в нём их значение, ценность, смысл для людей, общества, определить его роль и дать ей оценку, значит открыть лежащие в его основе человеческие мотивы и цели, ожидания людей от достижения его конечной цели и участия в нем.

**Использованная литература**

1. Андреев, С.А. К вопросу о социально-организационном конструировании в системе образования / С.А. Андреев // Динамика и развитие иерархических (многоуровневых) систем (Теоретические и прикладные аспекты). - Казань: Волга-пресс, 2003. - С. 168-175.
2. Бадью, А. Загадочное отношение философии и политики / Ален Бадью; [пер. с фр. Д. Кралечкин]. – М.: ИОИ, 2013. - 107 с.
3. В защиту науки / 2008, № 3 / [редкол.: Э. П. Кругляков - отв. ред. и др.]. – М.: Наука, 2008. – 227 с.
4. Гомеров, И.Н. Парадигма политологии / И.Н. Гомеров. – Новосибирск: Новосибирский государственный университет, 2011. – 55 с.
5. Губин В.Б. О методологии лженауки: монография / В.Б. Губин. - М.: ПАИМС, 2004. – 172 с.
6. Гумирова, Г.Ф. Проблема предупреждения преступности и оптимизация исполнения уголовного наказания в виде лишения свободы в отношении несовершеннолетних в России / Г.Ф. Гумирова // Новые методы в решении фундаментальных проблем социальной философии: синергийная антропология. - Казань: Познание, 2009. - С. 458-464.
7. Зоир, Дж.М. Конституции Республики Таджикистан - 20 лет: монография / Дж.М. Зоир. – Душанбе: Эр-граф, 2014. - 150 с.
8. Ильин, В.В. Теория познания. Введение. Общие проблемы: монография. 3-е изд. Перераб. / В.В. Ильин. - М.: URSS, 2012. – 168 с.
9. Категории политической науки / Под ред. Мельвиль А.Ю. - М.: Росспэн, 2002. – 655 с.
10. Князева, Е. Н., Курдюмов, С. П. Синергетика как новое мировидение: диалог с И. Пригожиным// Вопросы философии. - 1992. - № 12. - С. 3-20.

11. Краснов, А.В. К вопросу об аксиолого-антропологических аспектах содержания санкций норм права / А.В. Краснов // Новые методы в решении фундаментальных проблем социальной философии: синергийная антропология. – Казань: Познание, 2009. - С. 315-321.

12. Моисеев, Н.Н. Естественнонаучное знание и гуманитарное мышление / Н.Н. Моисеев // Общественные науки и современность. - 1993. - № 2. - С. 63-75.

13. Муродов, С.А. Место и роль института посредничества в урегулировании социально-политических конфликтов: дис ... канд. полит. наук: 23.00.06 / Субхонджон Абдукодирович Муродов. - Душанбе, 2015. - 146 с.

14. Никитин, С.Г. Некоторые вопросы юридической (уголовно-правовой) науки в свете синергийной антропологии / С.Г. Никитин // Новые методы в решении фундаментальных проблем социальной философии: синергийная антропология. - Казань: Познание, 2009. - С. 478-487.

15. Новая философская энциклопедия. В 4 т. Т. 3 / В.С. Степин и [др.]. – М.: Мысль, 2010. – 692 с.

16. Оглезнев, В.В. Г.Л.А. Харт и формирование аналитической философии права: монография / В.В. Оглезнев. - Томск: 2012. – 214 с.

17. Пригожин, И., Стенгерс, И. Порядок и хаос: Новый диалог человека с природой / И. Пригожин, Изабелла Стенгерс; Пер. с англ. Ю. А. Данилова; Общ. ред. В.И. Аршинова и др. – М.: Прогресс, 1986. - 431 с.

18. Реале, Д., Антисери, Д. Западная философия от истоков до наших дней. В 4х тт. - Т.3. От романтизма до наших дней. Джованни Реале, Дарио Антисери; [пер. с итал. С. Мальцевой, науч. ред. Э. Соколов]. – СПб.: Петрополис, 2003. – 688 с.

19. Толковый словарь русского языка: 100000 слов, терминов и выражений:[новое изд.] / С.И. Ожегов; под общ. ред. Л. И. Скворцова. - 28-е изд., перераб. – М.: Мир и образование, 2015. – 1375 с.

20. Харт, Г.Л.А. Понятие права / Г.Л.А. Харт; под общ. ред. Е.В. Афонасина, С.В. Моисеева; [пер. с англ. Е.В. Афонасина и др. - СПб.: Санкт-Петербургский университет, 2007. - 300 с.

**References**

1. Andreev, S.A. On the issue of socio-organizational design in the education system / S.A. Andreev // Dynamics and development of hierarchical (multi-level) systems (Theoretical and applied aspects). – Kazan: Volga-press, 2003. – Pp. 168-175.

2. Badiou, A. The mysterious relationship between philosophy and politics / Alain Badiou; [translated from French by D. Kralechkin]. – M.: IOI, 2013. – 107 p.

3. In defense of science / 2008, No. 3 / [editorial board: E.P. Kruglyakov - ed. and others]. – M.: Science, 2008. - 227 p.

4. Gomerov, I.N. Paradigm of political science / I.N. Gomerov. – Novosibirsk: Novosibirsk State University, 2011. – 55 p.

5. Gubin VB On the methodology of pseudoscience: monograph / V.B. Gubin. – M.: PAIMS, 2004. – 172 p.

6. Gumirova, G.F. The problem of crime prevention and optimization of execution of criminal punishment in the form of imprisonment for minors in Russia / G.F. Gumirova // New methods in solving fundamental problems of social philosophy: synergistic anthropology. – Kazan: Cognition, 2009. – Pp. 458-464.

7. Zoir, JM The Constitution of the Republic of Tajikistan - 20 years: monograph / J.M. Zoir. – Dushanbe: Er-graf, 2014. – 150 p.

8. Ilyin, V.V. Theory of knowledge. Introduction. General problems: monograph. 3rd ed. Revised / V.V. Ilyin. – M.: URSS, 2012. – 168 p.

9. Categories of political science / Ed. Melville A.Yu. – M.: Rosspen, 2002. – 655 p.

10. Knyazeva, E.N., Kurdyumov, S.P. Synergetics as a new worldview: dialogue with I. Prigogine // Questions of Philosophy. – 1992. - No. 12. – Pp. 3-20.

11. Krasnov, A.V. On the issue of axiological and anthropological aspects of the content of sanctions of legal norms / A.V. Krasnov // New methods in solving fundamental problems of social philosophy: synergetic anthropology. – Kazan: Poznanie, 2009. – Pp. 315-321.

12. Moiseev, N.N. Natural science knowledge and humanitarian thinking / N.N. Moiseev // Social sciences and modernity. – 1993. – No. 2. – Pp. 63-75.

13. Murodov, S.A. Place and role of the institute of mediation in the settlement of socio-political conflicts: diss ... candidate of political sciences: 23.00.06 / Subkhondzhon Abdukodirovich Murodov. – Dushanbe, 2015. – 146 p.

14. Nikitin, S.G. Some issues of legal (criminal-law) science in the light of synergistic anthropology / S.G. Nikitin // New methods in solving fundamental problems of social philosophy: synergistic anthropology. – Kazan: Poznanie, 2009. – Pp. 478-487.

15. New Philosophical Encyclopedia. In 4 volumes. Vol. 3 / V.S. Stepin and others. – M.: Mysl, 2010. – 692 p.

16. Ogleznev, V.V. G.L.A. Hart and the Formation of Analytical Philosophy of Law: monograph / V.V. Ogleznev. – Tomsk: 2012. – 214 p.

17. Prigogine, I., Stengers, I. Order and Chaos: A New Dialogue between Man and Nature / I. Prigogine, Isabella Stengers; Trans. from English by Yu. A. Danilova; General editors V.I. Arshinov and others. – M.: Progress, 1986. – 431 p.

18. Reale, D., Antiseri, D. Western Philosophy from Its Origins to the Present Day. In 4 volumes. - V.3. From Romanticism to the Present Day. Giovanni Reale, Dario Antiseri; [translated from Italian by S. Maltseva, scientific ed. E. Sokolov]. – SPb.: Petropolis, 2003. – 688 p.

19. Explanatory Dictionary of the Russian Language: 100,000 Words, Terms, and Expressions: [new edition] / S.I. Ozhegov; under the general ed. of L.I. Skvortsov. - 28th ed., revised. – Moscow: Mir i obrazovanie, 2015. – 1375 p.

20. Hart, G.L.A. The Concept of Law / G.L.A. Hart; under the general ed. of E.V. Afanasin, S.V. Moiseev; [translated from English by E.V. Afanasina et al. – St. Petersburg: St. Petersburg University, 2007. – 300 p.

ТДУ 343.274

# ТАЪИНИ ҶАЗО ДАР НАМУДИ КОРҲОИ ҲАТМӢ

# НАЗНАЧЕНИЕ НАКАЗАНИЯ В ВИДЕ ОБЯЗАТЕЛЬНЫХ РАБОТ

# APPOINTMENT OF PUNISHMENT IN THE FORM OF COMPULSORY WORK

Зокирзода З.Х.,
Zokirzoda Z.Kh.
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
*Доцент кафедры права и государственного управления Педагогического института Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент*
*Associate Professor of the Department of Law and Public Administration Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor*



e-mail: zafar.khayrullozoda@mail.ru

Махмадёқубова С.М.
Mahmadekubova S.M.
*Магистранти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*Магистрант Таджикского государственного университета финансов и экономики*
*Master's degree at the state university of finance and economics of Tajikistan*



e-mail: saodat.mamadubova@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (5.1.4. Илмҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ).

*Научная специальность:* 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право (5.1.4. Уголовно-правовые науки).

*Scientific specialty:* 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law (5.1.4. Criminal law sciences).

*Тақриздиҳанда:* Абдурашидзода А.А. – котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия.

*Рецензент:* Абдурашидзода А.А. – секретарь Ученого совета Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции.

*Reviewer:* Abdurashidzoda A.A. – Secretary of the Academic Council of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, colonel of militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола масъалаи таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Зимни таҳқиқот муаллифон андешаҳои олимони ватанию хориҷиро ба инобат гирифта, баъзе ҷанбаҳои ҳалталаби масъалаи таъини ҷазоро дар намуди корҳои ҳатмӣ муайян карда, роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намудаанд. Зимни таҳқиқот муаллифон бар он хулоса омаданд, ки ҳангоми таъини ҷазои мазкур як қатор

масъалаҳои ҳалталаб ҷой доранд, ки боиси коҳишёбии таъини ҷазо дар амалия шудааст.
*Вожаҳои калидӣ:* таъин, ҷазо, ҷиноят, корҳои ҳатмӣ, ҷазои асосӣ, ҷазои иловагӣ, амалия, назария, ҳукми судӣ, омори ҷинояткорӣ, қонунгузории ҷиноятӣ.

*Аннотация*: В статье проанализирован и обсужден вопрос наказания в виде обязательных работ. В ходе исследования, учитывая мнение отечественных и зарубежных ученых, авторы выявили некоторые критические аспекты проблемы наказания в виде обязательных работ и предложили пути ее решения. В ходе исследования авторы пришли к выводу, что существует ряд вопросов, которые необходимо решить при назначении данного наказания, что приведет к снижению применения наказания на практике.
*Ключевые слова:* назначение, наказание, преступление, обязательные работы, основное наказание, дополнительное наказание, практика, теория, приговор суда, статистика преступности, уголовное законодательство.

*Annotation*: The article analyzes and discusses the issue of punishment in the form of compulsory labor. During the study, the authors took into account the opinion of domestic and foreign scientists, identified some critical aspects of the problem of punishment in the form of compulsory labor and proposed ways to solve it. During the study, the authors came to the conclusion that there are a number of issues that need to be addressed when assigning this punishment, which has led to a decrease in the use of punishment in practice.
*Key words:* appointment, punishment, crime, compulsory work, main punishment, additional punishment, practice, theory, court verdict, crime statistics, criminal legislation.

Солимгардонии иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳамчунин, беҳбудбахшии фазои маънавию ахлоқии ҷомеа дар кори мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва низ иқдомоти пешгирикунандаи содиршавии ҷиноят бояд аз аҳаммият ва таваҷҷуҳи таъинкунанда дар ин самт бархӯрдор бошад. Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки таваҷҷуҳи зиёд дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ то кунун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дода мешавад, ки шакли асосии иҷро ва амалишавии он ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити шаклгирии ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд дар кишвар, риояи принсипи дар авлавият қарор доштани ҳифзи озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ расидан ба ду мақсади аз ҷиҳати мазмун аз ҳамдигар мухталифро тақозо менамояд: истифода ва бакоргирии ҷазоҳои нисбатан сахттар нисбат ба шахсони гунаҳгор дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ва гуманизатсияи раванди таъин ва иҷрои ҷазо нисбат ба шахсоне, ки аз лиҳози иҷтимоӣ хавфи ҷиддӣ дар ҷомеа ба ҳисоб намераванд ва ислоҳу тарбияи онҳо бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият нигоҳ доштани ин афрод имконпазир аст.

Судҳо ҳангоми таъин намудани ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ мавқеи собиту муайян ишғол менамоянд. Бо таҳлили натиҷаҳои ба дастомадаи вобаста ба истифода гардидани ҷазои корҳои ҳатмӣ метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки намуди ҷазои мазкур аз тарафи судҳои ноҳияҳои Тоҷикистон нисбатан кам таъин карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар соли 2004 танҳо 0,3% шумораи умумии маҳкумшудагон ба ин намуди ҷазо маҳкум шудаанд; соли 2005 - 0,5%; дар соли 2006 - 0,9%; дар соли 2007 - 1%; дар соли 2008 - 1,5%; дар соли 2009 - 1%; дар соли 2010 - 0,9% [1, с. 96-97]. То соли 2010 корҳои ҳатмӣ ба сифати ҷазо дар 34 санксия дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, ки одатан барои ҷинояти начандон вазнин ҷавобгариро муқаррар менамояд.

Айни замон дар КҶ ҶТ аз шумораи 302 моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ дар 29 моддаи он 30 санксияи ҷазои корҳои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, ки 10 % ташкил медиҳад. Ҳолати зерин дар ҷадвал оварда мешавад.

**Ҷадвали 1.**

| Намудҳои ҷиноят | Қисми махсус | |
|---|---|---|
| | Моддае, ки дар он кори ҳатмӣ пешбинӣ шудааст | Шумораи санксияҳои корҳои ҳатмие, ки дар бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст |
| Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ | м.м. 112, 113, 115, 116, 119,127, 128, 129 КҶ ҶТ | 8 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обру ва эътибори шахсият | м. 134 КҶ ҶТ | 1 |
| Ҷиноятҳо ба муқобил аз озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ | 0 | 0 |
| Ҷиноят ба муқобили ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд | м.м. 114, 146, 177, 178 КҶ ҶТ | 4 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон | м.м. 177, 178 КҶ ҶТ | 2 |
| Ҷиноят ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ | м.м. 195, қ.4., 196, қ .4 КҶ ҶТ КҶ ҶТ | 2 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёт | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист | м.м. 226, қ.1., 236, қ.1 КҶ ҶТ | 2 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ | м. 237(1) КҶ ҶТ | 1 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили моликият | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо ба муқобилӣ ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ | м. 322, қ.1 КҶ ҶТ | 1 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ | м.м. 330, 339, 341, 343 КҶ ҶТ | 4 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ | м.м. 352, қ.1, 352, қ.2, 353, 355, 359 КҶ ҶТ | 5 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ | 0 | 0 |
| Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният | 0 | 0 |
| Ҳамагӣ | 29 | 30 |

Инчунин, бояд қайд кард, ки масъалаи ба таъхир андохтани адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ҳал нашудааст, зеро дар амал метавонад барои ба таъхир андохтани мӯҳлати ҷазо ҳам вобаста ба мушкилоти меҳнатӣ, рӯзмарра ва ҳам шахсии маҳкумшуда ва бо кор таъмин карда натавонистани мақомоти худидоракунии маҳаллӣ асос дошта бошад.

Ба андешаи Абдурашидзода А.А., аз низоми ҷазо хориҷ кардани намуди

ҷавобгарии ҷиноятӣ дар намуди кори ҳатмӣ бамаврид аст, зеро ба назар мерасад, ки кори ҳатмӣ дар таҷрибаи судӣ татбиқи амалии худро пайдо намекунад [1, с. 97].

Сарфи назар аз талошу кӯшишҳои ба харҷ додашуда, дар самти анҷомиислоҳоти батанзимдарории низоми иҷрои ҷазо ва таъини ҷазо, Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир аз ҷиҳати миқдори шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар муқоиса ба кишварҳои дигари Аврупо мутаносибан чанд баробар нишондодҳои бештарро доро мебошад.

Дар давраи 6 соли охир, яъне аз соли 2019 то соли 2024 теъдоди аҳолии ба маҳруми сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар Тоҷикистон ба нуқтаи ҳассоси худ расидааст: танҳо тайи ин давра, лозим ба зикр аст, ки дар кишвар дар асоси 62502 ҳукми судӣ ба 63842 нафар ҷазои ҷиноятӣ таъин гардидааст, ки аз ин шумора 23984 ҳукми онро ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ташкил медиҳад.

Агар ба таври дигар бигӯем, яъне ба 38,37%-и шахсон ҷазои ҷиноятии маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда мешавад, ки ба мақсад мувофиқ нест. Тақрибан, аз се як ҳиссаи ҳукмҳои судиро ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ташкил медиҳад.

Аз ҳукмҳои баровардашудаи 6 соли охир (2019-2024) корҳои ҳатмӣ 3986 парвандаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳукмҳои дар умум баровардашуда 6,37%-ро ташкил менамояд. Ҷадвали дар зер овардашуда таҷрибаи судии ҷазои корҳои ҳатмиро нишон медиҳад [3, с. 1]:

| Номгӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024* | 2022/2019 бо % |
| Ҳамагӣ, парвандаҳои баррасигардида (адад) | 10719 | 9749 | 10942 | 10972 | 11347 | 8776 | -18,12 |
| Корҳои ҳатмӣ (адад) | 586 | 673 | 585 | 812 | 757 | 573 | -2,21 |
| Нисбат ба умум, бо % | 5,46 | 6,90 | 5,34 | 7,40 | 6,67 | 6,52 | 1,06% |

Тавре рақамҳои ҷадвали мазкур шаҳодат медиҳанд, сол аз сол ҳиссаи ин намуди ҷазо дар таркиби ҳамагӣ парвандаҳои баррасигардида тамоили пасту баландшавӣ дорад. Масалан, шумораи ҷазоҳои таъиншуда дар соли 2019 586 адад (ё 5,46%), соли 2020 673 адад (ё 6,90%), соли 2021 585 адад (ё 5,34%), соли 2022 812 адад (ё 7,40%), соли 2023 757 адад (ё 6,67%) ва нуҳ моҳи соли 2024 573 адад (ё 6,52%)-и ҳамагӣ парвандаҳои баррасигардидаро ташкил медиҳад, ки дар 6 соли таҳлилшаванда аз ҷиҳати афзоиши ададӣ - 2,21% коҳиш ёфтааст, вале ин нишондиҳанда аз ҷиҳати ҳиссаи фоизӣ баракс ба андозаи 1,06% тамоили болоравӣ дорад. Ин ба он маъност, ки агарчи дар таркиби умумии парвандаҳо шумораи парвандаҳо коҳиш ёфта бошанд, ҳам вале то ҳол фоизнокии бештар ба ин намуди ҷазо рост меояд.

Бояд ёдовар шуд, ки таъини ҷазои корҳои ҳатмӣ ҳанӯз ҳам назар ба ҷазоҳои дигар хело ҳам кам мебошад. Аз як тараф, сабаби кам таъин шудани ин намуди ҷазо, аз соли 2004 ба КҶ ҶТ дохил шудани он бошад, аз тарафи дигар боз масъалаҳои зиёде ҷой доранд, ки ба иҷрову адои самараноки ин намуди ҷазо монеъ мешаванд.

Ҳукмҳои судӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ аз ҷониби судҳо ба баъзе хатогиҳо роҳ дода мешавад. Аз ҷумла, мутобиқи ҳукми суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон аз санаи 22.09.2015 нисбати шаҳрванд Ш.М.С. мутобиқи б. “в” қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста ашуда, мутобиқи қ. 4, 6 м. 87 ва м. 63 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати 80 соат бо давомнокии на зиёда аз ду соат дар як рӯз таъин гардидааст [7]. Аз

* Рақамҳо аз ҳисоботи нуҳмоҳаи соли 2024 гирифта шудаанд.

ҳукм бармеояд, ки шаҳрванд Ш.М.С. соли таваллудаш 1999 буда, дар синфи 11 таҳсил менамояд. Аммо, аслан соли 2015 шаҳрванд дар синни 16 солагӣ қарор дошт, ки вай наметавонист дар синфи 11 таҳсил намояд. Синфи 11 аслан шахсони 17-18 сола таҳсил менамоянд. Суд давомнокии ҷазоро на зиёда аз ду соат дар як рӯз нодуруст табиқ намудааст. Зеро мутобиқи м. 87 қ. 4 КҶ ҶТ ба ноболиғони аз 16 то 18 сола давомнокии кор на зиёда аз се соатро ташкил медиҳад.

Ҳамин масъала дар ҳукми дигар дуруст нишон дода шудааст. Масалан, мутобиқи ҳукми суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон аз санаи 14.02.2023 нисбати шаҳрванд С.Ф.А. мутобиқи б. "б" ва "в" қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, мутобиқи м. 87 ва м. 63 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати 100 соат бо давомнокии на зиёда аз се соат дар як рӯз таъин гардидааст [6]. Аз ҳукм бармеояд, ки шаҳрванд соли таваллудаш 2005 буда, дар соли 2023 дар синни 18-солагӣ қарор дорад. Бинобар ин, давомнокии вақти корро на зиёда аз се соат дуруст таъин кардааст.

Ҳамзамон, дар масъалаҳои зикршуда баҳси дигар ин аст, ки ҷинояти дуздӣ аз ҷониби ноболиғон бисёр содир мегардад, вале дар санксияи м. 244 КҶ ҶТ ҷазоҳое нишон дода шудааст, ки барои ноболиғон татбиқ карда намешаванд. Ҳангоми таҳияи санксияи мазкур ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон барои ҷинояти дуздӣ ба инобат гирифта нашудааст. Бо ин назардошт, беҳтар мебуд, ки дар санксияи моддаи 244 КҶ ҶТ ҷазоҳое ба монанди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ муқаррар карда шаванд.

Масъалаи дигар ин аст, ки судҳо дар баъзе ҳукмҳо лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани ҳукмро нишон надодаанд. Масалан, мутобиқи ҳукми суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон аз санаи 03.05.2023 нисбати шаҳрванд Р.Т.И. мутобиқи қ. 1 м. 234 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати 160 соат бо давомнокии на зиёда аз чор соат дар як рӯз таъин гардидааст [5]. Аммо дар ҳукм нишон дода нашудааст, ки иҷроиши ҳукм аз кадом лаҳза оғоз мегардад. Чунин ҳолат дар дигар ҳукмҳо низ ба назар мерасад. Масалан, мутобиқи ҳукми суди ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон аз санаи 03.05.2023 нисбати шаҳрванд Б.А.А. мутобиқи қ. 1 м. 234 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати 160 соат бо давомнокии на зиёда аз чор соат дар як рӯз таъин гардидааст [5].

Дар ҳукми мазкур низ лаҳзаи оғози иҷроиши ҳукм нишон дода нашудааст. Мутобиқи қ. 2 м. 29(1) Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КИҶҶ ҶТ) маҳкумшуда, бояд дар муҳлати на дертар аз 15 рӯз ба нозироти корҳои ислоҳӣ ҳозир шавад. Аммо, дар КҶ ҶТ ва ҳукмҳо масъалаи муайян кардани навъи кор ба мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ вогузор шудааст. Пас, маълум мегардад, ки ҳозир шудани маҳкумшуда ба нозирот ҳанӯз маънои оғози ҷазоро надорад. Зеро маҳкумшуда ба кор шуруъ накардааст. Бинобар ин, дар ҳукм масъалаи оғози муҳлати адои ҷазо бояд нишон дода шавад.

Масъалаи мазкур дар ҳукми судии дигар чунин ҳал шудааст: мутобиқи ҳукми суди ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон аз санаи 22.09.2015 нисбати шаҳрванд Ш.М.С. мутобиқи б. "в" қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, мутобиқи қ. 4 ва 6 м. 87 ва м. 63 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати 80 соат бо давомнокии на зиёда аз ду соат дар як рӯз таъин гардидааст [7]. Дар ҳукм ҳамзамон зикр гардидааст, ки муҳлати адои ҷазо нисбати ноболиғ Ш.М.С. аз рӯзи ба чунин корҳо ҷалб кардани ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ғайр аз ин, инчунин, масъалаи баланд бардоштани самаранокии корҳои ҳатмӣ ва васеъ намудани асосҳои татбиқ намудани он низ ҳалли худро талаб менамояд.

Чунин вазъият ба ин далел ба вуҷуд омадааст, ки аз рӯйи санксияҳои вобаста ба меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд ба ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин ва дараҷаи миёна бартарият доштанд. Ҳамчунин, дар ин

замина яксон ва якранг будани таҷрибаи амалии судҳо доир ба таъйини намудҳои мушаххаси ҷазоҳои татбиқшаванда таъсиргузор будааст. Маҳз ба ин далел амалисозии сиёсати ҷиноятии муосир тавассути давлат зарурати роҳандозӣ ва истифодаи васеи намудҳои ҷазоҳои нав дар амалия ва таҷрибаи равандҳои ҳуқуқтатбиқкуниро, ки иҷрои онҳо ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест, ба миён гузошт. Яке аз чунин ҷазоҳо, ки он дар муқобили ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ қарор дорад, ҷазои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.

**Диаграммаи 1.**




| | *2019 с.* | *2020 с.* | *2021 с.* | *2022 с.* | *2023 с.* | *2024 с.* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ баррасӣ гардид* | 1079 | 9749 | 10942 | 10972 | 11347 | 8776 |
| *Корҳои ҳатмӣ* | 586 | 673 | 585 | 812 | 757 | 573 |
| *Корҳои ислоҳӣ* | 588 | 710 | 535 | 575 | 537 | 368 |
| *Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ* | 44 | 52 | 41 | 65 | 63 | 84 |

Ҷазои корҳои ҳатмӣ ба сифати яке аз намудҳои ҷазо тавассути қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ” аз 17-уми майи соли 2004 мавриди истифода қарор гирифт. Бо мақсади хориҷ намудани ҷазои ҳабс ва васеъ намудани доираи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, инчунин, бо мақсади татбиқи сиёсати давлат оид ба инсонпарварона кардани қонуни ҷиноятӣ ба КҶ ҶТ моддаи 48(1) бо номи «корҳои ҳатмӣ» ворид карда шуд, ки қонуни ҷиноятӣ ҳамқадами шароити иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии кишвар гардонида шуд.

Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таъйини ҷазои мазкур аз тарафи мақомоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон густариши назаррас надорад. Маҳз ин нукта ба мубрам будани мавзуи мавриди назар ва зарурати анҷоми таҳқиқу омӯзиши махсуси ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа ишора мекунад.

Ҳамчунин мубрам будани мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки бар асоси Қонуни ҶТ аз 2.01.2018, № 1472 ба моддаи 48(1) КҶ ҶТ тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, мафҳуми он дар таҳрири зерин муқаррар карда шуд: “Корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян менамояд”.

Корҳои ҳатмӣ мумкин аст танҳо ба сифати ҷазои асосӣ таъин шавад:

– вақте ки он бевосита дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст;

– аз рӯйи тартиби таъини ҷазои сабуктар назар ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (м. 63 КҶ ҶТ);

– дар ҳолати ба ҷазои сабуктар иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо (м. 77 КҶ ҶТ).

Корҳои ҳатмӣ ба қатори ҷазоҳои муҳлатнок дохил мешавад. Муҳлати он бо соатҳо ба ҳисоб гирифта шуда, давомнокиаш аз шаст то дусаду чил соат муқаррар карда мешавад ва на зиёда аз чор соат дар як рӯз адо карда мешавад (қ. 2 м. 48 КҶ ҶТ).

Корҳои ҳатмӣ ба мухлати аз чил то як саду шаст соат таъин карда мешавад, ки он аз иҷрои корҳои барои ноболиғон мувофиқ берун аз вақти таҳсил ё корҳои асосӣ иборат аст. Давомнокии иҷрои чунин намуди ҷазо нисбати ноболиғони то синни шонздаҳсола аз ду соат дар як рӯз ва нисбати ноболиғони синни аз шонздаҳ то ҳаждаҳсола аз се соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад (қ. 2 м. 87 КҶ ҶТ).

Бояд гуфт, ки аксарияти олимони ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин фикр баён мекунанд, ки нисбат ба ноболиғони маҳкумшуда истифодаи корҳои ҳатмӣ бештар барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо мусоидат менамояд, зеро аз сабаби хусусиятҳои синну сол ва нокомил будан ноболиғон ба таъсири ислоҳӣ бештар ниёз доранд ва нисбати калонсолон дар адои ҷазо душворӣ мекашанд, бинобар ин чораҳои сахттар ба мисли ҷарима ба мақсадҳои ҷазо мувофиқ нестанд, зеро аксар вақт ҷарима иҷро намегардад [13, с. 108].

Чунин асосҳо низ ҳангоми муайян намудани давомнокии корҳои ҳатмӣ ба инобат гирифта шудааст. Аз ҳамин сабаб, ин муҳлат набояд давомнок бошад ва ҳама вақт берун аз корҳои асосӣ ё таълимро ишғол намояд.

Корҳои ҳатмӣ – ин ҷазоест, ки ҳангоми он шахс имконият дорад гуноҳи худро дар назди ҷамъият, давлат ба воситаи муҳлати худ харад, ҳангоми ин кори худ, ҳолати муқаррари оилаи худро нигоҳ медорад. Дар фарқият аз корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда ба корҳои ҳатмӣ ҷазоро дар вақтҳои берун аз кори асосӣ ё таълим адо менамояд.

Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои корҳои ҳатмӣ, суд онро ба ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, иваз менамояд (қ. 5 м. 48(1) КҶ ҶТ).

Ашаддӣ саркашӣ намудан аз адои корҳои ҳатмӣ маҳкумшудае эътироф мешавад, ки:

а) зиёда аз ду маротиба дар давоми як моҳ барои адои ҷазои корҳои ҳатмӣ бе сабабҳои узрнок набаромада бошад;

б) зиёда аз ду маротиба дар давоми як ҳафта интизоми меҳнатро вайрон карда бошад;

в) бо мақсади саркашӣ намудан аз адои ҷазо пинҳон шавад (м. $29^5$ КИҶҶ ҶТ).

Нисбати маҳкумшудагоне, ки аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ оид ба иваз намудани ҷазои корҳои ҳатмӣ бо дигар намуди ҷазо тибқи талаботи қисми 5 моддаи 48(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод мефиристад.

Ба назари мо, чунин қоидаи иваз намудани корҳои ҳатмӣ, ки дар қ. 5 м. 48(1) КҶ ҶТ муқаррар шудааст, на он қадар ҳам мантиқӣ ва асоснок ҳисобида мешавад, зеро аз як тараф маҳдуд кардани озодӣ то бунёди ҷойҳои махсуси иҷрои он дар амалия иҷро намешавад. Танҳо ҳангоми ашаддӣ саркашӣ кардан аз корҳои ҳатмӣ барои ивазнамоӣ корҳои ислоҳӣ боқӣ мемонад.

Аммо иваз намудани корҳои ҳатмӣ бо корҳои ислоҳӣ чандон асоснок нест, чунки шахс аз кор саркашӣ мекунад ва суд корро боз ба кор иваз мекунад. Бинобар ин, мо чунин пешниҳод менамоям, ки дар ҳолатҳое, ки шахс ашаддӣ аз адои корҳои ҳатмӣ саркашӣ менамояд он бояд бо ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шавад.

**Ҷадвали 2.**

**Шумораи шахсоне, ки ба корҳои ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2024 маҳкум шудаанд**

| Солҳо | Шумораи маҳкумшудагон (нафар) | | Таносуби ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда нисбат ба шумораи умумии маҳкумшудагон, бо % |
|---|---|---|---|
| | Ҳамаи маҳкумшудагон | Ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда | |
| 2019 | 10384 | 586 | 5,64 |
| 2020 | 10458 | 673 | 6,43 |
| 2021 | 10349 | 585 | 5,65 |
| 2022 | 11091 | 812 | 7,32 |
| 2023 | 12044 | 757 | 6,28 |
| 2024 | 9516 | 573 | 6,02 |
| Ҳамагӣ | 63842 | 3986 | - |
| Таносуб дар соли 2024/2019, бо % | - 8,35 | - 2,21 | 0,38 |

Тавре аз рақамҳои ҷадвали 3 маълум мегардад, дар ҷумҳурӣ шумораи шахсони ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда, дар парвандаҳои дар маҷмуъ баррасигардида, сол аз сол тамоили тағйирёбанда доранд. Шумораи шахсони маҳкумшуда дар 6 соли охир (2019-2024) дар кишвар 63842-нафарро ташкил медиҳад, ки дар соли 2024 шумораи онҳо нисбат ба соли 2019 ба миқдори - 868 нафар ва ё ба андозаи – 8,35% коҳиш ёфтааст. Дар ин давра, шумораи нафарони ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда 3986-нафар буда, дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 шумораи онҳо - 13 нафар ва ё - 2,21% кам гардидааст.

Таносуби шахсони ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда дар қиёс ба шумораи умумии маҳкумшудагон дар давраи таҳлилии солҳои 2019-2024 гуногун буда, дар сатҳи ±2% тамоили каму зиёдшавӣ дорад. Шумораи шахсони ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда дар давраи таҳлилшаванда нисбат ба парвандаҳои дар маҷмуъ баррасигардида дар соли 2019 андозаи 5,64%, 2020 – 6,43%, 2021 – 5,65%, 2022 – 7,32%, 2023 – 6,28% ва 2024 – 6,02%-ро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давраи таҳлилӣ шахсони ба корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда дар кишвар ба ҳисоби миёна ҳамасола 6,22%-и шумораи маҳкумшудаҳоро ташкил медиҳанд.

Намудҳои ҷазоҳои монанд ба ҷазои корҳои ҳатмӣ, бояд гуфт, ки муддати тулонист, ки дар бисёр кишварҳои хориҷӣ вуҷуд доранд ва мавриди истифода қарор мегиранд. Қабл аз инқилоб, дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ҷазои вобаста ба корҳои ҳатмӣ вуҷуд дошт. Дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ҷазоҳо ба намудҳои асосии зерин тақсим мешуданд:

а) ҷазои ҷисмонӣ;

б) харидани гуноҳ (айб) ба қимати моликият;

в) бегорӣ (таъйини корҳои ҳатмӣ ба сифати муҷозот) экскоммуникатсияи табаиятӣ.

Танзими ҳуқуқи ҷиноятии институти корҳои ҳатмӣ баъдан аз қонунгузориҳои Олмон ва Фаронса гирифта шуд. Дар асри XIX ниҳоди мазкур дар қонунгузории Швейтсария, Фаронса ва Италия вуҷуд дошт ва амал менамуд. Корҳои ҳатмӣ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳоли ҳозир дар қонунгузориҳои ҷиноятии муосири як қатор кишварҳои пешбинӣ шудааст. Барои намуна, ҳоло корҳои ҳатмӣ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ дар қонунгузориҳои ҷиноятии кишварҳое аз қабили Англия, ИМА, Норвегия, қонунгузории Ҷумҳурии Озарбойҷон (соли 1999), Ҳолланд (соли 1886), Дания (соли 1930), Беларус (соли 1999), Гурҷистон (соли 1999), Испания (соли 1995), Қазоқистон (соли 1997), Қирғизистон (соли 1997 ), Латвия (соли 1998), Литва (соли 2000), Молдова (соли 2002), Украина (соли 2001), Фаронса (соли 1992) пешбинӣ шудааст.

Барои муайян намудани иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятии бемузд дар қонунгузории кишварҳои фазои собиқ

сотсиалистӣ ба ҷойи истилоҳи “корҳои ҳатмӣ” аз истилоҳи дигари “корҳои ҷамъиятӣ” истифода мешавад [11, с. 345].

Корҳои ҳатмӣ яке аз намудҳои ҷазои асосие мебошад, ки нисбат ба шахсони дорои қобилияти меҳнатӣ таъин мегардад. Хусусияти ин намуди ҷазо аз он иборат мебошад, ки бемузд мебошад ва он берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ҳамчун кори ҷисмонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муфид ва зарур дар маҳалли сукунати шахси маҳкумшуда зери назорати мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар муддати замони аз ҷониби суд муаяйнгардида иҷро карда мешавад.

Лозим ба зикр аст, ки дар бисёре аз мавридҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ муаллифон ҳангоми омӯзишу таҳқиқи масъала фақат ба унсурҳои алоҳидаи ҷазо ишора мекунанд.

Барои мисол, Здравмислов Б.В. ба ин назар буд, ки “аломати ҷазои мазкур дар навбати аввал ҳатмӣ будани иҷрои корҳо, яъне маҷбурӣ будани иҷрои чунин корҳо мебошад. Дуюм, чунин корҳо ба таври бемузд иҷро карда мешаванд, яъне шахси маҳкумшуда дар ивази иҷрои корҳои ҳатмӣ ҳеҷ гуна музду маоши муайян дарёфт намекунад. Хусусияти сеюми ин корҳо дар он зоҳир мегардад, ки корҳои ҳатмӣ дар вақти ҷудо аз замони иҷрои шуғли асосӣ (бегоҳ ва ё дар рӯзҳои ғайрикорӣ ба истисноӣ рӯзҳои ид) дар маҳалли зисти шахси маҳкумшуда иҷро карда мешаванд” [11, с. 345]. Погосян Т.Ю. чунин меҳисобад, ки “ҳаҷми таъсиргузории ҷазоии корҳои ҳатмӣ аз бисёр ҷиҳат ба мухлати иҷро ва хусусияти чунин корҳо, ки навъи мушаххаси онҳо тавассути мақомоти худидоракунии маҳаллӣ муайян мегардад”, вобаста мебошад [12, с. 338].

Тараленко К.Н. зимни ишора ба мазмун ва моҳияти ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ, ба ҷанбаҳои миқдорию сифатии масъала таъкид менамояд. Ба назари ин муаллиф, “дар сурати чунин бархӯрд, мазмун ва моҳияти ҷазо дар намуди корҳои ҳатмиро ташкил медиҳад: маҳдудсозии ҳуқуқи истироҳат, маҳдудсозии ҳуқуқии пардохти музди меҳнат, маҳдудсозии ҳуқуқу озодии интихоби навъи меҳнат” [9, с. 68].

Ҷанбаи миқдории мазмун ва моҳияти ҷазои корҳои ҳатмиро муаллиф аз нигоҳи ҳаҷм ва дараҷаи маҳдудияти ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Бинобар тасдиқи Тараленко К.Н., ҳаҷми маҳдудияти ҳуқуқии вобаста ба ҷазои корҳои ҳатмӣ ба давомнокӣ, дараҷаи маҳдудсозии ҳуқуқӣ тавассути ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ вобаста аст ва он аввалан дар шиддатнокии кори ҳаррӯзае, ки шахси маҳкумшуда ба иҷрои он ҷалб мегардад ва ҳамчунин, намуду вазнинии корҳои ҳатмии муайяншуда инъикос меёбад [9, с. 68].

Ҳамчунин наметавон нодида гирифт, ки як зумра олимону муаллифон, ҳангоми баррассии корҳои ҳатмӣ, мазмуну моҳияти онҳоро ба таври ҳаматарафа таҳқиқу баррасӣ наменамоянд ва бархилофи ин онҳо, маъмулан, ба иқтибос аз қонунгузории ҷиноятӣ маҳдуд мегарданд. Онҳо, асосан, ба аломатҳо ва хусусиятҳои ҷазои мавриди назар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва дар ин миён ба таври махсус унсурҳои сазоиро, ки мазмун ва моҳияти ҷазои мавриди назарро ташаккул медиҳанд, таҳлилу баррасӣ намекунанд [8, с. 433].

Пеш аз ҳама, ҷазо дар корҳои ҳатмӣ мисли дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ дар амали маҳкум намудани шахси маҳкумшуда аз номи давлат инъикоси худро меёбад. Дар зимн, худи амали маҳкумият метавонад шахсони маҳкумшударо дучори ҳолати руҳиву равонии ғаму андӯҳ, ноумедӣ, пушаймонӣ, азоби виҷдон, надомат ва ғайра) гардонад. Мизон ва дараҷаи чунин нигаронихо метавонад мухталиф бошад ва он дар навбати худ ба вижагии шахсият ва дараҷаи нобасомонии иҷтимоиву маънавии он бастагӣ дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, як қатор муаллифоне, ки ба таҳқиқу баррасии мазмун ва моҳияти ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ машғул мебошанд, изҳори назари баҳсбарангезу номуайян мекунанд.

Ҳамин тавр, бархе аз муаллифон зимни таҳқиқу баррассии ҷазои ҷиноятии мавриди назар, пешниҳод мекунанд ҳукми суд на танҳо ба маълумоти коллективе, ки

дар он шахси маҳкумшуда адои ҷазо мекунад, балки ба иттилои раҳбарият ва дӯстону касоне, ки бо шахси маҳкумшуда кор ва таҳсил мекунанд, расонида шавад [2, с. 37]. Дар чунин ҳолат мазмун ва моҳияти ҷазоии корҳои ҳатмӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Вале дар ин миён набояд фаромӯш сохт, ки расонидани маълумот дар бораи ҳукми суд ба самъи коллектив ва ҳамчунин, роҳбарияти муассиса ва ё корхонаи асосие, ки шахси маҳкумшуда дар онҳо машғули кору таҳсил аст, метавонад на танҳо ба дурнамои шуғлии ӯ, балки ба равобиту муносиботи шахсии шахси маҳкумшуда бо коллектив ба таври ҷиддӣ таъсири манфӣ гузорад.

Сарфи назар аз ин, бо мақсади истифодаи нисбатан муассири ҷазои ҷиноятӣ дар намуди кори ҳатмӣ бояд ба назару пешниҳоди як қатор муаллифон дар бораи зарурати расонидани хабари ҳукми суд ба маълумоти роҳбарияти муассисае, ки шахси маҳкумшуда дар он машғули меҳнат ва ё таҳсил аст, розӣ шуд.

Дар баробари ин ҳатмӣ нест, ки хабари ҳукми суд ба маълумоти коллективе, ки шахси маҳкумшуда дар он адои ҷазо мекунад ва ё ба маълумоти ҳамкорони ӯ расонида шавад. Набояд ба андешаи он гурӯҳи муллифоне розӣ шуд, ки бар асоси назари онҳо доштани доғи судӣ яке аз унсурҳои ҷазоии корҳои ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

Журавлев М.П. ба таври барҳақ қайд менамояд, ки “доғи судӣ ҷузъи мазмун ва моҳияти ҷазоро ташкил намедиҳад ва он фақат натиҷаи ҳуқуқии ба кор бурда шудани ҷазо ба ҳисоб меравад” [10, с. 264]. Зимни таҳлилу барраси корҳоии ҳатмӣ, лозим ба зикр аст, ки маҳрум, маҳдуд намудани ҳуқуқ, манфиатҳо ва вазифаҳои қонунии шахси маҳкумшуда, ки таркиби ҷазои мавриди назарро ташкил медиҳанд, на фақат дар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, балки дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳамчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар низ пешбинӣ шудаанд. Чунин вазъ бо қ. 1 м. 46 КҶ ҶТ мухолифат дорад. Мувофиқи он ҷазо аз маҳрум ва ё маҳдуд сохтани ҳуқуқу озодиҳои пешбинишудаи шахси маҳкумшуда иборат мебошад. Қонунгузор имкони пешбинӣ шудани маҳдудсозии ҳуқуқиро, ки дар дигар манбаъҳо ба ғайр аз КҶ ҶТ инъикос ёбанд, пешбинӣ накардааст.

Унсурҳои ташкилдиҳандаи мазмуни ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ бояд фақат дар ҳуқуқи моддӣ, ба таври мушаххастар агар бигӯем, дар Кодекси ҷиноятӣ инъикос ёбанд. Дар айни замон, бояд қайд намуд, ки қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонад ин ё он навъ маҳрумият, маҳдудият ва илова кардани манфиат ва вазифаҳои қонунии шахсони маҳкумшударо, ки унсури мазмуни ҷазоро ташкил медиҳанд, аз нав эҷод намояд, вале мустақилона наметавонад онҳоро муқаррар созад.

Наташев А.Е. барҳақ қайд намуда буд, ки “мазмуни ҳар як намуди ҷазои ҷиноятӣ ба таври истисноӣ тавассути қонунгузории ҷиноятӣ муайян мегардад ва ба мавзуи ҳуқуқи ҷиноятӣ марбут аст. Ин ба таносуби вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вобаста аст. Аваллӣ, барои мисол, агар муайн созад, ки кадом навъ кирдорҳои ҷамъиятии хавфнок кирдорҳои ҷиноятӣ шинохта мешаванд, дуввумӣ баръакс, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятиро мақсади асосии худ қарор медиҳад. Муайян намудани ҷазои бемазмун мафҳуму маъное надорад. Дар навбати худ, таъмини иҷрои ҷазо, ба маънои муайян кардани мазмуну моҳияти он нест” [4, с. 12].

Моҳияти корҳои ислоҳӣ, аз таъмини иҷрои мақсадҳои ҷазо иборат мебошад: ислоҳи шахси маҳкумшуда ва пешгирӣ аз содир шудани ҷиноят тавассути ӯ ва ҳамчунин шахсони дигар. Воситаи асосии ислоҳи шахсони маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ меҳнати ҷамъиятии фоиданок ба ҳисоб меравад. Истифодаи меҳнат ба табиати иҷтимоии он вобаста аст, яъне он асоси моддии ҷанбаи тарбиявиву ислоҳии шахсро ташкил медиҳад. Тавассути меҳнат тарбияи шахс дар руҳияи эҳтиром ба манфиатҳои ҷомеа, қонун, рушди маҳоратҳои корӣ, сифатҳои муназзамӣ ва бовиҷдон будан ба амал меояд.

Аломатҳои асосии корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди алоҳидаи ҷазо ба ҳисоб мераванд:

1) ин намуди ҷазо бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста нест ва он имкон медиҳад, ки робитаҳои фоиданоки ҷамъиятии шахси маҳкумшуда ҳифз гарданд;

2) фақат ҳамчун намуди асосии ҷазо ба кор бурда мешавад;

3) яке аз намудҳои сабуктарин ва дар айни замон муассири ҷазо ба ҳисоб меравад, ки дар Кодекси ҷиноятии кишвар пешбинӣ шудааст;

4) корҳои ҳатмӣ ҷазои ҷиноятӣ бо мазмун ва моҳияти мушаххас дониста мешаванд;

5) нисбат ба доираи шахсоне, ки дар қ. 3 м. 48 КҶ ҶТ омадааст, таъин намегарданд;

6) метавонанд нисбат ба шахсони ноболиғ таъин гарданд;

7) дар сурати саркашӣ аз иҷрои онҳо, метавонанд бо ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, иваз карда шаванд;

8) шахсе, ки аз рӯйи ҷазои корҳои ҳатмӣ адои ҷазо намудааст, ба муддати як сол шахси маҳкумшаванда шинохта мешавад. Ба ин далел ӯ метавонад дар худ эҳсоси нороҳатӣ намояд ва дар баъзе ҳолатҳо ҳуқуқҳояш поймол гарданд.

Дар баробари ин, лозим ба зикр аст, ки ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ корҳои ҳатмӣ ба таври лозим мавриди истифода қарор нагирифтаанд ва аз имконоти онҳо ба таври пурра ва зарурӣ истифода нашудааст.

Мутобиқи қ. 1 м. 48 КҶ ҶТ корҳои ҳатмӣ асосан ҳамчун ҷазои асосӣ барои содир гардидани ҷиноятҳои ба ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна, барои мисол маҷбуркунӣ (м. 134 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ ( қ. 1 м. 144 КҶ ҶТ) вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот (қ. 1 м. 146 КҶ ҶТ), бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон (қ. 1 м. 177 КҶ ҶТ), бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат (қ. 1 м. 178 КҶ ҶТ) таъин карда мешаванд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Мазмуни ҷазои мазкур бояд ба номгузории “корҳои ҷамъиятӣ” ё “пешниҳод намуди хизматрасонии бемузд ба ҷамъият” мувофиқ гардонида шавад, яъне ҷазои мазкур бояд на чун корҳои ҳатмӣ, балки “корҳои ҷамъиятӣ” номгузорӣ гардад.

1. Хусусияти ҳатмӣ доштани ин корҳо бояд чи тавре, ки дар бисёр давлатҳои хориҷӣ қабул шудааст бо пешниҳод намудани имконият ба гунаҳкор оид ба бо хоҳиши худ адо намудани ҷазои дигар дар сатҳи қонунгузорӣ маҳдуд шавад, яъне ҷазои корҳои ҳатмӣ танҳо бо розигии гунаҳкор таъин гардад. Агар ӯ барои адои корҳои ҳатмӣ розӣ набошад, метавонад ҷазои дигарро иҷро ё адо намояд, масалан, ҷарима ё корҳои ислоҳиро. Ҳатто фактҳое ҳастанд, ки ин гуна маҳкумшудагон аз иҷрои уҳдадорӣ саркашӣ мекунанд, кор накарда, намоишкорона бо ариза дар бораи ба суд муроҷиат мекунанд, ки дар нисбаташон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намоянд.

2. Мухлати корҳои ҳатмӣ барои шахсони бекор то 8 соат дар як рӯз муқаррар шавад. Чунин таҷриба дар Федератсияи Русия низ мавҷуд мебошад, ки мувофиқи қонунгузории он 480 соат корҳои ҳатмӣ ба тариқи максималӣ пешниҳод шудааст, ки агар шахс 8 рӯз дар давоми рӯз иҷро кунанд дар давоми 2 моҳ ба таври пурра ҷазоро адо мекунад, ки таъини ҷазоро сабук намуда, ба мартаботи низоми ҷазо, ки аз ҷазои сабук ба ҷазои вазнин сурат мегирад мувофиқат менамояд. Ин ба маҳкумшуда имконият медиҳад, ки мухлати ҷазоро ҳар чӣ зудтар адо намояд ва ҳам бо кор таъмин намудани маҳкумшударо осонтар менамояд. Дар ин бобат барои он ки самараи кори ҳатмӣ таъмин карда шавад

бояд амалҳои зерин ба сомон расонида шавад:

– муҳлати ниҳоии кори ҳатмӣ то 480 зиёд карда шавад, соат, ки ин ҷазоро сахттар мекунад, бинобар ин бештар рақобатпазир бо маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар ниҳояти кор ба кам кардани истифодаи охирин кӯмак хоҳад кард;

– имконияти кам кардани муҳлати кори ҳатмиро бояд аз тарафи суд бо пешниҳоди нозири иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё бо хохиши маҳкумшуда вақте, ки ӯ софдилона меҳнат кардааст на камтар аз нисфи соат муқаррар намояд;

– иваз намудани корҳои ҳатмӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ дар сурати қасдан саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои хизмати онҳо ҳисоб кардани “як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ барои як соати уҳдадориҳои адонашуда” ҷолиб ба назар мерасад. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки ҳаҷми соат ба 480 соат расонида шавад.

3. Дар назди идораи корҳои ислоҳӣ ё дар мақомотҳои маҳаллии ҳокимият хадамоти махсуси иҷрокунандаи ҷазои корҳои ҳатмӣ ташкил карда шавад. Чунки ба зиммаи нозироти корҳои ислоҳӣ, ки бе иҷрои ҷазои мазкур боз дорои вазифаҳои зиёд мебошанд, гузаштани иҷрои корҳои ҳатмӣ мувофиқи мақсад нест. Ғайр аз ин, дар бисёр давлатҳои хориҷӣ оид ба назорати иҷрои ин намуди ҷазо мақомотҳои махсус амал мекунанд, ки вазифаи асосии онҳо маҳз аз ташкилу иҷрои ин ҷазо иборат аст. Бинобар ин, ба назари мо ташкили чунин хадамоти махсус метавонад, ҷараёни иҷрои ҷазои корҳои ҳатмиро боз ҳам беҳтар намояд.

4. Нисбати маҳкумшудагоне, ки аз адои ҷазои корҳои ислоҳӣ оид ба иваз намудани ҷазои корҳои ҳатмӣ бо дигар намуди ҷазо тибқи талаботи қ. 5 м. 48(1) КҶ ҶТ ба суд пешниҳод мефиристад. Ба назари мо, чунин қоидаи иваз намудани корҳои ҳатмӣ, ки дар қ. 5 м. 48(1) КҶ ҶТ муқаррар шудааст, на он қадар ҳам мантиқӣ ва асоснок ҳисобида мешавад, зеро аз як тараф маҳдуд кардани озодӣ то бунёди ҷойҳои махсуси иҷрои он дар амалия иҷро намешавад.

Танҳо ҳангоми ашаддӣ саркашӣ кардан аз корҳои ҳатмӣ барои ивазнамоӣ корҳои ислоҳӣ боқӣ мемонад. Аммо иваз намудани корҳои ҳатмӣ бо корҳои ислоҳӣ чандон асоснок нест, чунки шахс аз кор саркашӣ мекунад ва суд корро боз ба кор иваз мекунад. Бинобар ин, мо чунин пешниҳод менамоям, ки дар ҳолатҳое, ки шахс ашаддӣ аз адои корҳои ҳатмӣ саркашӣ менамояд он бояд бо ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шавад.

Ҳалли ин масоил ба мо имкон медиҳад, ки корҳои ҳатмӣ ҳамчун алтернативаи боз ҳам ҷолибтар ва муассиртар ҳам дар нисбати маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҳам дар нисбати шартан татбиқ накардани ҷазо баромад намояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Абдурашидов, А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Азиз Абдумансурович Абдурашидов. – М., 2011. – 190 с.

2. Антонов, О.А., Коновалова, С.И., Осадчая, Н.Г. Система наказаний в Российском уголовном праве и проблемы применения отдельных видов наказания / О.А. Антонов, С.И. Коновалова, Н.Г. Осадчая. – М.: ИМЦ ГУК МВД России, 2002. – 103 с.

3. Маълумотномаи Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ. – Душанбе, 2024. – 87 с.

4. Наташев, А.Е. Содержание наказания и режим его отбывания / А.Е. Наташев // Труды Всесоюзного научно-исследовательского института МВД СССР. – М.: ВНИИ МВД СССР. – 1974. – № 30. – С. 11-19.

5. Парвандаи ҷиноятӣ аз санаи 03.05.2023 // Бойгонии суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Парвандаи ҷиноятии №1-26/2023 аз санаи 14.02.2023 // Бойгонии суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7. Парвандаи ҷиноятии №1-105/2015 аз санаи 22.09.2015 // Бойгонии суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Российское уголовное право: в 2 т. Т. 1: Общая часть. Изд. 4-е, перераб. и доп. / под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комисарова, А.И. Рарога. – М.: Проспект, 2017. – 600 с.
9. Тараленко, К.Н. О содержании наказания в виде обязательных работ / К.Н. Тараленко // Развитие альтернативных санкций в российской уголовной юстиции: сб. материалов международной конференции, 29–30 мая 2002. – М., 2002. – С. 67-71.
10. Уголовное право России. Части Общая и Особенная / [М.П. Журавлев, А.В. Наумов, С.И. Никулин и др.]; под ред. А.И. Рарога. - Изд. 10-е, перераб. и доп. – М.: Проспект, 2018. - 895 с.
11. Уголовное право Российской Федерации. Общая часть. / под ред. Б.В. Здравомыслова. Изд. 2-е, перераб. и доп. М.: Юристъ, 2002. – 480 с.
12. Уголовное право. Общая часть / отв. ред. И. Я. Козаченко, З. А. Незнамова. 3-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2004. – 576 с.
13. Яхшибекян, Э.Н. О назначении обязательных работ несовершеннолетним / Э.Н. Яхшибекян // Вестник Северо-Кавказского государственного технического университета. – 2009. – № 3. – С. 108-114.

**References**

1. Abdurashidov, A.A. Punishment under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan (evolution and current state): dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Aziz Abdumansurovich Abdurashidov. - M., 2011. - 190 p.
2. Antonov, O.A., Konovalova, S.I., Osadchaya, N.G. The system of punishments in Russian criminal law and problems of applying certain types of punishment / O.A. Antonov, S.I. Konovalova, N.G. Osadchaya. - M .: IMC GUK MVD of Russia, 2002. - 103 p.
3. Directory of the Judicial Statistics Department of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2024. – 87 p.
4. Natashev, A.E. Contents of punishment and mode of serving it / A.E. Natashev // Proceedings of the All-Union Scientific Research Institute of the Ministry of Internal Affairs of the USSR. – M.: All-Russian Research Institute of the Ministry of Internal Affairs of the USSR. – 1974. – No. 30. – Pp. 11-19.
5. Criminal case dated 03.05.2023 // Archive of the court of Jaloliddin Balkhi district of Khatlon region of the Republic of Tajikistan.
6. Criminal case No. 1-26/2023 dated 14.02.2023 // Archive of the court of Jaloliddin Balkhi district of the Republic of Tajikistan.
7. Criminal case No. 1-105/2015 dated 22.09.2015 // Archive of the court of Jaloliddin Balkhi district of the Khatlon region of the Republic of Tajikistan.
8. Russian criminal law: in 2 volumes. Volume 1: General part. 4th edition, revised and enlarged. / edited by L.V. Inogamova-Khegay, V.S. Komisarov, A.I. Raroga. - M .: Prospect, 2017. - 600 p.
9. Taralenko, K.N. On the content of punishment in the form of compulsory work / K.N. Taralenko // Development of alternative sanctions in Russian criminal justice: collection of articles. materials of the international conference, May 29-30, 2002. – M., 2002. – Pp. 67-71.
10. Criminal Law of Russia. General and Special Parts: textbook / [M.P. Zhuravlev, A.V. Naumov, S.I. Nikulin et al.]; edited by A.I. Rarog. - 10th ed., revised and enlarged. – M.: Prospect, 2018. - 895 p.
11. Criminal Law of the Russian Federation. General Part. / edited by B.V. Zdravomyslov. 2nd ed., revised and enlarged. M.: Jurist, 2002. – 480 p.
12. Criminal Law. General Part / edited by I. Ya. Kozachenko, Z. A. Neznamova. 3rd ed., amended and supplemented. – M.: Norma, 2004. – 576 p.
13. Yakhshibekyan, E.N. On the assignment of compulsory work to minors / E.N. Yakhshibekyan // Bulletin of the North Caucasian State Technical University. – 2009. – No. 3. – Pp. 108-114.

**ТДУ 342.8:351.74**

# НАҚШИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ИНТИХОБОТ

# РОЛЬ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ В ПРОЦЕССЕ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ВЫБОРОВ

# THE ROLE OF INTERNAL AFFAIRS BODIES IN THE PROCESS OF ORGANIZING AND CONDUCTING ELECTIONS

Каримзода У.К.
Karimzoda U.K.
*Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия*
*Начальник кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции*
*Head of the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No.2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, colonel of the militia*



E-mail: muminov-u85@mail.ru

Ҷалолзода С.И.
Jalolzoda S.I.
*Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
*Старший преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции*
*Senior Lecturer of the Department of State and Legal Disciplines of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Captain of the militia*



E-mail: sorbon.j@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ–давлатӣ)).

*Научная специальность:* 12.00.02 – Конституционное право; право конституционного судебного процесса; правовое регулирование местной власти (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).

*Scientific specialty:* 12.00.02 – Constitutional law; constitutional litigation; legal regulation of local authorities (5.1.2. Public law (state law) sciences).

*Тақриздиҳанда:* Ҷамшедзода К.Ҷ. – мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

*Рецензент:* Джамшедзода К.Дж. – старший советник Председателя Маджлиси намояндагон Мадлиси Оли Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.

*Reviewer:* Jamshedzoda K.J. – Senior Advisor to the Chairman of the Majlisi Namoyandagon of the Madlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences.

*Аннотатсия:* Мақола ба масоили интихобот ва муҳиммияти он дар давлати

ҳуқуқбунёд бахшида шуда, нақши мақомоти корҳои дохилиро дар ташкил ва таъмини тартибот дар тамоми марҳилаҳои раванди интихобот инъикос намудааст. Муаллифон дар таҳияи мақолаи мазур саҳм ва нақши кормандони милитсияро дар раванди интихобот, дар ҳудуди бинои овоздиҳӣ, дар рӯзи овоздиҳӣ, бартараф намудани ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва хавфу хатарро нисбати интихобкунандагон ва аъзоёни комиссияи интихоботӣ таҳлил намудаанд.
*Вожаҳои калидӣ:* Конститутсия, интихобот, мақомоти корҳои дохилӣ, қонун, корманди милитсия, таъмин тартибот, раванди интихоботӣ.

*Аннотация:* Статья посвящена вопросам выборов и их значению в правовом государстве, отражая роль органов внутренних дел в организации и поддержании порядка на всех этапах избирательного процесса. При подготовке статьи авторы проанализировали вклад и роль сотрудников милиции в избирательном процессе, на избирательном участке, в день голосования, а также в устранении нарушений и угроз в отношении избирателей и членов избирательной комиссии.
*Ключевые слова:* Конституция, выборы, органы внутренних дел, закон, сотрудник милиции, поддержание порядка, избирательный процесс.

*Annotation:* The article is devoted to the issues of elections and their importance in a state governed by the rule of law, reflects the role of internal affairs agencies in organizing and maintaining order at all stages of the electoral process. In preparing the article, the authors analyzed the contribution or role of police officers in the electoral process, at the polling station, on election day, as well as in eliminating violations and threats against voters and members of the election commission.
*Keywords:* Constitution, elections, internal affairs agencies, law, police officer, maintaining order, electoral process.

Дар шароити эъмори давлати демократӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мақом ва нақши падидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ меафзояд. Махсусан, дар чунин шароит падидаҳое, ки асосан дар заминаи изҳори иродаи дастаҷамъонаи шаҳрвандон ва ҷалби омма дар равандҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфтаанд, он ҷойгоҳи хоссаро касб менамояд. Ташкил ва гузаронидани интихобот яке аз шартҳои муҳимме мебошад, ки ба бунёди давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Ин ду омил ҷузъи ҷудонашавандаи фазои сиёсӣ дар кишвар ба шумор меравaнд. Бо ҳамин мазмун, давлатҳое, ки маҳз роҳи бунёди чунин давлатро интихоб намудаанд, ба падидаи ҳуқуқи интихобот афзалияти хосса дода, дар сатҳи меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ онро мустаҳкам намудаанд [7, с. 4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз давраҳои аввали соҳибистиқлолии худ падидаи ҳуқуқи интихоботро аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият дароварда онро асоси амалишавии соҳибихтиёрии худ эътироф намудааст. Сарчашмаи асосии аз лиҳози меъёрӣ танзим ва муқаррар намудани низоми интихоботии кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи муқаррароти он шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии кишвар иштирок намуда, бо ин мақсад ҳуқуқҳои интихоботии худро метавонанд дар шакли фаъол ва ғайрифаъол амалӣ намоянд [1].

Ташкил ва баргузории интихобот дар давраҳои муайян сурат гирифта моҳиятан он раванди интихоботиро дар худ касб менамояд, яъне раванди интихоботӣ шакли дар амал татбиқшавии интихоботро ифода намуда, падидаи мазкурро комил мегардонад. Раванди интихоботӣ бо махсусиятҳои низоми сиёсӣ тасниф карда мешавад.

Давлат тавассути муқаррароти қонунгузорӣ тартиби гузаронидани интихоботро ташаккул медиҳад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки барои баргузории интихоботи озоду шаффоф шароити зарурӣ фароҳам оварем. Ҳамчунин, дар заминаи падидаи интихоботӣ, бахусус раванди интихобот, кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба

озодии интихобот, ширкат дар идоракунии давлатӣ ва изҳори иродаи сиёсии онҳо таъмин карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2024 интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ рӯзи 2-юми марти соли 2025 таъин гардид [4]. Вобаста ба ин маъракаи муҳимми сиёсӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки «Интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд» [5].

Дар рафти тайёрӣ ва гузарондани маъракаи интихоботӣ низоми комиссияхои интихоботӣ ва мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқи интихоботии шаҳвандонро таъмин менамоянд [8, с. 5]. Ба мақомоти дорои салоҳияти ҳокимиятӣ-давлатӣ ва расонандаи ёрии бевосита ба комиссияҳои интихоботӣ дар рафти тайёрӣ ва гузаронидани маъракаи интихоботӣ пеш аз ҳама мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Корманди мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) дар раванди интихобот фаъолияти худро дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» [2], «Дар бораи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯӣ» [3] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ мемонад. Дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якчанд вазифаҳо, ки дар давраи тайёрӣ ва рӯзи гузаронидани интихобот ба кормандони милитсия хос мебошад ҷудо намудан мумкин аст. Корманди милитсия дар раванди интихобот вазифаҳои умумии зеринро иҷро менамояд:

– ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор гардидани чорабинии муҳимми сиёсӣ бо комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот ҳамкориро ба роҳ мемонад;

– тартиботи ҷамъиятиро дар бино ва ҷойҳое ки комиссияҳои ҳавзавии интихобот мувофиқи нақшаи тасдиқгардида барои номзадҳо ба вакилӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ бо интихобкунандагон вохуриҳо доир менамоянд таъмин менамояд;

– гузаронидани вохӯриҳоро дар ҷойҳои муқаррарнашуда пешгирӣ менамояд ва дар бораи ҳолатҳои мазкур ба комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот маълумот медиҳад;

– паҳн намудани маводи таблиғотии пеш аз интихоботии номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсиро ки бо тартиби муқаррар-гардида тасдиқ нашудаанд пешгирӣ намояд ва ба комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот вобаста ба он маълумот диҳад;

– ҷиҳати пешгири намудани ҳамагуна қоидавайронкуниҳо дар раванди интихобот дар ҳамкорӣ бо комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот тадбирҳои заруриро андешад;

– ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешад;

– ба ҷойҳое, ки дар раванди интихобот истифода мегарданд (маҳалли баргузории ташвиқоти пешазинтихоботӣ вохӯрӣ бо интихобкунандагон ва ғайра) бо либоси хизматӣ ҳозир гардад;

– ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро пешгирӣ намояд шароитҳоеро ки ба содир кардани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат мекунанд ошкор намуда барои рафъи онҳо тадбирҳо андешад.

– тартиботро дар кучаю хиёбон боғу майдонҳо роҳҳои нақлиётгард вокзалу фурудгоҳ ва дигар ҷойҳои ҷамъияти таъмин намояд;

– аризаи хабар ва дигар маълумотро дар хусуси ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо инчунин дар бораи содиркунандагони онҳо қабул кунад ва чораҳои зарурии қонунӣ андешад;

– ба шахсоне ки аз ҳуқуқвайронкуниҳо зарар дидаанд ёрии аввалинро расонад;

– дар минтақаи баргузори интихобот риоя гардидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳро таъмин намуда, дар гирду атрофи

бинои комиссияи ҳавзавӣ ва участкавии интихобот таваққуфи нодурусти воситаҳои нақлиётро пешгирӣ намояд [6].

Дар баробари ба эътидол даровардани раванди интихобот ҳамзамон корманди милитсия вазифадор аст, ки бечунучаро тартибот ва бехатарии ҳудуди бинои овоздиҳиро таъмин намояд. Зеро амният ва бехавфгардонии тамоми ҳудуди бинои овоздиҳӣ яке аз вазифаҳои муҳимми корманди милитсия ба шумор меравад. Таъмини бехатарӣ ва оромиву тартибот дар бинои овоздиҳӣ боис ба муътадил ва дар шакли зарурӣ баргузор гардидани раванди интихобот мегардад.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар ҳудуди бинои овоздиҳӣ корманди милитсия дар доираи ваколатҳои худ маҷмуи чораҳоеро ки ба таъмини муҳофизати бинои овоздиҳи ҳуҷҷатҳои интихоботӣ амнияти шахсони дар дохил ва атрофи участкаи интихоботӣ ҳузурдошта равона мегарданд меандешад.

Дар сурати пайдо шудани таҳдид ба ҳаёт саломатӣ ва бехатарии шахсоне, ки дар дохил ва ҳудуди бинои овоздиҳӣ қарор доранд корманди мақомоти корҳои дохилӣ фавран ба роҳбарияти худ ва навбатдори сохтори мақомоти корҳои дохилӣ хабар дода мувофиқи супориши додашуда амал менамояд. Дар навбати аввал амали корманди МКД бояд ба наҷоти ҳаёт ва ҳифзи саломатии одамон бартараф намудани таҳдиди ҷойдошта ва дар мавриди зарурӣ ба таҳлия (эвакуатсия) равона гардад.

Ҳангоми мурочиат ба шаҳрванд дар ҳудуди бинои овоздиҳӣ корманди милитсия вазифадор мебошад:

– бо мақсади таъмини амнияти интихобкунандагон ва аъзои комиссияҳои интихоботӣ гирду атрофи минтақаи баргузории интихоботро таҳти назоратбарии доимӣ қарор дода, доир ба ҳама гуна амалҳои шубҳаовар ба роҳбарияти бевоситаи худ ахборот манзур намуда, тибқи супориши додашуда амал намояд;

– дар минтақаи баргузории интихобот бехатарӣ аз сухторро таъмин намуда, баҳри пешгири намудани он тадбирҳои саривақтӣ андешад;

– ҳангоми мурочиат ба шаҳрванд худро муаррифӣ карда, бо талаби шаҳрванд ба ӯ шаҳодатномаи хизматии худро нишон диҳад ва пас аз он мақсад ва сабаби мурочиати худро изҳор намояд;

– ҳангоми татбиқи чораҳои маҳдудкунанда нисбати шаҳрванд, ба шаҳрванд сабаб ва асосҳои амали гаштани чунин шарҳ диҳад [6].

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки пас аз навбатдории шабона оид ба муҳофизати бинои овоздиҳӣ, ки дар он бюллетенҳои овоздиҳӣ нигоҳ дошта мешаванд, субҳи рузи овоздиҳӣ кормандони милитсия ба раиси комиссияи участкавии интихобот бинои овоздиҳиро месупоранд. Овоздиҳӣ дар рузи интихобот аз соати 06:00 то 20:00 гузаронида мешавад.

Дар рӯзи интихобот, пеш аз оғози овоздиҳӣ дар участкаҳои интихобот, аъзои комиссия, инчунин мушоҳидон ва намояндагони воситаҳои ахбои омма, ки дорои шаҳодатномаи дахлдори тасдиқнамудаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқнамудаи шахсият, ҳуқуқи ҳузур доштанро доранд.

Дар ин асно корманди милитсия муаззаф мегардад, ки дар рӯзи овоздиҳӣ бо мақсади бехатарии интихобкунандагон, аъзоёни комиссия ва дигар намояндагони марбут ба маъракаи интихоботӣ ҳама гунна чораҳои дахлдорро андешад. Қабл аз овоздиҳӣ ба ҳар як нафари ба бинои овоздиҳӣ воридгардида, диққати махсус дода ба рафтору кирдорҳои онҳо вокеъбинона баҳогузорӣ намояд.

Илова ба ин кушиш ба харҷ намояд, ки тартиботу оромӣ то ба охир расидани раванди овоздиҳӣ таъмин гардад. Тамоми имконниятҳои мавҷударо бар он андешад, ки интихобкунандагон ба изҳори озодонаи иродаи худ ҳангоми овоздиҳӣ заррае хавфу хатарро эҳсос накунанд. Бо мақсади муайян намудани ҳама гунна маълумотҳо, ки ба раванди баргузории овоздиҳӣ таъсиргузор аст, тадбирҳои муасирро андешад ва ҳама гунна ҳуқуқвайронкуниҳоро дар раванди овоздиҳӣ пешгирӣ ва бартараф намояд.

Корманди милитсия дар рӯзи баргузории овоздиҳӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

– таъмини муҳофизати бино ва атрофи он, ки дар он бллютенҳои овоздиҳӣ нигоҳдорӣ мегардад;

– таъмин намудани амнияти шаҳрвандон ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар бинои овоздиҳӣ ва ҳудуди он аз то анҷоми овоздиҳӣ;

– бо дархости комиссияи участкавии интихобот ба таъмин гардидани вазифаҳои комиссияҳои участкавии интихобот, ки бо қонунгузории интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳамаҷониба мусоидат намояд.

Корманди милитсия вазифадор аст, ки дар доираи ваколатҳои худ бо даъвати раис, котиб ва аъзои комиссияи участкавии интихоботӣ шахсонеро, ки ба изҳори иродаи озодӣ интихобкунандагон монеа мегарданд, аз дохили бинои овоздиҳӣ берун намояд.

Ҳангоми мусоидат ба комиссияҳои участкавии интихобот дар рӯзи овоздиҳӣ корманди милитсия ҳуқуқ надорад:

– ба ҷараёни овоздиҳӣ дахолат кунад;

– корҳои ташвиқотию тарғиботии пеш аз интихобот гузаронад;

– дар дохили хонаи овоздиҳӣ ҳузур дошта бошад, ба истисноי ҳолатҳои барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо;

– ба интихобкунандагон оид ба татбиқ намудани ҳуқуқҳои интихоботии онҳо тавсия ва маслиҳат диҳад;

– амале содир намояд, ки шаъну шарафи корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ паст занад [6].

Дар интиҳо бо боварии комил хулосабарорӣ карда метавонем, ки дар баробари дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, алалхусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақш ва саҳми пеш аз ҳама мақомоти корҳои дохилӣ дар симои кормандони милитсия дар ташкил, таблиғот, ташвиқот, ба миён овардани ҳангомаи интихоботӣ, ҷалби интихобкунандагон дар раванди интихобот, муҳайё намудани фазои интихоботӣ дар кишвар, мусоидат намудан бо комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавӣ, таъмин намудани тартибот, амният дар раванди интихобот, бартараф намудани ҳама гуна хавфу хатар ва ҳуқуқвайрониҳо, фароҳам овардани шароити мусоид ба раванди фаъолияти комиссияҳои интихобӣ ва андешидани тадбирҳои лозима бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор гардидани маъракаи интихоботӣ аз оғоз то ба фарҷом басо бузург аст.

Тасдиқи ин гуфтаҳо аз он дарак медиҳад, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар борҳо чорабинии интихоботӣ дар сатҳи зарурӣ ва орӣ аз ҳуқуқвайронкуниву хавфу камбудиҳо баргузор гардид, ки дар раванди он нақш ва саҳми бевоситаи мақомоти корҳои дохилӣ арзандаи таҳсину офарин мебошад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст (бо тағйиру иловаҳо, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003, 22-юми майи с. 2016 ворид карда шудаанд) (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи с. 2004, № 41 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.02.2025).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯӣ» аз 25-уми марти с. 2011, № 687 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.02.2025).

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъини интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 4-уми декабри с. 2024, № 882 [Захираи электронӣ] // Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/documents/decrees/49111 (санаи муроҷиат: 01.02.2025).

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри с. 2024 // [Захираи электронӣ] - Реҷаи дастрасӣ: https://president.tj/event/news/49225 (санаи муроҷиат: 31.01.2025).

6. Роҳнамо барои кормандони милитсия ҷиҳаити ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар раванди интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри с. 2024, № 45 тасдиқ карда шудааст.

7. Абдулаҳадзода, С.А. Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқ: 12.00.02 / Собирҷон Абдулаҳад Абдулаҳадзода. – Душанбе, 2024. – 192 с.

8. Чистобородов, И.Г. Органы внутренних дел как субъект административно-правового обеспечения правопорядка и общественной безопасности в период подготовки и проведения избирательных кампаний: монография / И.Г. Чистобородов. – М., 2014. – 232 с.

**References**

1. Constitution of the Republic of Tajikistan. Adopted on November 6, 1994 by a national referendum (With amendments and additions introduced in the national referendum on September 26, 1999, June 22, 2003, May 22, 2016) (in Tajik and Russian). – Dushanbe: Ganj, 2016. – 136 p.

2. Law of the Republic of Tajikistan “On the Police” dated May 17, 2004, No. 41 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. – Source of access: http://www.adlia.tj (access date: 17.02.2025).

3. Law of the Republic of Tajikistan “On Operational-Investigative Activities” dated March 25, 2011, No. 687 // Centralized Information-Legal Database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. – Source of access: http://www.adlia.tj (access date: 02/17/2025).

4. Decree of the President of the Republic of Tajikistan “On the Appointment of Elections to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and Local Majlises of People’s Deputies of a New Convocation” dated December 4, 2024, No. 882 [Electronic resource] // Source of access: https://president.tj/event/documents/decrees/49111 (access date: 02/01/2025).

5. Message of the President of the Republic of Tajikistan, Honorable Emomali Rahmon “On the main directions of the domestic and foreign policy of the republic” dated December 28, 2024 [Electronic resource] // Available at: https://president.tj/event/news/49225 (access date: 31.01.2025).

6. Guidelines for police officers to maintain public order during the election process of deputies of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan: Approved by the Resolution of the Central Election and Referendum Commission of the Republic of Tajikistan dated December 27, 2024, No. 45.

7. Abdulakhadzoda, S.A. The electoral process in the Republic of Tajikistan: legal and constitutional research: dis…can. legal scien.: 12.00.02 / Abdulahadzoda Sobirjan Abdulahad. - Dushanbe, 2024. - 192 p.

8. Chistoborodov, I.G. The internal affairs body as a subject of administrative and legal enforcement of law enforcement and public safety in the period of preparation and implementation of electoral campaigns: monograph / I.G. Chistoborodov. - M., 2014. - 232 p.

ТДУ 340.114.5:351.74:159.9

# ШАКЛДИГАРКУНИИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН

# ДЕФОРМАЦИЯ ПРАВОСОЗНАНИЯ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ И ЕЕ ПОСЛЕДСТВИЯ

# DEFORMATION OF LEGAL CONSCIOUSNESS OF EMPLOYEES OF INTERNAL AFFAIRS BODIES AND ITS CONSEQUENCES

Қодирзода Ғ.Н.
Kodirzoda G.N.
*Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳукуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия*
*Старший преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции*
*senior lecturer of the department state legal disciplines faculty № 2 Academy of the Ministry of Internal Affairs Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, Majorof the militia*



E-mail: golibjon2020@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки)
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* Ҷамшедзода К.Ҷ. – мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
*Рецензент:* Джамшедзода К.Дж. – старший советник Председателя Маджлиси намояндагон Мадлиси Оли Республики Таджикистан, кандидат юридических наук.
*Reviewer:* Jamshedzoda K.J. – Senior Advisor to the Chairman of the Majlisi Namoyandagon of the Madlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences.

*Аннотатсия:* Дар мақола масъалаи шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ ва шаклҳои он мавриди таҳлил ва таҳқиқи илмӣ-назариявӣ қарор дода шуда, сабаб ва омилҳои шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ як андоза муайян гардидааст. Ҳамзамон нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, пайомадҳои он мавриди назар қарор дода шудааст.
*Вожаҳои калидӣ:* шуури ҳуқуқӣ, шаклдигаркунӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, инфантилизми ҳуқуқӣ, нигилизми ҳуқуқӣ.

*Аннотация:* В статье анализируется и с точки зрения научной теоретии исследуется проблема деформации правосознания и ее формы, выявляются причины и факторы деформации правового сознания сотрудников органов внутренних дел. При этом правовой нигилизм сотрудников органов внутренних дел рассматривается как одна из форм деформации правового сознания, анализируются ее последствия.
*Ключевые слова:* правосознание, деформация, сотрудники органов внутренних дел, правовой инфантилизм, правовой нигилизм.

*Annotation:* The article analyzes and, from the point of view of scientific theory, examines the problem of deformation of legal consciousness and its forms, identifies the causes and factors of deformation of legal consciousness of employees of internal affairs bodies. At the same time, legal nihilism of employees of internal affairs bodies is considered as one of the forms of deformation of legal consciousness, its consequences are analyzed.

*Key words:* Legal consciousness, deformation, employees of internal affairs bodies, legal infantilism, legal nihilism.

Яке аз мушкилоти асосии фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) ин шаклдигаркунии (деформатсияи) шуури ҳуқуқӣ мебошад. Дар замони муосир шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеа буда, зери назар қарор гирифтааст. Шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки корманд дорои дониш, ақида ва муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки бо сабабҳои гуногун ба ақидаҳои ғайриқонунӣ табдил ёфтаанд ё қисман ҳуқуқӣ боқӣ мондаанд.

Сабабҳои шаклдигаркунӣ гуногунанд, ки барои ошкор намудани он дар рафтори кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мунтазам татбиқ намудани тадбирҳои тарбиявиро талаб мекунад. Шуури ҳуқуқии корманди МКД дар замони муосир ба дараҷаҳои гуногуни шаклдигаркунӣ гирифтор гардидааст. Баранов П.П. се шакли асосии шаклдигаркунии шуури ҳуқуқиро дуруст муайян мекунад:

а) инфантилизми ҳуқуқӣ – шакли сабуки таҳрифи шуури ҳуқуқӣ аз сабаби нокифоя будани дониши ҳуқуқӣ;

б) нигилизми ҳуқуқӣ – дидаву дониста зоҳир намудани беэътиноӣ нисбати муқаррароти қонун, ки нияти ҷиноятиро дар назар надорад;

в) таназзули шуури ҳуқуқӣ – дараҷаи ниҳоят баланди ҳисси таҳрифшудаи адолат, ки дар он шакли «таназзули» содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ мебошад [2, с. 530].

Дар ҷомеаи кунунӣ, бахусус дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ басо равшан мушоҳида мегардад. Махсусан дар сатҳи паст қарор доштани донишҳои ҳуқуқӣ, хунукназари нисбат ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, беэътинои ва инкор намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, содир гардидани ҷиноят, вайрон гардидани интизоми хизматӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби кормандони МКД боиси ташвиш буда, аз шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Дар ин маврид Т.К. Қодирзода қайд менамояд, ки рафтори қонунӣ нишондиҳандаи шуури мусбати ҳуқуқӣ, вале содир намудани ҷиноят нишондиҳандаи деформатсияи шуури ҳуқуқӣ мебошад [5, с. 21].

Дар байни падидаҳои болозикр аз ҳама хавфноктарин дар шуури ҳуқуқии касбӣ ин нигилизми ҳуқуқӣ мебошад. Шуури ҳуқуқии кормандони МКД бояд зуҳуроти чун нигилизми ҳуқуқиро истисно намояд. Зеро онҳо донандагони сатҳи баланди қонунгузорӣ буда, татбиқи зарурии онро бар уҳда доранд. Аммо чунин падида дар МКД ба мушоҳида мерасад.

Тавре Раҷабзода Р.М. иброз менамояд, шаклҳои асосии зуҳуроти нигилизми ҳуқуқӣ дар фаъолияти кормандони МКД инҳо мебошанд:

– бепарвоӣ нисбат ба қонун, риоя ва иҷрои он;

– нобоварӣ ба нақши ҳалкунандаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшаванда;

– беэҳтиромӣ нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– беэътиноӣ нисбат ба салоҳият ва вазифаҳои хизматӣ;

– беамалӣ зимни фаъолияти касбӣ;

– амали ҳуқуқии зоҳирӣ;

– боло гузоштани манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои давлатӣ [6, с. 21].

Дар баробари ин, сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқӣ, ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо, мавҷуд набудани фазои дурусти корӣ ва рафтору муошерати

солим дар байни ҳайати шахсӣ, шахсиятсозӣ, бетаҷрибагӣ, надоштани маҳорату малакаи баланди касбӣ ва ғайраро метавонад асосҳои дигари пайдоиши нигилизми ҳуқуқӣ арзёби намуд. Ҳамзамон, чунин амалу кирдорҳоро ба шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони МКД метавон вобаста намуд. Зеро сатҳи пасти шуури ҳуқуқии касбиро ба шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии касбӣ метавон алоқаманд намуд, пас, содир гардидани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо метавонад ба шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ вобаста бошад.

Номувофиқатии санадҳои дохилиидоравӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмиллаии эътирофгардида ба шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони МКД оварда мерасонад. Чунин мушкилот дар фаъолияти имрӯзаи МКД дида мешавад. Аз ҷумла, Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тасдиқ намудани роҳнамои амалӣ барои нозирони минтақавӣ, воҳидҳои кор бо ноболиғон, ҷавонон ва кормандони оперативии МКД доир ба татбиқ намудан дар фаъолияти оперативӣ-хизматӣ талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 17-уми сентябри с. 2010, №716 б/з, ки мавриди амал қарор дорад, ба якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат дорад, ба монанди:

1. Баъд аз тағйиру иловаҳо ворид гардидан ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо таҳрири нав қабул гардидани қонун дар самти мубориза ба экстремизм дар фармони мазкур мухолифатҳо дида мешаванд. Мисол, фармони мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри с. 2003, № 69 ифода менамояд. Вале ин қонун, ки бо таҳрири нав бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-уми январи с. 2020, № 1655 қабул гардидааст мафҳумҳои “экстремизм”, “фаъолияти экстремистӣ” ва ғайраро бо мазмуни нав муқаррар намудааст.

2. Баъд аз таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мазмуни он тағйир дода шуд, ки ин дар фармони мазкур бо мазмуни пешинаи моддаи қонуни болозир муқаррар гардидааст.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки фармони мазкур, ки он то ҳол мавриди амал қарор дорад, ё аз эътибор соқит дониста шавад ва ё ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ карда шавад.

3. Ҳангоми дар таҳрири нав қабул гардидан ва ё тағйиру иловаҳо ворид намудан ба Фармон, банди охирони моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар тағйиру иловаҳои 22-уми майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мазмуни «Фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст» илова гардидааст, дар фармони мазкур низ илова карда шавад.

Ҷой доштани чунин раванд дар баробари шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони МКД ҳамзамон, ба раванди татбиқнамоӣ ва амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ монеа мегардад. Аз ин рӯ саривақт мутобиқ намудани санади меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муҳаққиқони соҳа бар он назаранд, ки шаклдигаркунии ҳамаи шаклҳои шуури ҳуқуқӣ оқибати номусоидро барои устувории волоияти қонун, иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ хоҳад гузошт. Инчунин, иброз мегардад, ки надонистани қонун, шарҳи нодуруст ва татбиқи онҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонида, фаъолияти номукаммалро ба вуҷуд меорад [3, с. 6-7]. Сатҳи пасти шуури ҳуқуқии касбӣ аз шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои он вобаста буда, дар натиҷа боиси пайдоиши нуқсонҳо дар шуури ҳуқуқии касбӣ гардиданаш аз

эҳтимол дур нест, зеро ҳама намуди касб вобаста ба хусусиятҳояш мушкил буда, метавонад дар ҷараёни фаъолият намудан тағйир ёбад.

Яке аз омилҳои дигари шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии касбиро бо хастагии касбӣ ва бепарвоӣ вобаста кардан мумкин аст. Чунин ҳолат метавонад боиси аз даст додани малакаҳои касбӣ, коҳиш ёфтани хусусиятҳои психикӣ ва ҳамзамон, дур гардидани эътимоду боварии шаҳрвандон ба фаъолияти МКД гардад. Ин мушкилотро равоншиносон низ аз мадди назар дур намонда, ба тағйироти марбут ба синну сол, хастагии касбӣ, якрангии фаъолияти корӣ, ҳиссиёту ҳаяҷони руҳӣ вобаста ба шароити вазнини кор ва ғайра вобаста медонанд. Дар баробари ин иброз мегардад, ки иҷрои дарозмуддати як фаъолият бо усулҳои муқаррарӣ метавонад боиси коҳиш ёфтани сифатҳои номатлуби касбӣ ва бадрафтории касбии мутахассисон гардад [3, с. 15]. Дар воқеъ, хавфи ба вуҷуд омадани деформатсияи касбӣ, яъне имконияти содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ бо дарозии иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ вобаста мебошад. Бояд иброз намуд, ки аз байн рафтани шавқ ба кор ва боиси шаклдигаркунии касбӣ гардидан, одатан баъди 5 соли фаъолият дар як вазифа ба вуҷуд меояд.

Мувофиқи маълумоти Огородников В.И., дилхунукӣ ба касби интихобшуда ва хоҳиши иваз кардани самти фаъолият бо зиёд шудани собиқаи хизматӣ ба вуҷуд меояд [4, с. 48]. Ба чунин ақидаҳо метавон то як андоза мувофиқ буд. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки шароити вазнини фаъолияти корӣ, ҷанбаҳои иҷтимоии он, натиҷагирӣ ва ҳавасмандгардонии ноодилона, муошират ва рафтори берун аз талаботи қонунгузории роҳбарон метавонад ба ҳолати руҳиву маънавии инсон таъсир расонида, боиси зуд мондашавии асаб гардида, ба баромадан аз доираи талаботи қонунгузорӣ ва ваколатҳои хизматӣ гардад.

Дар баробари шароити вазнини корӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ низ яке аз омилҳои барангезандаи ҳар гуна амалҳои зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони мансабдор, ҳамчунин, кормандони МКД низ мебошад. Лозим ба зикр аст, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус кормандони МКД, дорои ваколатҳои махсуси ба ҳаёт хавфнок ва вақти бемаҳдуди корӣ буда, вале сатҳи пасти даромад доранд, чунин ҳолат метавонад хавфҳои коррупсионӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро ба вуҷуд орад ва чунин шахсон вазифаҳои ҳокимиятро барои мақсадҳои шахсӣ истифода мебаранд.

Мутахассисони соҳа кушиш карда истодаанд, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии касбӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шаванд [3, с. 10]. Кормандони МКД, ки дорандагони шуури ҳуқуқии касбӣ мебошанд, дар баробари нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳу осоиштагии кишвар ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, масъулияти баланд дар ҳифзи ҳаёту саломатӣ ва дигар арзишҳои инсон нақши аввалияро доранд. Вале амалӣ гардидани чунин вазифаҳои пурмасъул танҳо бо дарназардошти шароити фаъолияти корӣ ва таъминоти иҷтимоӣ метавонад натиҷабахш гардад.

Бо дарназардошти чунин хусусият, яке аз ҳадафҳои стратегияи ислоҳоти милитсия маҳз ба чунин мақсад роҳандозӣ гардидааст. Аз ҷумла, ба беҳтар кардани сатҳи маблағгузорӣ, музди меҳнати кормандони МКД, бо дарназардошти мақом, хатарнокӣ, мураккабӣ ва вазнинии вазифаҳое, ки ба онҳо вогузор мешаванд [1]. Рафтори ҳуқуқвайронкунии кормандони МКД-ро низ ба таъминоти иҷтимоии масъулин вобаста медонанд. Чунин рафтор боис бар он мегардад, ки боварӣву эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти мазкур дар сатҳи паст қарор гирад.

Бесабаб нест, ки дар байни мардум андешаи маъмул ҷой дорад, ки кормандони МКД аз зӯроварӣ, шиканҷа, муносибати ғайриинсонӣ нисбати одамон истифода намуда, аз ваколатҳои мансабиашон суистифода карда, ба манфиатҳои шахсӣ истифода менамоянд. Дар натиҷаи як назарсанҷӣ аз сокинони шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд, Хатлон

ва ВМКБ пурсида шуд, ки кормандони МКД бо Шумо дар доираи қонун муошират ва рафтор мекунанд? Аз 204 нафар пусухдиҳандагон "бале" - 26, 47 % иброз намуданд, "на чандон" - 46, 08 % ва 18, 14 % бошад, қайд намуданд, ки кормандони МКД дар доираи қонун муошират ва рафтор намекунанд.

Чунин ҳолатро натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ ба як қатор омилҳо, аз ҷумла, ба фаъолияти кормандони бепарво, сатҳи пасти дониши касбӣ дошта, бемасъулият ва бетахассус дар тамоми сатҳҳои низоми ҳифзи ҳуқуқ вобаста медонанд. Инчунин, иброз мегардад, ки низомро зуҳуроти номатлуби ришвахӯрӣ ва фасод фаро гирифтааст. Дар баробари ин, тариқи васоити ахбори омма баъзан гузоришҳо дар бораи суистифода аз мансаб ва боздоштҳои беасоси шаҳрвандон пахш карда мешавад [7, с. 16].

Дар замони муосир омӯзиши проблемаи шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии касбӣ, бахусус кормандони МКД муайян кардани сабабҳо ва оқибатҳои ин падида шаклҳои зуҳури он метавонад дар заминаи ислоҳоти милитсия ошкор гардида, роҳҳои ҳалли он имконпазир гардад. «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми марти с. 2013, № 1438 тасдиқ шудааст. Дар заминаи он «Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи с. 2014, № 296 ва «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025», бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни с. 2021, № 211 тасдиқ гардидааст, ки дар он пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба рушди милитсия, аз ҷумла, дар самтҳои ислоҳоти ҳуқуқӣ, сиёсати кадрӣ, тайёркунӣ ва тарбияи кадрҳо, такмили низоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти ВКД, такмили сохтор, ҳамкорӣ бо ҷомеа ва ғайра равона гардидааст.

Санадҳои ҳуқуқии қабулгардида метавонанд барои ташаккул ва такмили минбаъдаи шуури ҳуқуқии кормандони МКД замина гузорад. Фаъолияти МКД дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ мавқеи муҳим доранд, ки сатҳи амалигардии он аз шуури ҳуқуқии касбӣ вобаста мебошад.

Нигилизми ҳуқуқӣ – ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, дар мадди аввал ба раванди амалисозии воқеии ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад. Сипас нигилизми ҳуқуқӣ – ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, хусусияти ошкоро намоишӣ, иғвоангез ва харобиоварро дорад. Инчунин, нигилизми ҳуқуқӣ метавонад ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии тамоми қишрҳои ҷомеа таъсири манфии худро гузорад.

Нигилизми ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти манфӣ арзёбӣ гардида, новобаста аз ҳолатҳои бавуҷудоӣ, мебояд онро қонуншиканӣ номид. Ҳамин тариқ, нигилизми ҳуқуқӣ – муносибати равонии манфӣ ва амалҳои таҳқиромез нисбати қонунҳои амалкунанда аз ҷониби шаҳрвандон, шахсони мансабдор, сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад.

Нигилизми ҳуқуқии кормандони МКД нисбат ба нигилизми ҳуқуқии шаҳрвандон хатарнок буда, пайомадҳои он на танҳо дар татбиқи самаранокии қонун, волоияти қонун ва қонуният таъсир мерасонад, балки бовариву эътимоди шаҳрвандонро ба сиёсати давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва фаъолияти мақомоти давлатӣ коста мегардонад. Аз таҳлилҳои болозикр хулоса намуда, метавон чунин пайомадҳои нигилизми ҳуқуқии кормандони МКД-ро иброз намуд:

– нигилизми ҳуқуқӣ боиси коста гардидани қонуният, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони МКД мегардад;

– ноумедӣ ва нобоварии шаҳрвандонро ба фаъолияти МКД ба вуҷуд меорад;

– нигилизми ҳуқуқии кормандони МКД ба самаранокии амалигардии функсияҳои давлат таъсири манфӣ мерасонад;

– нигилизми ҳуқуқии кормандони МКД боис бар он мегардад, ки қарорҳои баровардаи масъулин қалбакӣ ва беасос гарданд;

– нигилизми ҳуқуқӣ сабаби даст задани кормандони МКД ба амалҳои зиддиҳуқуқӣ гардида, боиси содир намудани ҷиноят ба монанди амалҳои коррупсионӣ, шиканҷа ва ғайра мегардад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни с. 2021, № 211 қабул шуд // Махзани мутамаркази иттилоотӣ–ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 17.02.2022).
2. Баранов, П.П. Правосознание и правовое воспитание: Общая теория права / П.П. Баранов, А.И. Овчинников; - Ростов-на-Дону: РЮИ МВД России, 2006. - 184 с.
3. Бреднева, В.С. Деформация профессионального правосознания юристов и технологии ее преодоления: монография / В.С. Бреднева. – Южно-Сахалинск: СахГУ, 2019. – 196 с.
4. Евстафеева, Е.А. Правосознание сотрудников уголовно-исполнительной системы с различными личностными характеристиками: дис. ... канд. психолог. наук: 19.00.03 / Евгения Александровна Евстафеева. – Челябинск, 2015. – 217 с.
5. Кодирзода, Т.К. Правосознание судей (понятие, структура и виды): монография / Т.К. Кодирзода. – Душанбе, 2021. – 164 с.
6. Раҷабзода, Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ – ҳуқуқӣ ва методологӣ: автореф. дис. ... докт. илм. ҳуқ: 12.00.01 / Равшан Муҳитдин Раҷабзода. – Душанбе, 2022. – 352 с.
7. Тадқиқоти миллӣ оид ба омӯзиши афкори омма доир ба ислоҳоти милитсия. – Душанбе, 2018. – 45 с.

**References**

1. The Police Reform Program for 2021-2025, adopted by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 1, 2021, No. 211 // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. – Available source: http://www.adlia.tj (access date: 17.02.2022).
2. Baranov, P.P. Legal consciousness and legal education: General theory of law / P.P. Baranov, A.I. Ovchinnikov; - Rostov-on-Don: RUI MVD of Russia, 2006. - 184 p.
3. Bredneva, V.S. Deformation of professional legal consciousness of lawyers and technologies for overcoming it: monograph / V.S. Bredneva. - Yuzhno-Sakhalinsk: SakhSU, 2019. - 196 p.
4. Evstafeeva, E.A. Legal consciousness of employees of the penal system with different personal characteristics: dis. ... candidate of psychological sciences: 19.00.03 / Evgeniya Aleksandrovna Evstafeeva. - Chelyabinsk, 2015. - 217 p.
5. Kodirzoda, T.K. Legal consciousness of judges (concept, structure and types): monograph / T.K. Kodirzoda. - Dushanbe, 2021. - 164 p.
6. Rajabzoda, R.M. Professional legal culture of employees of the internal affairs bodies of the Republic of Tajikistan: theoretical - legal and methodological research: author's abstract. dis. ... doctor of science. law: 12.00.01 / Ravshan Muhitdin Rajabzoda. – Dushanbe, 2022. – 352 p.
7. National survey on the study of public opinion on police reform. – Dushanbe, 2018. – 45 p.

ТДУ 347.963

# НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАИ НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ДАР САМТИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

# ВЗГЛЯД НА ПРОБЛЕМУ ПРОКУРОРСКОГО НАДЗОРА В ОБЛАСТИ ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА

# A LOOK AT THE PROBLEM OF PROSECUTORIAL SUPERVISION IN THE FIELD OF ENFORCEMENT PROCEEDINGS

МУҲАММАДИЕВ И.С.
MUHAMMADIEV I.S.
*Профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Корманди фахрии прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1*
*Профессор кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, доктор юридических наук, Почетный работник Прокуратуры Республики Таджикистан, советник юстиции 1-го класса*
*Professor of the Department of Theory and history of state and law Faculty of Law Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Law, Honorary Worker of the Prosecutor's Office Republic of Tajikistan, 1st class legal adviser*



E mail: Izatullomuhammadiev@gmail.com

РАҲМАТУЛЛОЕВА Р.Р.
RAKHMATULLAEVA R.R.
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*Старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.*
*Senior lecturer of the department of judicial law and prosecutorial supervision of the Faculty of Law Tajik State University Law, Business and Politics*



E-mail: rashidiyon83@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).
*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность, правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно–правовые) науки).
*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity, law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Тақриздиҳанда:* ҚАҲОРОВ Н.И. – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

*Рецензент:* КАХОРОВ Н.М. – заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент.
*Reviewer:* KAHOROV N.M. Head of the department of judicial law and prosecutor's supervision, faculty of law, Tajik state university of law, business and politics, candidate of legal sciences, associate professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола муаллифон масъалаи такмили назорати прокурорӣ дар ҷараёни истеҳсолоти баррасӣ намудаанд. Дар заминаи таҳлил, таклифу пешниҳодҳои ҷолиби диққатро дар самти мукаммалгардонии қонунгузории амалкардаистодаи истеҳсолоти иҷрои ватанӣ зикр намуда, ҳангоми таҳлили санадҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақомоти судӣ ва дигар мақомоти давлатӣ таҳия шуда, ба хулосае омадаанд, ки ин масъала яке аз самтҳои муҳимми назорати прокурорӣ мебошад.
*Вожаҳои калидӣ:* хадамоти иҷро, шахсони мансабдори мақомоти иҷро, истеҳсолоти иҷро, мақомоти прокуратура, назорати прокурорӣ, ваколатҳо, предмети назорат, санадҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқии дигар мақомот.

*Аннотация:* В статье авторами рассмотрен вопрос совершенствования прокурорского надзора в сфере исполнительного производства. На основе анализа авторами представлены заслуживающие внимания предложения по совершенствованию действующего отечественного законодательства в области исполнительного производства, подвергнутв анализу правовые акты, подготовленные судебными и иными государственными органами, пришли к выводу о том, что данный вопрос является важной сферой прокурорского надзора.
*Ключевые слова:* служба исполнения, должностные лица органов исполнения, исполнительное производство, органы прокуратуры, прокурорский надзор, полномочия, предмет надзора, правовые акты других органов.

*Annotation:* In the article, the authors consider the issue of improving prosecutorial supervision in the area of enforcement proceedings. Based on the analysis, the authors present noteworthy proposals for improving the current domestic legislation in the area of enforcement proceedings, analyzed the regulatory legal acts prepared by judicial and other state bodies, and came to the conclusion that this issue is an important area of prosecutorial supervision.
*Key words:* executive service, officials of executive bodies, enforcement proceedings, prosecutorial bodies, prosecutorial supervision, powers, subject of supervision, regulatory acts of other bodies.

Мақомоти прокуратура аз рӯйи ваколатҳои конститутсионии худ дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хосса дошта, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон амалӣ намуда, фароҳам овардани фазои ягонаи ҳуқуқиро дар мамлакат таъмин менамояд. Мақомоти прокуратура дар иҷрои вазифаҳои худ мустақил буда, фаъолияти худро бевосита аз номи давлат амалӣ мегардонад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1, с. 63] асос ёфта, аз Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2], дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Мувофиқи моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат,

шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаҳои судӣ, назорати прокурорӣ ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро ва дигар мақомоти салоҳиятнок ҳисобида шудааст [2].

Предмети назорати прокурорӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳо ин қонунӣ будани қарорҳои судҳо ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъиноти судӣ буда, прокурорҳо дар ҳолати хилофи қонун ва беасос будани санадҳои судӣ мувофиқи қонунгузории мурофиавӣ зътироз меоваранд.

Дар марҳилаи истеҳсолоти иҷро бошад, предмети назорати прокурориро на танҳо меъёрҳои Кодекси мурофиаи маданӣ, балки меъёрҳои боби 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки предмети назорати умумиро муайян намудааст, ташкил медиҳад.

Бинобар он, предмети назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи иҷрочиёни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин риояи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда дар ҳамаи сохторҳои шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо будаи ин хадамот, инчунин ба қонунҳо мухолифат накардани санадҳои ҳуқуқтатбиққунии аз тарафи шахсони мансабдори ин хадамот қабул гардида мебошад.

Ба назари мо ба предмети назорати прокурорӣ инчунин парвандаҳои шаҳрвандӣ ва маъмурӣ, парвандаҳои истеҳсолоти иҷро ва ҳамаи амалҳои шаҳрвандӣ – мурофиавиро, ки дар марҳилаи иҷрои қарор, таъинот ва ҳалномаи суд ба ҷо оварда мешавад, дохил намудан мумкин ва боиси дастгирист, зеро ки прокурор дар мавриди санҷиш бо истеҳсолоти иҷро бо ҳуҷҷатҳои ҳукмҳо, таъинот, ҳалнома ва қарорҳои судӣ шинос шуда, ҳолатҳои вайронкунии қонунро, ки дар санадҳои судӣ ҷой доранд, ошкор намуда, барои бартараф намудани он чораҳои прокурорӣ меандешад [9, с. 573].

Инчунин, ба предмети назорати прокурорӣ қарорҳои суд дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, қарорҳои мақомоти гумрук, андоз ва дигар мақомоте, ки ваколатҳои татбиқи ҷазои маъмурӣ доранд (ба истилоҳ мақомоти назоратӣ ё контролӣ), қарорҳои прокуророн дар бораи ба таври маъмурӣ аз манзили худсарона ишғолкарда ё хонаҳои дар ҳолати вайроншавӣ буда баровадан, ҳукми судҳо бо парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми даъвои маданӣ оид ба рӯёнидани зарар бо парванди ҷиноятӣ ва ғ. дохил мешавад.

Ба сифати объекти ин самти назорати прокурорӣ муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунад, ки дар ҷараёни истеҳсолоти иҷро ба вуҷуд меоянд ва мавқеи асосиро қонунӣ будани амалҳо ва қарорҳои қабулнамудаи иҷрочиёни Хадамоти иҷро ишғол менамояд.

Иҷрои санадҳои судӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи адолати судӣ буда, ҳокимияти судиро таҳким медиҳад ва боварии ҷомеаро ба ҳокимияти судӣ афзуда ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд [16, с. 159]. Прокуророн вазифадоранд, ки ҳамкориро бо мақомоти судӣ дар ҳалли қонунию одилонаи баҳсҳои маданӣ, оилавӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ ба роҳ монда, барои ҳаматарафа, пурра ва холисона баррасӣ намудани парвандаҳо, таъмини адолати судӣ ва иҷрои санадҳои судии қабулшуда, барқарор намудани товони зарар ва иҷрои қонунҳо оид ба ҳифзи амвол чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар фаъолияти иҷрочиёни Хадамоти иҷро масъалаи пурра барқарор намудани товони зараре, ки ба давлату ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳида расонида шудаанд, ҷойи муҳиммро ишғол менамояд, зеро шарти зарурии таҳкими қонуният дар соҳаи иқтисодиёт мебошад. Мақомоти тафтишу таҳқиқ низ дар баъзе мавридҳо бо мақсади таъмини рӯёнидани воқеии товони зарар, сари вақт қарорҳои дахлдор қабул намекунанд ва амволи айбдоршавандагон пурра ошкор ва ба рӯйхат гирифта нашуда, барои ёфта гирифтани онҳо чораҳои дар қонун пешбинишударо амалӣ намегардонанд. Дар фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ ҳангоми рӯёнидани товони зарар аз

маҳбусон низ камбудиҳои зиёд ҷой доранд [2; 15].

Бинобар ин, дар доираи кори мазкур масъалаи назорати прокурорӣ дар самти истеҳсолоти иҷро ва барқарор намудани товони зарар ва иҷрои бечуночарои қонунҳо оид ба ҳифзи амвол мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода мешавад.

Ҷой доштани вайронкунии қонун дар истеҳсолоти иҷро, аз ҷумла дар рафти иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва дигар мақомоти ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқ манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар канор монда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроро коҳиш медиҳад. Омили дигаре, ки ба самараи кори иҷрочиёни хадамоти иҷро таъсиргузор аст ин зиёд будани сарбории кормандон мебошад.

Маълум аст, ки то ҷорӣ гардидани ислоҳотӣ судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истеҳсолоти иҷро бо меъёрҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба тартиб дароварда мешуданд, ки амалҳои иҷроро душвор мегардонид. Тибқи Барномаи ислоҳотӣ судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 тасдиқ шудааст, истеҳсолоти иҷро аз тобеияти Шурои адлия ва судҳои ҷумҳурӣ ба тобеияти мақомоти адлия гузаронида шуд [4].

Баҳри баланд гардидани мақоми иҷрочиён ва таъмини мустақилияти онҳо дар рафти иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомоти назоратӣ ва давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро” қабул гардид ва ба қонунгузории соҳаҳои бонкдорӣ, нотариат ва маъмурӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Мутаассифона, дар Қонуни мазур баъзе ихтилофҳо ва номукаммалиҳо ҷой доштанд, ки ба самаранокии нақши назорати прокурорӣ ва истеҳсолоти иҷро таъсиргузор буд. Ин қонун танҳо дар ду ҳолат оварда шудани эътирози прокуророро ба қарорҳои иҷрочиёни Хадамоти иҷро: ба қарори иҷрочӣ дар бораи барпошуда эълон кардани музояда ва қатъ кардани истеҳсолоти иҷроро (дар моддаҳои 55 ва 89) пешбинӣ карда буд [6]. Чунин муқаррарот ба меъёрҳои боби 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки предмети назорати умумиро муайян намудааст, ихтилоф дошта, ваколатҳои дар самти назорати умумидоштаи прокуророндро зери шубҳа мегузошт.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-уми июни с. 2018, № 2018 Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки фаъолияти он ба иҷрои санадҳои судӣ, ба манфиати давлат корхонаю ташкилот ва шаҳрвандон ситонидани маблағҳои зарар, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва давлат равона гардидааст. Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» соли 2022 қабул гардида, низоми иҷрои қарорҳои судӣ ва дигар мақомоти давлатиро муайян намуд, вале баъзе аз меъёрҳои санади мазкур такмилро талаб мекунад

Таҷриба нишон медиҳад, ки теъдоди муайяни санадҳои судӣ, санадҳои мақомоти назоратбаранда, гумруку андоз ва дигар мақомоти ваколати татбиқи ҷазои маъмуридошта сари вақт ба иҷро расонида намешаванд. Иҷрочиёни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ҳамаи чораҳои зарурииро баҳри таъмини иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои дигар мақомот, ки аз ваколатҳои онҳо бармеоянд, намеандешанд. Бешубҳа, натиҷаи беҳтарин ин ихтиёран иҷро кардани санадҳои судҳо ва санадҳои мақомоти дигар аст, аммо дар сурати ихтиёран иҷро накардани санадҳои судӣ механизми муассири таъмини иҷрои маҷбурии онҳо татбиқ мешавад [5].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохурӣ бо кормандони мақомоти судӣ махсус зикр карданд, ки «назорат дар самти иҷрои саривақтии санадҳои судӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд. Масъулияти судяҳо ҷиҳати назорати иҷрои қарорҳои судӣ бояд баланд бардошта шавад, зеро таъмин

нагардидани иҷрои саривақтии санадҳои судӣ норозигии тарафҳои манфиатдори парвандаҳои судӣ ва афкори манфии мардумро нисбат ба фаъолияти судяҳо ба миён оварда, обрӯву эътибори ҳокимияти судиро коста мегардонад» [17].

Барои тақвият додани кафолати ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, низоми судӣ ва иҷрои саривақтии санадҳои судӣ зарур аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти истеҳсолоти иҷро таҳти назорати мунтазами прокурорӣ қарор дода шуда, воситаҳои ҳуқуқии назорати прокурорӣ татбиқ гардида, вайронкунии қонунҳо сари вақт ошкор ва бартараф карда шуда, масъулияти шахсони мансабдор баланд бардошта шаванд.

Дар ҷараёни назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи иҷрочиёни хадамоти иҷро прокурор дар доираи ваколатҳои худ ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони дар истеҳсолоти иҷро иштирок намуда, ба масъалаҳои баррасии аризаву шикоятҳои шаҳрвандон оид ба вайрон карда шудани ҳуқуқҳои онҳо дар рафти баамалбарории истеҳсолоти иҷро диққати махсус дода, чораҳои аз тарафи мақомоти болоӣ нисбати ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандон дидашударо баррасӣ намуда баҳои ҳуқуқӣ медиҳад ва барои бартараф намудани вайронкунии қонун ва барқарор намудани ҳуқуқҳои шаҳрвадан чораҳои зарурӣ меандешад.

Чи тавре ки Раҳмон Ю.А. иброз медорад, «ба фаъолияти мақомоти прокуратура дар баъзе ҳолатҳо амали ғайриқонунии шахсони алоҳидаи мансабдор таъсири манфӣ мерасонад, ки дар натиҷа манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ зарар дида, ин ҳолат боиси иҷро нашудани санадҳои судӣ мегардад» [13, с. 236].

Ба назари мо, сабаби дигари беиҷро мондан ё сари вақт иҷро нагардидани санадҳои судӣ ин паст будани савияи ҳуқуқӣ ва касбии иҷрочиён, номукаммал будани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар самти истеҳсолоти иҷро ва нокифоя будани ҳамкории мақомоти иҷро бо мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Дар шаҳру ноҳияҳо миқдори ҳуқуқвайронкуниҳо, муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ зиёд бошанд ҳам, назорати дохилисоҳавии Хадамоти иҷро оид ба рафти баамалбарории истеҳсолоти иҷро нокифоя буда, санҷишҳои прокурорӣ ва татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии прокурорӣ барои бартараф намудани вайронкунии қонун ва барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ангуштшумор мебошанд.

Ҳамзамон зарур аст, ки ҳамкории мақомоти прокуратура, суд бо мақомоти иҷро дар иҷрои қонунию одилонаи санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва иқтисодӣ дуруст ба роҳ монда, таъмини иҷрои санади судии қабулшуда, инчунин барои дар рӯҳияи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар айни ҳол, вобаста ба такмил додани назорати прокурорӣ, қонунгузории мурофиавии маданӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ҳакамӣ дар доираи таҳқиқоти махсус, кор карда баромадани хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои илмӣ барои ҳалли муаммои таъмин намудани иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар ногузир мегардад.

Солҳои охир дар фаъолияти мақомоти прокуратура ҷойи асосиро назорат аз болои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Назорати умумии прокуратура ба ҳимояи ҳуқуқҳои сиёсӣ, меҳнатӣ, манзилӣ ва дигар ҳуқуқҳои шаҳрвандон равона гардидааст [12, с. 305]. Бахри дар амал татбиқ намудани ин вазифаҳо прокурор бояд ки маҷмуи воситаҳои ҳуқуқиро дар таҳкими қонуният, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва пешгирӣ намудани онҳо самаранок истифода намуда, барои ҳимоя намудани ҳуқуқҳои поймолгардидаи шаҳрвандон ва дигар субъектҳои хоҷагидор новобаста аз шакли моликияташон ҳаматарафа чораандешӣ намояд.

Муҳиммияти мавзуи мазкур инчунин бо ба имзо расонидани як зумра санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби Тоҷикистон муайян карда мешавад, ки ба зиммаи кишвар масъулияти иловагӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар

қонунгузории Тоҷикистонро бо соҳаи истеҳсолоти иҷро ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ созанд [14].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ба масъалаҳои нақши назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар самти иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти давлатӣ, баҳсҳои байни корхонаҳо, ташкилот ва баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо аз тарафи хадамоти иҷро таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқшуда Маҳмудзода М.А. зикр намудааст, ки «нақши прокуратура ҳамчун яке аз кафолатҳои риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаи назорати прокурорӣ дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар иҷрои қонунҳо аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ҳамчун унсури муассир ва муҳимтарини механизми давлатӣ, ки вобаста ба он на танҳо нигоҳ доштан, балки пурзӯр намудани функсияи назоратии прокуратура дар соҳаи муносибатҳои ҳокимиятии иҷро пешниҳод шудааст» [15, с. 432].

Фозилов Н.Н. бошад иброз медоранд, ки «дар марҳалаи ҳозираи рушди иқтисодиёти бозорӣ, вазъияти душвори иҷтимоии аҳолӣ, муфлисии молиявию иқтисодии корхонаҳо, давомнокии расмиёти муфлисшавӣ ба раванди иҷрои санади судӣ таъсири худро мерасонад ва вобаста ба ин, зарурати баланд бардоштани сифати ин соҳаи назорати прокурорӣ ба миён меояд” [16, с. 353-355].

Ба андешаи олими рус Воронин О.В., «назорати прокурорӣ дар шароити муосир яке аз шаклҳои ягонаи фаъолияти санҷиши оммавӣ ба шумор меравад, ки тавассути он баҳои ҳуқуқии таъмини иҷроиши қонун аз ҷониби аксари иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ дода мешавад» [7, с. 183-189].

Ба андешаи Грачёва О.А., Шутило О.В. ва Матушкин П.А., «мақомоти прокуратура ягона мақомоти роҳбарикунандае махсуб меёбад, ки қисмати асосии фаъолияти он маҳз ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунуии инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст» [8, с. 60-64]. Б.В. Лембик менависад, ки «мақомоти прокуратура дар фаъолияти худ тавассути функсияҳои назоратии худ кӯшиш менамояд ҳамеша ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, шахсони мансабдори онҳо, мақомоти судӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, риоя ва ҳифз карда шаванд» [10, с. 229-236].

Маҳмудов И.Т. барҳақ иброз медоранд, ки «дар замони муосир назорати прокурорӣ ҳамчун кафили асосии таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ва ҳамчун яке аз механизмҳои самарабахши таъмини қонуният баромад менамояд» [11, с. 37].

Воқеан, мақомоти прокуратура дар ҳаёти ҷамъиятии кишвар бобати риояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, татбиқи якхелаи иҷрои қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон саҳми шоиста мегузорад. Пурзур намудани функсияи назоратии прокуратура дар таъмини қонунӣ будани амалҳо ва қарорҳои қабулнамудаи иҷрочиёни Хадамоти иҷро ва риояи қонунҳо дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни истеҳсолоти иҷро ба вуҷуд меоянд ногузир буда, ба риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд равона карда шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши ин масъала - муайян намудани нақш ва салоҳияти прокурор дар назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро, инчунин омӯзиши моҳияти ҳуқуқии истеҳсолоти иҷро мебошад.

Ҳамин тариқ, дар назди мақомоти прокуратура вазифа гузошта шудааст, ки тамоми фаъолияти худро барои таъмини қонуният дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона кунад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иҷрои санадҳои мақомоти судӣ, назорат аз болои иҷрои қонунгузорӣ аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро дар соҳаи

истеҳсолоти иҷро, қонунгузор бояд ба баланд бардоштани сифату самаранокии фаъолияти назорати прокурорӣ диққати махсус диҳад.

Ба назари мо, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти риояи қонунҳо оид ба иҷрои санадҳои судӣ зарур аст, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд ва ваколатҳои прокуророн оид ба назорат аз болои иҷрочиёни Хадамоти иҷро ба самти алоҳидаи назорати прокурорӣ ҷудо карда шавад.

Инчунин ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» илова ворид карда шуда, моддаи махсус оид ба назорати прокурорӣ ба риояи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои қонунгузории амалкунанда аз тарафи иҷрочиёни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи сохторҳои шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо будаи ин хадамот, инчунин парвандаҳои истеҳсолоти иҷро ва ҳамаи амалҳои шаҳрвандӣ - мурофиавӣ ва маъмурӣ-мурофиавӣ ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии аз тарафи шахсони мансабдори ин хадамот қабул карда пешбинӣ карда шавад.

Масъалаи назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо дар соҳаи истеҳсолоти иҷро бо назардошти воқеияти нав ва муқоисаи онҳо бо натиҷаҳои мусбӣ муяссар гардидан, баррасӣ гардад. Ин пеш аз ҳама ба он дахл дорад, ки дар ҳалли масъалаҳои муҳимми хоҷагии халқ нақши мақомоти прокуратура боз ҳам баланд бардошта шавад, зеро ки Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад.

Дар хулоса зикр кардан лозим аст, ки сифат ва сари вақт иҷро кардани қарорҳои судӣ, сарфи назар аз миқдори истеҳсолоти иҷро, то имрӯз дар сатҳи нокифоя қарор дорад, ки ҳолати мазкур хусусияти мунтазам ва паҳншуда гирифтааст. Бинобар ин, дар шароити имрӯза барои воқеан амалӣ шудани адолати судӣ, ҳалли мушкилоти амалияи иҷрои санадҳои судӣ, инчунин, бартараф карда шудани вайронкунии қонун, риоя нашудани муҳлати иҷрои санадҳои судӣ, тақвияти назорати прокурорӣ ногузир, муҳим ва мубрам мебошад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003, 22-юми майи соли 2016). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми июли с. 2005, № 107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, № 7, мод. 398; с. 2006, № 3, мод. 141; с. 2007, № 5, мод. 350, № 7, мод. 652; с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 981; с. 2009, № 5, мод. 314 (Қонунҳои ҶТ аз с. 2020, № 12, мод. 897; аз с. 2021, № 1- 2, мод.2; аз 13.11.2023 № 1983).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 08-уми июни с. 2022, № 1873 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview (санаи муроҷиат: 02.01.2025).

4. Барномаи ислоҳотӣ судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми июни с. 2007, № 271 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php8011 (санаи муроҷиат: 02.01.2025)

5. Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ оид ба барқарор намудани товони зарар ва иҷрои қонунҳо вобаста ба ҳифзи амвол" аз 15-уми феврали с. 2016, № 9 // [Манбаи электронӣ] - Реҷаи воридшавӣ: https://prokuratura.tj/legislation-tjk/120 (санаи муроҷиат: 02.01.2025)

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 20-уми марти с. 2008, № 373 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 3, мод. 192; с. 2010, № 7, мод. 543; с.2012 № 7, мод. 717; с. 2019 № 1, мод.9; № 6. мод. 315, с. 2021. № 1-2, мод.7. (бо Қонуни ҶТ аз 08.06.2022, № 1873 аз эътибор соқит дониста шуд).

7. Воронин, О.В. О сущности современного прокурорского надзора / О.В. Воронин // Уголовная юстиция. – 2018. – № 11. – С. 183-189.

8. Грачёва, О.А. Шутило, О.В., Матушкин, П.А. К вопросу об определении роли современной российской прокуратуры как основного правозащитного механизма в правовом государстве / О.А. Грачёва. О.В. Шутило, П.А. Матушкин // ВЭПС. – 2021. – №4. – С. 60-64.

9. Исоев, М.Ш., Каримов, Ф.К., Юсупов, А. Назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Ш. Исоев, Ф.К. Каримов, А. Юсупов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 725 с.

10. Лембик, Б.В. Роль органов прокуратуры в сфере защиты прав и свобод человека и гражданина / Б.В. Лембик // Вестник науки. – 2024. – № 5. – С. 229 – 236.

11. Махмудов, И.Т. Теоретические основы и научно-практические проблемы прокурорского надзора за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: по материалам Республики Таджикистан: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.11 / Изатулло Тешаевич Махмудов. – М., 2008. – 37 с.

12. Мухаммадиев, И.С. Органы прокуратуры Таджикистана в годы Великой Отечественной войны (1941 – 1945). Т.1 / И.С. Мухаммадиев. –Душанбе: Ирфон, 2019. – 325 с.

13. Раҳмон, Ю.А. Назорати прокурорӣ / Ю.А. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 с.

14. Раҳмонов, У. Суханронии сардори Раёсати таъмини фаъолияти иҷрочиёни мақомоти иҷрои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http: // www.news.tj /ru/ newspaper /article/rakhmonov-o-roli-sudoispolnitelei (санаи муроҷиат: 27.01.2025).

15. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М. А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – 611 с.

16. Тафсири кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири Н.Н. Фозилов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 783 с.

17. Эмомалӣ Раҳмон. Маърузаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https: // sud.tj / upload / medialibrary /ba2 /ba2c83ec80192d0d7345c252a104d5b5.pdf (санаи муроҷиат: 27.01.2025).

**References**

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 was adopted by a national referendum (September 26, 1999, June 22, 2003, May 22, 2016). – Dushanbe: Ganj, 2016. – 135 p.

2. Constitutional Law of the Republic of Tajikistan “On the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan” of July 25, 2005, No. 107 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2005, No. 7, art. 398; p. 2006, No. 3, art. 141; p. 2007, No. 5, art. 350, No. 7, art. 652; p. 2008, No. 12, p. 1, art. 981; s. 2009, No. 5, art. 314 (Laws of the Republic of Tajikistan of s. 2020, No. 12, art. 897; of s. 2021, No. 1- 2, art. 2; of 13.11.2023 No. 1983).

3. Law of the Republic of Tajikistan “On the Production of Performance” of June 08, s. 2022, No. 1873 // [Electronic resource] - Access mode: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview (access date: 02.01.2025).

4. Judicial and Legal Reform Program in the Republic of Tajikistan, approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated June 23, 2007, No. 271 // [Electronic resource] - Access schedule: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php8011 (access date: 02.01.2025)

5. Decree of the Prosecutor General of the Republic of Tajikistan “On strengthening prosecutorial control over the recovery of damages and the implementation of laws related to the protection of property” dated February 15, 2016, No. 9 // [Electronic resource] - Access schedule: https://prokuratura.tj/legislation-tjk/120 (access date: 02.01.2025)

6. Law of the Republic of Tajikistan “On Enforcement Proceedings” dated March 20, 2008, No. 373 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2008, No. 3, art. 192; p. 2010, No. 7, art. 543; p. 2012 No. 7, art. 717; p. 2019 No. 1, art. 9; No. 6. art. 315, p. 2021. No. 1-2, art. 7. (repealed by the Law of the Republic of Tajikistan dated 08.06.2022, No. 1873).

7. Voronin, O.V. On the essence of modern prosecutorial supervision / O.V. Voronin // Criminal justice. - 2018. - №. 11. - Pp. 183-189.

8. Gracheva, O.A. Shutilo, O.V., Matushkin, P.A. On the issue of defining the role of the modern Russian prosecutor's office as the main human rights mechanism in a state governed by the rule of law / O.A. Gracheva. O.V. Shutilo, P.A. Matushkin // VEPS. - 2021. - №. 4. - Pp. 60-64.

9. Isoev, M.Sh., Karimov, F.K., Yusupov, A. Prosecutorial supervision in the Republic of Tajikistan / M.Sh. Isoev, F.K. Karimov, A. Yusupov. – Dushanbe: Ejod, 2005. – 725 p.

10. Lembik, B.V. The role of the prosecutor's office in the field of protecting the rights and freedoms of man and citizen / B.V. Lembik // Bulletin of Science. - 2024. - No. 5. - Pp. 229-236.

11. Makhmudov, I.T. Theoretical foundations and scientific and practical problems of prosecutorial supervision over the implementation of laws in operational-search activities: based on the materials of the Republic of Tajikistan: author's abstract. dis. ... Cand. of Law. Sciences: 12.00.11 / Izatullo Teshaevich Makhmudov. - M., 2008. - 37 p.

12. Mukhammadiev, I.S. Prosecutor's Office of Tajikistan during the Great Patriotic War (1941 - 1945). Vol. 1 / I.S. Mukhammadiev. – Dushanbe: Irfon, 2019. – 325 p.

13. Rakhmon, Yu.A. Prosecutorial supervision / Yu.A. Rakhmon. – Dushanbe: Irfon, 2019. – 390 p.

14. Rakhmonov, U. Speech by the head of the Department for ensuring the activities of executives of executive bodies of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan // [Electronic resource] – Access schedule: http: // www.news.tj /ru/ newspaper /article/rakhmonov-o-roli-sudoispolnitelei (access date: 01/27/2025).

15. Scientific and popular interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan // Edited by academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, D.I.H., professor M. A. Mahmudov. – Dushanbe, 2009. – 611 p.

16. Interpretation of the Civil Procedure Code of the Republic of Tajikistan / Edited by N.N. Fozilov. – Dushanbe: ER-graf, 2013. – 783 p.

17. Emomali Rahmon. Report of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation at a meeting with employees of judicial bodies // [Electronic resource]. – Access schedule: https: // sud.tj / upload / medialibrary /ba2 /ba2c83ec80192d0d7345c252a104d5b5.pdf (application date: 27.01.2025).

ТДУ 34.07:351.7:004.9

# СОҲАИ ИТТИЛООТӢ-РАҚАМӢ ДАР МУҲИТИ МУОШИРАТИ ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

# ИНФОРМАЦИОННО-ЦИФРОВАЯ СФЕРА В КОММУНИКАЦИОННОЙ СРЕДЕ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

# INFORMATION AND DIGITAL SPHERE IN THE COMMUNICATIVE ENVIRONMENT OF LAW ENFORCEMENT ACTIVITY

ОДИНАЗОДА А. Ш.
ODINAZODA A.SH.
*Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Профессор кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Professor of the Department of State and Legal Disciplines, Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan Candidate of legal sciences, associate professor, colonel of militia*



e-mail: 939150001@mail.ru

ШАРИФЗОДА Ф.Р.
SHARIFZODA F.R.
*Муовини Директори Бюрои ҳамоҳангсозии мубориза алайҳи ҷинояткории муташаккилона ва дигар намудҳои ҷиноятҳои хатарнок дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия*
*Заместитель Директора Бюро по координации борьбы с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств-участников Содружества Независимых Государств от Республики Таджикистан, доктор юридических наук, доцент, генерал-майор милиции*
*Deputy Director the Bureau for the Coordination of the Fight against Organized Crime and Other Dangerous Types of Crime in the Territory of the Member States of the Commonwealth of Independent States from the Republic of Tajikistan, Doctor of Legal Sciences, associate professor, major general of militia*



e-mail: faizali_74@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).
*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность, правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно–правовые) науки).
*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity, law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Тақриздиҳанда:* Зоир Ҷ.М. – мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

*Рецензент:* Зоир Дж.М. – заведующий отделом государственного права Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.

*Reviewer:* Zoir J.M. - Head of the Department of Public Law the Institute of Philosophy, political science and Law named after. A. Bakhovaddinova National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

*Аннотатсия:* Дар мақола соҳаи иттилоотӣ-рақамӣ дар муҳити муоширати фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ гардида, муаллифон чунин мешуморанд, ки такмили ҳамкорӣ дар муқовимат бо таҳдидҳои дохилӣ ба амнияти миллӣ бевосита ба таъмини иттилоотии ин раванд алоқаманд мебошад. Таҳлили санадҳои стратегии ватанӣ ба муаллифон имконият дод, ки функсияҳое, ки фазои иттилоотӣ иҷро мекунад, ҷудо намоянд. Муаллифон ба хулосае омадаанд, ки яке аз роҳҳои муҳиммтарин ин пешниҳоди саривақтӣ, пурра ва боэътимоди иттилоот ва маълумот ба мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад. Инчунин, истифодаи дурусти муҳити иттилоотӣ ба сарфаи назарраси хароҷоти буҷетӣ барои ташкили он тавассути интиқоли ҳама шаклҳои инъикоси иттилоот бо каналҳои рақамии мустақим ва бозгашт мусоидат мекунад.

*Вожаҳои калидӣ*: соҳаи иттилоотӣ-рақамӣ, муҳити муошират, амнияти миллӣ, ҷомеа, давлат, фаъолият, ҳифз, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

*Аннотация:* В статье рассматривается информационно-цифровая сфера в контексте правоохранительной коммуникации, и авторы полагают, что совершенствование взаимодействия по противодействию внутренним угрозам национальной безопасности напрямую связано с информационным обеспечением этого процесса. Анализ отечественных стратегических документов позволил авторам выделить функции, выполняемые в информационном пространством. Авторы пришли к выводу, что одним из важнейших способов является предоставление своевременной, полной и достоверной информации и данных уполномоченным государственным органам. Также грамотное использование информационной среды способствует существенной экономии бюджетных затрат на ее организацию за счет передачи всех видов информации по прямым и обратным цифровым каналам.

*Ключевые слова:* информационно-цифровая сфера, коммуникационная среда, национальная безопасность, общество, государство, деятельность, защита, правоохранительные органы.

*Annotation:* The article examines the information and digital sphere in the context of law enforcement communications, and the authors believe that improving interaction to counter internal threats to national security is directly related to the information support of this process. An analysis of domestic strategic documents allowed the authors to identify the functions performed in the information space. The authors came to the conclusion that one of the most important methods is the provision of timely, complete and reliable information and data to authorized government agencies. Also, the competent use of the information environment contributes to significant savings in budgetary costs for its organization due to the transmission of all types of information via direct and reverse digital channels.

*Key words:* information and digital sphere, communications, national security, society, state, activity, protection, law enforcement agencies.

Аҳаммияти ҷавҳарии таъмини ҳолати ҳимоя шудани манфиатҳои арзишманди давлат аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеӣ дар амалигардонии амнияти миллӣ тавассути ғояи рушди устувори Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошад, зеро бе низоми боэътимоди таъмини амният ҳар гуна миллат метавонад ҳувияти худро гум карда, аз байн равад.

Пайдоиш ва фаъолияти муваффақи системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар заминаи технологияҳои инноватсионӣ оид ба тағйиротҳои амиқи сохторӣ ва гузариши сифатии нисбатан инқилобӣ аз ҳалли анъанавии саноатӣ ба ҳалли рақамӣ дар рушди марҳилаи нави иқтисодиёт ва ҷомеа шаҳодат медиҳад. Вобаста ба ин, чунон ки муҳаққиқон асоснок қайд мекунанд, «ҳифзи истиқлолият ва якпорчагии давлат аз хатарҳои ҳарбӣ (таҳдидҳои беруна) тадриҷан ба фазои иттилоотӣ ва соҳаи дохилӣ мегузарад» [9, с. 70].

Дар таъмини амнияти миллӣ соҳаи иттилоотию рақамӣ аҳамияти махсус дорад, ки имрӯз дар миқёси ҷаҳонӣ ба падидаи асосӣ табдил ёфта, ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, мудофиавӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар фаъолиятҳо, ки асоси муҳофизати манфиатҳои миллии давлат ва мустаҳкам намудани демократияро ташкил мекунанд, таъсири худро фаъолона мерасонад [17, с. 20]. Масалан, аксарияти муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, ки фазои иттилоотӣ, аниқтараш, муҳити иттилоотӣ-телекоммуникатсионии шабакаи «Интернет» ба соҳаи асосии фаъолияти ҷиноятии гурӯҳҳои экстремистӣ табдил ёфтааст. Онҳо фазои иттилоотиро фаъолона аз худ карда, нашрияҳои ВАО ва Интернетро бо мақсадҳои зиддиҷамъиятӣ истифода мебаранд, мафкураи ифротгароиро паҳн мекунанд, кинаю адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва диниро бармеангезанд, гузаронидани амалҳои беиҷозати сиёсиро оид ба ноором кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуният ба нақша гирифта ва ҳамоҳанг мекунанд [21].

Бо мурури замон аҳамияти афзоишёбандаи соҳаи иттилоот аён мегардад, зеро ин омили ҳаёти ҷамъиятӣ бештар дурнамои ҳифзи амнияти миллӣ ва стратегияи рушди инноватсионии асосҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии давлатро муайян мекунад [8, с. 177].

Из российской практики можно привести пример уголовного дела, по которому С.А. Иванов и П.Г. Сидоров, реализуя преступный умысел, направленный на тайное хищение чужого имущества путем обмана, пришли в магазин «Бирмания», где С.А. Иванов, действуя в пределах согласованной роли, по предварительному сговору, умышленно, из корыстных побуждений, с целью незаконного материального обогащения, путем обмана сотрудников магазина, подойдя к стойке для заказов, передал продавцу «Билет банка приколов» номиналом 5000 рублей для проведения оплаты за приобретенный товар, выдавая его за денежный билет Банка России. В то же время, Сидоров П.Г., действуя по предварительному сговору с Иванов С.А, согласно заранее отведенной ему роли, наблюдал за окружающей обстановкой, с целью предупреждения Иванов С.А о приближении иных лиц, обеспечивая тайность хищения [8].

Последний факт свидетельствует, что субъекты мошенничества в подавляющем большинстве случаев действуют с «холодным» расчетом; им не свойственно пребывание в состоянии алкогольного или наркотического (токсического) опьянения во время совершения мошеннических посягательств.

К тому же, мошенничество является, так сказать, наиболее «интеллектуальным» корыстным преступлением против собственности. В частности, это утверждение вытекает из анализа материалов изученных уголовных дел, поскольку для преступников-мошенников характерны следующие специфические черты:

1) высокий уровень коммуникабельности, умение быстро устанавливать психологический контакт, способность немедленно проявлять недоверие окружающих, мастерство по созданию представления о «неполезной» заинтересованности проблемами человека;

2) создание такого имиджа для потенциальных пострадавших лиц, который бы убеждал их в солидности, прибыльности и явном успехе деловой или служебной деятельности мошенника;

3) детальное планирование своей преступной деятельности, что нередко носит профессиональный характер и провоцирует многоэпизодность;

4) необходимый уровень знаний в области права, а также той сферы, в которой имеет место «специализация» мошенника.

Результаты, полученные по результатам анализа уголовных дел, рассмотренных таджикскими судами, подтверждают и выводы ученых-психологов, описывающих уголовно-психологический портрет современного мошенника [10, с. 61].

Уголовно-психологический портрет современного мошенника включает следующие черты:

1) их устойчивая антиобщественная направленность и повышенная опасность для общества;

2) незаурядный дар воображения, умение использовать внушающее влияние и убеждать людей;

3) хитрость, лживость, умение заинтересовать собой, знание способов фальсификации документов;

4) наличие знаний в области психологии, умение хорошо наблюдать, быстрая реакция на смену обстановки;

5) использование возможностей перевоплощения, способность устанавливать контакты с людьми разных типов, выбор соответствующей манеры поведения;

6) внешне – это коммуникабельные, разговорчивые люди, способные быстро привлечь к себе внимание других людей, заинтересовать их, войти в доверие, создать приятное впечатление надежного или нужного человека, а некоторые из них обладают даже элементами своеобразного артистизма;

7) уровень умственного развития выше среднего (большинство из них имеют высшее образование); заметным является достаточно значительный объем знаний, широта взглядов, разнообразие интересов;

8) по темпераменту – это в основном либо сангвиники, либо холерики; они имеют сильно выраженные волевые качества [10, с. 61].

Учитывая указанное, следует отметить, что знание о типичном уголовно-психологическом портрете современного мошенника должно поспособствовать обеспечению эффективной профилактики случаев мошенничества. В частности, в отношении лиц, соответствующих обозначенным критериям, может проводиться профилактическая работа, в т.ч. и индивидуального характера.

Кроме того, обобщенные данные относительно личности субъекта мошенничества с большой долей вероятности позволяют при расследовании конкретного преступления составить криминологический портрет личности возможного субъекта преступления, что позволит более эффективно расследовать соответствующие преступления.

**Использованная литература**

1. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 574 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.06.2024, №2050) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998 г., № 9, ст. 68, ст. 69, № 22, ст. 306; 1999 г., № 12, ст. 316; … Законы Республики Таджикистан от 24.12.2022 № 1924, от 24.12.2022 № 1924, № 1925, от 13.11.2023, № 1984, от 13.11.2023, № 1985, от 20.06.2024, №2050.

2. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996, № 63-ФЗ (ред. от 04.08.2023) // Собрание законодательства РФ, 17.06.1996, N 25, ст. 2954.

3. Конвенция об уголовной ответственности за коррупцию (заключена в г. Страсбурге 27.01.1999) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121544/

4. Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции: принята в г. Нью-Йорке 31.10.2003 Резолюцией 58/4 на 51-ом пленарном заседании 58-ой сессии Генеральной Ассамблеи ООН // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121140/

5. Конвенция против транснациональной организованной преступности: принята в г. Нью-Йорке 15.11.2000 Резолюцией 55/25 на 62-ом пленарном заседании 55-ой сессии Генеральной Ассамблеи ООН (с изм. от 15.11.2000) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121543/

6. Международная конвенция о борьбе с финансированием терроризма: заключена в г. Нью-Йорке 09.12.1999 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_42234/cde09a2cd0c411568920b76ce394a82dfaae5045/

7. Приговор Верховного Суда Республики Дагестан № 22-969/2020 от 23 июня 2020 г. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://sudact.ru/regular/doc/jvIDZg4Kjp9/

8. Приговор Шилкинского районного суда № 1-61/2022 от 14 февраля 2022 г. по делу № 1-61/2022 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://sudact.ru/regular/doc/S7fkEhsJqIUt/

9. Ахмедшин, Р.Л. Лекции по правовой психологии / Р.Л. Ахмедшин. – Томск: Издательский Дом Томского государственного университета, 2019. – 454 с.

10.Ёров, Е.Х. Предупреждение органами внутренних дел Таджикистана мошенничества в отношении собственности граждан: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ёрмахмад Хакимович Ёров. – Душанбе, 2022. – 200 с.

11.Merryman, J., Clark D. Comparative Law: Western European and Latin American Systems, Cases and Materials. – N.Y.: The Boobs-Merril Co., 1978. – 1272 p.

**References**

1. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of May 21, 1998, No. 574 (with amendments and additions as of June 20, 2024, No. 2050) // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1998, No. 9, Art. 68, Art. 69, No. 22, Art. 306; 1999, No. 12, Art. 316; … Laws of the Republic of Tajikistan dated 24.12.2022 No. 1924, dated 24.12.2022 No. 1924, No. 1925, dated 13.11.2023, No. 1984, dated 13.11.2023, No. 1985, dated 20.06.2024, No. 2050.
2. Criminal Code of the Russian Federation dated 13.06.1996, No. 63-FZ (as amended on 04.08.2023) // Collected Legislation of the Russian Federation, 17.06.1996, N 25, Art. 2954.
3. Criminal Law Convention on Corruption (concluded in Strasbourg on 27.01.1999) // [Electronic resource] - Access mode: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121544/
4. United Nations Convention against Corruption: adopted in New York on 31.10.2003 by Resolution 58/4 at the 51st plenary meeting of the 58th session of the UN General Assembly // [Electronic resource] - Access mode: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121140/
5. Convention against Transnational Organized Crime: adopted in New York on 15.11.2000 by Resolution 55/25 at the 62nd plenary meeting of the 55th sessions of the UN General Assembly (as amended on 15.11.2000) // [Electronic resource] - Access mode: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121543/
6. International Convention for the Suppression of the Financing of Terrorism: concluded in New York on 09.12.1999 // [Electronic resource] - Access mode: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_42234/cde09a2cd0c411568920b76ce394a82dfaae5045/
7. Verdict of the Supreme Court of the Republic of Dagestan No. 22-969/2020 dated June 23, 2020 // [Electronic resource] - Access mode: https://sudact.ru/regular/doc/jvIDZg4Kjp9/
8. Sentence of the Shilkinsky District Court No. 1-61/2022 dated February 14, 2022 in case No. 1-61/2022 // [Electronic resource] - Access mode: https://sudact.ru/regular/doc/S7fkEhsJqIUt/
9. Akhmedshin, R.L. Lectures on legal psychology / R.L. Akhmedshin. - Tomsk: Publishing House of Tomsk State University, 2019. - 454 p.
10. Yorov, E.Kh. Prevention of fraud against the property of citizens by the internal affairs bodies of Tajikistan: dis. ... candidate of legal sciences: 12.00.08 / Yormahmad Khakimovich Yorov. – Dushanbe, 2022. – 200 p.
11. Merryman, J., Clark D. Comparative Law: Western European and Latin American Systems, Cases and Materials. – N.Y.: The Boobs-Merril Co., 1978. – 1272 p.

**ТДУ 340.132.1:378.2**

# ДАРКНАМОИИ ҲУҚУҚИИ ОМОДАНАМОИИ КАДРҲОИ САТҲИ БАЛАНДИ ИЛМӢ

# ПРАВОВОЕ ОСОЗНАНИЕ ПОДГОТОВКИ КАДРОВ ВЫСШЕЙ КВАЛИФИКАЦИИ

# LEGAL AWARENESS OF TRAINING OF HIGHLY QUALIFIED STAFF



РАХМАДҶОНЗОДА Р.Р.
RAHMADJONZODA R.R.
*Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
*Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по науке, доктор юридических наук, доцент, полковник милиции*
*Deputy Head of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan for Science, Doctor of Law, associate professor, colonel of militia*
E-mail: reefat@yandex.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (5.1.1. Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ).
*Научная специальность:* 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве (5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки).
*Scientific specialties:* 12.00.01 – Theory and history of law and state; history of the doctrines of law and the state (5.1.1. Theoretical and historical legal sciences).

*Тақриздиҳанда:* РАҶАБЗОДА Р.М. – Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
*Рецензент:* РАДЖАБЗОДА Р.М. – Председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по законодательству и правам человека, доктор юридических наук, доцент.
*Reviwer:* RAJABZODA R.M. – Chairman of the Committee of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on Legislation and Human Rights, Doctor of Law, Associate Professor.

*Аннотатсия*: Дар мақола муаллиф назари хешро тавассути даркнамоии ҳуқуқии масъалаҳои мухталифи самти омоданамоии кадрҳои сатҳи баланди илмӣ, паҳлуҳои гуногуни самти аттестатсияи кадрҳои илмиро бо истинод овардан ба рақамҳои мушаххас ва далелҳои бебаҳс, ки аз натиҷагирии Пешвои муаззами миллат вобаста ба соҳаи илм ва маориф сарчашма мегиранд, муайян сохтааст. Ҳамзамон, бо мақсади мукаммал сохтани самтҳои болозикр муаллиф таклифҳои мушаххаси мазмуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ доштаро барои муҳокима ва чораандешӣ пешниҳод кардааст.
*Вожаҳои калидӣ:* давлат, ҳуқуқ, даркнамоии ҳуқуқӣ, илм, маориф, омоданамоӣ, аттестатсия, кадрҳои илмӣ, кадрҳои сатҳи баланди илмӣ, дастовардҳо, мушкилиҳо, камбудиҳо.

*Аннотация*: В статье автор определяет свою позицию относительно правового осознания различных вопросов подготовки научных кадров высшей квалификации, различных сторон аттестации научных кадров с цитированием конкретных цифр и бесспорных доказательств, которые основываются на подведении итогов сферы науки и

образования, проведенного Лидером нации. Также, с целью совершенствования вышеуказанных направлений автором представлены предложения организационно-правового содержания для обсуждения и принятия мер.

*Ключевые слова:* государство, право, правовое осознание, наука, образование, подготовка, аттестация, научные кадры, научные кадры высшей квалификации, достижения, трудности, недостатки.

*Annotation*: In the article, the author defines his position regarding the legal awareness of various issues of training highly qualified scientific personnel, various aspects of certification of scientific personnel with citation of specific figures and indisputable evidence, which are based on the summing up of the results of the sphere of science and education, conducted by the Leader of the Nation. Also, in order to improve the above-mentioned areas, the author presents proposals of organizational and legal content for discussion and adoption of measures.

*Key words:* state, law, legal awareness, science, education, training, certification, scientific personnel, highly qualified scientific personnel, achievements, difficulties, shortcomings.

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди илму маориф ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи илм самти афзалиятнок ба шумор рафта, дар партави сиёсати хирадмандона ва илмпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушд меёбад. Давлат ва ҳукумат илмро меҳвари асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа арзёбӣ намуда, барои рушди минбаъдаи он ва беҳтар намудани шароити иҷтимоиву иқтисодии олимон тадбирҳои судманд меандешанд.

Моро ҷиҳати таълиф ин мавод таҳлил ва дарки мазмун, муҳтаво ва дурнамои рушди стратегии илм, ки паҳлуҳои гуногуни он дар суханронии Пешвои муаззами миллат дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар, ки санаи 30-юми майи соли ҷорӣ сурат гирифта буд [6], водор сохт, то ин ки якчанд фикрҳои хешро манзури диққати аҳли илм созем.

Бояд қайд намуд, ки дар ин суханронии хеш ва зимни таҳлилҳо, ки дар мулоқоти болозикр сурат гирифта буд, Пешвои муаззами миллат аз ғамхории давлат ва ҳукумат суханро оғоз намуда, дастовардҳо, мушкилот ва дигар ҷанбаҳои калидии соҳаи илмро бо мисолҳои мушаххас асоснок намуданд. Инчунин, ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас доданд вобаста ба чораандешӣ дар соҳаи илм. Аз ҳузур доштан дар ин мулоқот, боварӣ дорам, ки ҳар фарди худогоҳ ва соҳибмаърифат як ҷаҳон маънӣ гирифтанд ва ҳушдор гардиданд, ки бояд фаъолият дар соҳаи илм ба куллӣ дигаргун карда шавад. Вазифагузорӣ ва дастурдиҳии Пешвои муаззами миллат мисли анъана падарона ва ғамхорона буд.

Таъсирбахш буд суханронии Пешвои муаззами миллат, ки “бо вуҷуди дастгириву таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумат натиҷаи кори олимон ва сохторҳои соҳаи илм посухгӯи талаботи замон нест. Имрӯз саҳми илми ватанӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ҳамагӣ 0,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда умуман қонеъкунанда нест”.

Ин суханони пурмуҳтавои Пешвои муаззами миллат боз дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии стратегӣ асоснок карда шудааст, ки тибқи муқаррароти онҳо танҳо дар соли 2020 хароҷоти буҷет ба соҳаи илм 0,14 фоизи ММД-ро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2015 ҳамагӣ 0,01 банди фоизӣ зиёд гардида, нисбат ба нақшаи пешбинишуда 0,5 фоиз зиёд шудааст.

Дар панҷ соли охир гарчанде ки афзоиши маблағгузории соҳаи илм (ба ҳисоби воқеӣ – дар ҳаҷми 4 фоиз дар як сол) ва шумораи нафарони бо корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ машғулбуда (ба ҳисоби миёна 2 фоиз дар як сол) ба назар мерасад, аммо суръати афзоиш назар ба

интизориҳо ва дурнамо нокифоя мебошад. Бо вуҷуди ин суръати афзоиш нисбат ба нишондиҳандаи пешбинигардида нисбатан суст буда, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ ҳоло ҳам ба соҳаҳои ҷолиби фаъолият ва шуғл мубаддал нагаштанд [1, бандҳои 138, 713-714].

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки айни замон дар соҳаи илми кишвар новобаста аз ҷой доштани баъзе мушкилиҳо, ояндаи дурахшон низ дар пеш аст, ки бо натиҷа ва дастовардҳои олимони ватанӣ мо фахр хоҳем кард.

**Ҳайати кадрии ҷумҳурӣ.** Ҷиҳати пурратар кушода шудани мақсади таълифи ин мақола, мо тасмим гирифтем, ки миқдори муайяни рақамҳо ва далелҳои мушаххасро оид ба ҳайати кадрии ҷумҳурӣ аз якчанд сарчашмаҳои расмӣ гирд оварем.

1. То 31 декабри соли 2006 мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон дар соҳаи илм 4242 нафар кор мекарданд, ки аз онҳо 1450 нафар соҳиби дараҷаҳои илмӣ, аз ҷумла 352 нафар доктори илм, 1098 нафар номзади илм мебошанд.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006 дар аспирантура 1052 нафар таҳсил доштанд, 359 нафар ба аспирантура қабул шуданд ва 196 нафар аспирантураро хатм намуданд. Дар солҳои охир қабул ба аспирантура аз рӯйи 50-55 ихтисос сурат мегирифт.

Дар соли 2007 дар мамлакат 29 шурои диссертатсионӣ, аз ҷумла 13 шурои докторӣ ва 16 шурои номзадӣ фаъолият доштанд.

Дифои рисолаҳо аз рӯйи 46 ихтисос, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯйи 25 ихтисос, дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ аз рӯйи 21 ихтисос гузаронида мешаванд. Дар соли 2007 220 рисола, аз ҷумла 22 рисолаи докторӣ ва 198 рисолаи номзадӣ дифоъ карда шуданд [2].

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 ноябри соли 2020 шумораи кормандони дараҷаю унвонҳои илмидор, ки бевосита ба корҳои илмию таҳқиқотӣ машғуланд (яъне, дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ кор мекунанд), ҳамагӣ 4505 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 362 нафар доктори илм ва 839 нафар номзади илм мебошанд. Дар соли 2019 дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар онҳо аспирантҳо ва докторантҳои PhD тайёр карда мешаванд, аз рӯйи 40 ихтисос миқдори аспирантҳо - 758 нафар, докторантҳои анъанавӣ - 43 нафар ва докторантҳои PhD 1091 нафарро ташкил медиҳанд, аспирантураро 393 нафар, докторантураи анъанавиро 13 нафар ва докторантураро 106 нафар хатм кардаанд.

Мувофиқи маълумоти Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати то 31 декабри соли 2020 бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ҳамагӣ 19 шурои диссертатсионӣ, аз ҷумла 10 шурои докторӣ ва 10 шурои номзадӣ амал мекарданд, аз ҷумла 1 шуро оид ба илмҳои физика ва математика, 1 шуро оид ба илми химия, 3 шуро оид ба илмҳои тиббӣ, 1 шуро оид ба илмҳои кишоварзӣ, 4 шуро оид ба илмҳои филология, 2 шуро оид ба илми таърих, 3 шуро оид ба илмҳои педагогӣ, 1 шуро оид ба илми фалсафа, 2 шуро оид ба илмҳои иқтисодӣ.

То санаи 1 октябри соли 2020 бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 60 шурои диссертатсионӣ, аз ҷумла 30 шурои докторӣ ва 30 шурои номзадӣ амал мекарданд. Аз инҳо, дар самти илмҳои табиию риёзӣ ва техникӣ - 16 шуро, илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ - 30 шуро, илмҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ - 9 шуро ва илмҳои байторӣ ва кишоварзӣ 5 шуро мувофиқ меоянд. Аз шумораи умумии шуроҳо ба муаасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 48 шуро ва ба муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ 12 шуро рост меояд. Дифои рисолаҳо аз рӯйи 40 ихтисос, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯйи 22 ихтисос, дар соҳаи илмҳои

ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ аз рӯйи 18 ихтисос ба роҳ монда шудааст [7, бандҳои 4-8].

3. Тибқи баромади пурмуҳтавои Пешвои муаззами миллат, ҳоло дар кишвар қариб 5900 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки 886 нафар ё 15,5 фоизи онҳо доктори илм (аз ин 146 нафар ё 16 фоиз занон), 4800 нафар номзади илм ва 158 нафар доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд.

То замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3300 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, аз ҷумла 229 нафар докторҳои илм ва 3074 нафар номзадҳои илм фаъолият мекарданд.

Яъне дар давраи соҳибистиқлолӣ шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ 1,8 баробар, аз ҷумла докторҳои илм қариб чор баробар ва номзадҳои илм 1,6 баробар зиёд гардидааст.

Таъкид сохтан Пешвои муаззами миллат, ки ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд [6].

Маълумоти оварда худ далели он аст, ки таваҷҷуҳ ва ғамхории роҳбарияти олии кишвар ба соҳаи илм ва маориф махсусан нигаронида шудааст ва дар як муҳлати кутоҳи вақт ба ин қадар дастовардҳо ноил гардидан худ нишонаи заҳматҳои тӯлонии Пешвои муаззами миллат аст. Маҳз тавассути дастгирии давлатӣ соҳаи калидии сиёсати дохилидавлатӣ – яъне илм дар мадди аввал гузошта шудааст ва он давра ба давра рушд карда истодааст. Ба фикри хеш, камбудиҳо ва мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи илм дар муҳлатҳои кутоҳтарин бартараф карда мешаванд. Фақат дар ин самт ба мо фаъолияти ҳамоҳангсозандаи ниҳодҳои дахлдор лозим аст, ки тавассути роҳнамоии онҳо тамоми ин мушкилиҳо ё монеаҳо бекор карда мешаванд.

Чи тавре ки қайд карда шудааст, «рушди низоми маориф ва илм дар марҳилаи миёнамуҳлати рушд бо афзоиши саҳми он дар рушди устувори иқтисодӣ ва баланд шудани некуаҳволии мардуми кишвар алоқаманд мебошад. Дар марҳилаи миёнамуҳлат ислоҳот дар низоми маориф ва илм идома ёфта, дар доираи афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди амал қарор меёбад [1, бандҳои 702-703].

“Корҳои то имрӯз амалигардида гувоҳанд, ки аз рӯзҳои аввали ташкили давлати соҳибистиқлол илму маориф дар сиёсати Ҳукумати мамлакат мавқеи меҳварӣ дошта, олимону муҳаққиқон ва омӯзгорону зиёиён неруи созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кишвар мебошанд.

Олимони мо минбаъд низ бояд барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини рушди босуботи мамлакат, пешрафти соҳаҳои мухталифи он, хусусан, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ саҳмгузор бошанд.

Иҷрои ин корҳо вазифаи танҳо Ҳукумат нест, балки дар ин раванд олимону зиёиёни кишвар низ бояд пешсаф бошанд.

Истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам овард, ки таҳқиқи илмии дастовардҳои моддиву маънавӣ, мероси фарҳангӣ ва таърихи куҳанбунёди тоҷикон вусъати бесобиқа пайдо карда, миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангсолор, эҷодкору илмпарвар ва шаҳрсозу шаҳрнишин муаррифӣ гардад, таъкид намуданд дар суханронии хеш Пешвои муаззами миллат” [6].

**Мушкилиҳои соҳа.** Вобаста ба нашр гардидани ин мақола дар яке аз бонуфузтарин маҷаллаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), мо тасмим гирифтем, ки дар доираи якчанд самтҳои калидӣ ва мубрами ин ниҳоди давлатӣ – аттестатсияи кадрҳои илмӣ ибрози ақида намуда роҳҳои тахминии ҳалли ин мушкилиҳоро аз нигоҳи хеш мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба ташаккули шабакаи шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ, беҳтаргардонии сифати кори шуроҳои диссертатсионӣ ва диссертатсияҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, мунтазам мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додани фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ равона месозад. Вазифаи асосии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои наздик ташаккули шабакаи шуроҳои диссертатсионӣ мебошад.

Дар ин маврид на танҳо шабакаи шуроҳои диссертатсионие ташаккул дода мешаванд, ки диссертатсияҳоро барои дифоъ дар соҳаҳои илм ва ихтисосҳои таъмин бо нерӯи илмии мувофиқ (яъне, миқдори зарурии докторҳо ва номзадҳои илм барои фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ) қабул карда тавонанд, балки бо фароҳам омадани шароити зарурӣ шуроҳои диссертатсионӣ ҳуқуқ дошта бошанд, ки барои ҳимояи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисосҳое низ қабул намоянд, ки аз рӯйи онҳо ҳоло диссертатсияҳо ҳимоя карда намешаванд.

Ба ин мақсад таъсис додани шуроҳои муттаҳидаи байниидоравии диссертатсионӣ ва шуроҳои диссертатсионии муштараки байнидавлатӣ пешбинӣ карда мешавад.

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат ва ҳамоҳангсозии кори шуроҳои диссертатсионро ба роҳ монда, фаъолияти худро ба татбиқ кардани технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми аттестатсия, таъсиси пойгоҳи иттилоотӣ оид ба шуроҳои диссертатсионӣ, инчунин ба даст овардани нишондиҳандаҳои миқдории дифои диссертатсияҳои сифати баланд дар самту соҳа ва ихтисосҳои гуногун, ташаккули нерӯи пурқуввати илмӣ, гузаронидани семинарҳо, машваратҳо, нашри бюллетени КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи таҳлилӣ ва маводи дигар равона месозанд.

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ корҳои заруриро бобати ба тартиб даровардани номгӯйи маҷаллаҳои илмӣ, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии диссертатсияҳо бо риояи меъёрҳои зарурии ба ин маҷаллаҳо пешниҳодшаванда (рейтинги маҷалла дар иттиҳоди илмӣ, тақризнависӣ, рефераткунӣ ва шохис (индекс)-и иқтибосоварии мақолаҳо, теъдод, обунашавӣ ба маҷалла) чоп карда шаванд, анҷом медиҳад [2, банди 20].

Тибқи маълумоти омории КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи диссертатсияҳо аз ибтидои фаъолияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30 июни соли 2023 аз шуроҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ 2112 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид шудааст. Аз ин теъдод 170 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1790 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 152 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад. Аз шумораи умумии парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои воридшуда 1694 диссертатсия тасдиқ шудааст, ки аз он 144 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1437 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 113 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад.

Дар маҷмуъ, то имрӯз 233 қарорҳои шуроҳои диссертатсионӣ доир ба додани дараҷаи илмӣ бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи муқарраршуда бекор карда шудааст. Аз 233 диссертатсияи радшуда 112-тоашро диссертатсияҳои ба забони тоҷикӣ ҳимояшуда ва 121-тоашро диссертатсияҳои ба забони русӣ ҳимояшуда ташкил медиҳанд. Зимнан, дар

давраи ҳисоботӣ ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 470 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид гардидааст, ки аз он 255 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия тасдиқ, 30 парванда рад ва 185 парвандаи дигар дар баррасии шуъбаҳои аттестатсионӣ ва шуроҳои экспертӣ қарор доранд [4].

Бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд иқдомҳои хеш қолабҳои ҷойдоштаи ин ниҳод ва дар умум баъзе монеаҳои сунъии оқибати ҳуқуқидоштаро барои унвонҷӯ, роҳбари (мушовири) илмӣ ва роҳбарияти шуроҳои диссертатсионӣ бартараф карда қарорҳои дахлдори худро қабул намуданд. Ин қарорҳо нуфузи ин ниҳоди калидиро боз ҳам дар ҷомеаи илмии кишвар боло мебарад. Масалан: аксар вақт ва то ба имрӯз масъалаи ташкили ҳимояи такрорӣ ҳам барои довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳам ба шурои диссертатсионӣ як қатор муаммоҳоро пеши назар меорад.

Асосҳои ба ҳимояи такрорӣ баргаштани диссертатсия ва сабабҳои он гуногунанд, ки ба фикри аксарият онҳо ночизанд, вале КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ ба онҳо раҳм накардааст. Ҳар як фаъолият якчанд паҳлу дорад. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва баргузор намудани ҳимояи такрорӣ дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими худро ёфтаанд [5; 9].

Яке аз ташаббусҳои охирини роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар самти таҳлилшаванда қабул гардид – ин баррасии татбиқи банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷиҳати доир намудани ҳимояи такрорӣ дар яке аз ҷаласаҳои Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи қарори қабулшуда, ба раисони шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои давлатии илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дастур дода шуд то ин, ки ҳангоми баррасии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва доктори илм талаботи банди 113 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) риоя намоянд. Ҳамзамон ба шуроҳои диссертатсионӣ иҷозат дода шуд то ин, ки дар сурати аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор намудани қарори шуроҳои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ ва ба ҳимояи такрорӣ баргардонидани диссертатсияҳо ҳангоми ошкор шудани далели вайронкунии расмиёт дар таъйин кардани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва гузаронидани раванди ҳимояи диссертатсия, ки онҳоро банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар намудааст, ҳимояи такрории диссертатсияҳоро пас аз се (3) моҳ (бе мурожиати иловагӣ ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа доир намоянд [3].

Қарори қабулкардаи роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳокимашаванда як қатор мушкилиҳоро аз байн хоҳад бурд. Масъулини шуроҳои диссертатсионӣ ва довталабони дараҷаи илмӣ тарафдори онанд, ки парвандаи аттестатсионӣ бидуни нуқсон ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ин самт таклифе ба миён меояд, ки аз ҷониби масъулини КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми пурраи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба шурои диссертатсионӣ, тарзи дуруст омода карда шудани онҳо, дар сарсаҳифа ва дигар қисматҳои автореферат ва диссертатсия, инчунин дар дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ дарҷ намудани раванди ҳимояи такрорӣ ва оид ба он маълумот манзур намудан, коркард карда шавад.

Асосҳои ҳуқуқии дар боло овардашуда худ далели онанд, ки механизми муайян то ба ҳол коркард карда нашудааст. КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт метавонад ва иқтидор дорад оид ба пурра баррасӣ намудани ин самти фаъолияти хеш ва мукаммал намудани он. Мисоли зинда шуда метавонад иқтибоси овардашуда оид ба муроҷиат накардан ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ташкили ҳимояи такрорӣ.

Дигар ташаббуси роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир гардид, ки санаи 28 майи соли ҷорӣ дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоте нашр гардид, ки минбаъд Комиссия бо мақсади татбиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643), таъмини шаффофияти фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, ҳимояи диссертатсияҳо тариқи ошкоро, бо мубоҳисаи илмӣ, серталабӣ, воқеъбинӣ, масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ тасмим гирифтааст, ки ҷараёни ҳимояи диссертатсияҳоро тариқи маҷозӣ ба роҳ монад.

Қайд карда шуд, ки иқдоми мазкур аллакай дар якчанд шуроҳои диссертатсионӣ истифода гардида, давраи озмоиширо бомуваффақият гузаштааст. Дар асоси таҳлили платформаҳо барои баргузории видеоконфронсҳо, таҷриба нишон дод, ки ҷиҳати ба роҳ мондани ин кор истифода гардидани платформаи Zoom бештар мусоид мебошад.

Аз ин лиҳоз, аз роҳбарони муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар хоҳиш ба амал бароварда шуд, ки барои баргузории маҷозии ҷаласаи шурои диссертатсионии назди муассиса чораҷӯӣ намуда, иттилоияи пайвастшавӣ ба ҳимояи диссертатсияҳои тариқи маҷозиро на дертар аз як рӯз пеш аз ҳимоя ба суроғаи электронии дахлдори Комиссия ирсол намоянд [11]. Ин қарор низ бозгӯйи дастгирӣ ва фаъолиятро қадам ба қадам ба маҷрои дуруст бурдани роҳбарияти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳем дар ҳамин радиф ибрози ақида намоем. Ба андешаи мо дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ якчанд нофаҳмиҳо вуҷуд доранд, ки онҳо талабгори ҳалли худ ҳастанд. Ба инҳо мисол шуда метавонанд:

1. Чи гунае ки дар боло зикр карда шуд ва истинод овардем, аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Бо мақсади иҷрои Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия ("Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ тахассуси олӣ"), ки 12 феврали соли 1997 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997, №395 Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ амал мекунад. Комиссияи аттестатсионии мазкур дар фаъолияти худ Низомномаи Комиссияи аттетстатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997, №395 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ мегирад [2, банди 20].

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки бо қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 28 феврали соли 2023, №475-р Созишнома байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ ба тасвиб расид. Тибқи моддаҳои 4 ва 5 Созишнома, дараҷаи илмии номзади илм, ки дар Федератсияи Россия дода шудааст ва дараҷаи илмии номзади илм, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст, баробарарзиш эътироф мешаванд. Ин талабот ба унвонҳои илмии дотсент ва профессор низ алоқаманд аст.

Ин дастоварди илмӣ бо ташаббус ва иқдоми бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамкории марбутаи ниҳодҳои дахлдор амалӣ карда шуд [10].

Дар ин маврид, баъд аз таъсис ёфтани КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор гирифтани Созишномаи нав такроршавии функсияҳо ё иҷро намудани амалҳои муайян аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба миён меояд. Хотиррасон менамоям, ки Комиссияи мазкур рисолати таърихии хешро пурра ба анҷом расонид. Айни замон ҷой доштани ин ниҳод ва дар баробари КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудани он аз қолабҳои эътирофшудаи фаъолият берун аст.

Дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки дар раванди аттестатсияи кадрҳои илмӣ такроршавии вазифаҳо бояд аз байн бурда шавад. Ҳамчун як ниҳоди мустақил ҷой ёфтани Комиссияи аттестатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар дохили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар таҳвили он ба мақсад мувофиқ аст. Ин таклиф ба таъкиди Пешвои муаззами миллат асос ёфтааст. Пешвои муаззами миллат таъкид намуданд, ки "зарурати ислоҳоти ҷиддӣ, аз ҷумла таҷдиди сохтории Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои илмиву таҳқиқотии он ба миён омадааст" [6].

2. Тибқи муқаррароти Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 [7, банди 11] таҳқиқоти илмиро дар миқёси тамоми мамлакат Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг месозад, ки он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2014, № 173 амал мекунад. Дар Стратегия васеъ гардонидани мақоми Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ, аниқ кардани ваколат ва масъулияти он дар соҳаи интихоб ва ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар миқёси тамоми мамлакат пешбинӣ гардидааст. Ба он масъулияти на танҳо гузаронидани экспертизаҳо, интихоби лоиҳаву барномаҳо, балки баҳодиҳии аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва самаранокии татбиқи амалиро низ вогузор кардан мебояд.

Дар ин радиф таклиф ба миён меояд, ки ҷиҳати пурра ба инобат гирифтани пешниҳоди болозикри дар Стратегия дарҷгардида, бо истифода аз имконияти Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ зарурат ба миён омадааст оид ба вогузор намудани пешниҳоди хулосаи дахлдори мутахассисони соҳаҳои алоҳидаи илм вобаста ба асоснокӣ ва мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ (номзадӣ ва докторӣ), ки бо дархости муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар ҷиҳати арзёбӣ ирсол мегарданд ва оянда ба сифати мавзуи таҳқиқотӣ дар ҷаласаҳои шурои олимон / илмӣ тасдиқ мегарданд.

Ё дигар таклифе, ки аз ҳисоботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ин бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, мусоидат ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳалли мушкилоти ҷомеа пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати пешгирии такроршавӣ ва монандиҳои мавзуъҳо пеш аз тасдиқ шудан дар кафедра ва шуъбаҳои марбута аз махзани ягонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шаванд [4].

Инчунин, ташаккули махзани ягонаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар Маркази илмию патентӣ ва тадқиқотӣ дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [1, сархати 3 банди 437] омадааст.

3. Вобаста ба инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ, зарурати

истифода намудани махзани ягонаи пойгоҳи додаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии он ба миён омадааст.

Имрузҳо пойгоҳи додаҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда аз соли таъсисёбии ин ниҳод пуриқтидор буда, таҳқиқотҳои диссертатсионии ҳимояшуда дар шакли озод бояд ҳамчун моликияти зеҳнии ватанӣ, ё лоақал рӯйхати пурраи таҳқиқотҳои диссертатсионии ҳимояшуда вобаста ба ҳар як соҳаи алоҳидаи илм барои истифодаи васеи олимон ва мутахассисон барои истифодабарии умум ҷойгир карда шаванд. Истифода шудани ин пойгоҳ имконият медиҳад, ки феҳрист ё рӯйхати пурраи таҳқиқотҳои диссертатсионии ҳимояшуда вобаста ба самт ва соҳаҳои алоҳидаи илм дар ҷумҳурӣ таъсис дода шавад.

Боварӣ дорем, ки мутахассисони соҳа онҳоро гурӯҳбандӣ / тасниф намуда ба олимони ҷавон пешниҳод месозанд. Таҳия намудани феҳристи мавзуъҳои илмиву таҳқиқотӣ ва муайян намудани муаммоҳои илмӣ, ки аз қонуниятҳои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва муаммоҳои илмии ҷаҳони муосир реша мегиранд ва муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ ва вобаста ба он мутобиқ намудани корҳои илмиву таҳқиқотии муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ дар самти тайёр кардани кадрҳои илмӣ ба сифати самтҳои асосии амалисозии Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 интихоб гардидааст [2, банди 9].

4. Ҳамасола баъд аз таҳлил ва ҷамъбасти фаъолияти шуроҳои экспертии дахлдор, бояд аз тарафи масъулини КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳар як соҳаи алоҳидаи илм, ки дар ҷумҳурӣ тадқиқоти диссертатсионӣ ҳимоя мегардад, маҷмуаи беҳтарин тадқиқотҳои диссертатсионӣ[*] таъсис дода шавад ва бо қарори махсуси Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо тасдиқ карда шаванд. Ин таклиф ҷиҳати ба миён овардани рақобати солим дар соҳаи таълиф ва ҳимоя намудани тадқиқотҳои диссертатсионӣ оварда мерасонад, ки аз ин нафъ бисёр хоҳад буд. Пеш аз ҳама, ин дар мазмун ва матни тадқиқотҳои диссертатсионӣ навгониҳои мушаххас мушоҳида карда мешавад, то ин ки муаллифон корҳои пухтаро ба ҳимоя пешниҳод намоянд ва натиҷаи ин корҳо қабл аз ҳимоя бо дар амалия / истеҳсолот татбиқ шудани он (ё имконияти дар оянда) ворид шудани онҳо ба амалия / истеҳсолот (саноат ё дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ) бо санади воридсозии натиҷаҳо тасдиқ ва исботи худро ёбанд.

5. Баррасии масъалаи таъсиси Шохиси иқтибосоварии илмии Тоҷикистон (ШИИТ) дар заминаи пойгоҳҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмию таҳқиқотии вазорату идораҳо ва китобхонаҳои илмӣ бо созмон додани портали иттилоотӣ дар соҳаи илму маориф, ки дар ҷаҳонигардии пажӯҳишҳои илмии мамлакат хизмат менамояд ба яке аз самтҳои амалисозии Барномаи давлатии давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 маҳсуб мегардад [2, банди 9].

Тибқи муқаррароти дахлдори Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти рақамикунонии соҳаи илм ва ҳисобот як қатор корҳо пешбинӣ карда шудаанд. Масалан, ҳисоботи илм тибқи таснифоти байналмилалӣ бозбинӣ шуда, барои татбиқи ин таснифот дар

[*] Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия бо мақсади маъмул гардонидани таҳқиқотҳои ҷолиби диссертатсионӣ, инчунин барои таблиғоти дастовардҳои илмии унвонҷӯёнҳои дараҷаҳои илмӣ, ба раисони Шуроҳои коршиносии ВАО тавсия додааст, ки ҳар квартал на камтар аз як таҳқиқоти диссертатсионии бахшҳои дахлдоре, ки бомуваффақият дифоъ шуда буданд, интишор гузоранд.

омори илм ва навовариҳо омӯзиш гузаронидан лозим аст. Механизми ҷамъоварӣ бояд такмил дода шуда, барномаи таъминотии коркарди маълумот таҳия карда шаванд (ба ҳисоботи электронӣ гузаштан лозим аст). Шабакаи дохилии табодули иттилооти байни Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм таъсис дода шавад.

Дар самти омори илм бошад:

– бозбинии ҳисоботи илм тибқи таснифоти байналмилалӣ;

– тренингҳои таълимӣ ҷиҳати омӯхтану истифодаи ин таснифот дар омори илм ва инноватсия;

– ҷалби мушовири байналмилалӣ барои таълим ва таҳияи намунаи шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва таъминоти барномавии коркарди маълумот;

– таҳияи низоми ягонаи ҳисобот барои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию тарҳкашӣ (минбаъд – КИТТТ) оид ба ҷамъоварии маълумоти пурратар ва сифатнок дар асоси технологияҳои байналмилалӣ [8, бандҳои 133-134, 221] дар дурнамои наздик ба нақша гирифта шудаанд.

Дар маҷмуъ амалӣ гаштани ин ташаббусҳо, ки асоси воқеии ҳуқуқӣ доранд ва дар дурнамои наздик бояд амалӣ карда шаванд, аз мо – ходимони соҳаи илм фаъолияти дучандро тақозо менамояд.

Ҷиҳати боз ҳам мукаммалтар гардидани фаъолияти дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамоем ҷиҳати чораандешии иловагӣ вобаста ба самтҳои дахлдор. Аз қабили:

– дар фаъолияти дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пиёда намудани таҳияи тавсияҳо, огоҳнома ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии таъсирбахш оид ба фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва шахсони масъул дар ин самтҳо;

– ҷойгир намудани қарорҳои дахлдори раванди омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии ин ниҳод;

– ҷойгир намудани ҳисоботҳои даврӣ ва ҷамъбастии фаъолияти дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии ин ниҳод;

– ҷойгир намудани маърузаҳо ва рӯнамо дар бораи фаъолияти дахлдори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии ин ниҳод;

– ҷойгир намудани ҳисоботҳои даврӣ ва ҷамъбастии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии амалкунанда дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҷойгир намудани ҳисоботҳои даврӣ ва ҷамъбастии фаъолияти шуроҳои экспертии амалкунанда дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҷойгир намудани ихтисосҳои амалкунанда ва шиносномаҳои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ҷойгир намудан ва нав намудани фасли ҷойгирнамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии ин ниҳод;

– ҷойгир намудани намунаҳои ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷа ё унвони илмӣ дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар сомонаи расмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани равзанаи алоҳида оид ба навъовариҳои самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ;

– чораандешӣ намудан ва баррасии масъалаҳои ҳалталаби ҷараёни санҷиши авторефератҳои таҳқиқотҳои диссертатсионӣ бо ду забон;

– чораандешӣ намудан ҷиҳати давра ба давра гузаштан ба рақамикунонии раванди омоданамоии парвандаҳои аттестатсионӣ дар КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таъсис, дастгирӣ, такмил, номгузорӣ ва мушаххаснамоии дурнамои рушди институти “мактаби илмӣ” дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ;

– мушаххас намудани механизми гирифтани иҷозати дахлдор барои таълиф ва ҳимоя нисбати категорияи алоҳидаи ашхос, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда нашудаанд;

– ташкил ва гузаронидани ташхис бо ҷалби мутахассисони соҳа оид ба номгузорӣ ва мазмуни ихтисосҳои илмии самти ҳуқуқшиносӣ бо дарҷ намудани ихтисосҳои муҷовир;

– ташкили таҳлили ихтисосҳои нодири самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушаххас намудани онҳо бо коркарди рӯйхат ё қабули қарори дахлдор дар ин самт;

– коркарди механизми ҷалб намудани муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар ҷаласаҳои кафедраҳо / шуъбаҳо ё шуроҳои диссертатсионӣ;

– таҷдиди назар намудани механизми соддакардашудаи ташкил ва баргузории ҳимояи якдафъаина, коркарди механизми он бо таҳияи ҳуҷҷатҳои намунавии ин раванд;

– баррасӣ намудани масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии содданамоии раванди ташкил ва баргузор намудани ҳимояи такрорӣ ва аз байн бурдани баъзе нофаҳмиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;

– чораандешӣ намудан дар самти коркард ва ҳамоҳанг сохтани санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида дар самти ҳимояи диссертатсияҳо бо муҳри махфият;

– дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ масъалагузории таъсис ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ҷиҳати баррасии таҳқиқотҳои диссертатсионӣ бо муҳри махфият;

– баррасӣ ва мувофиқа намудани механизми соддакардашудаи рӯйхати ихтисосҳои муҷовир ҷиҳати интихоб ва ҳимояи диссертатсияҳо бо ду ва зиёда ихтисос;

– чораандешӣ намудан вобаста ба баррасии масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳимояи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ аз рӯйи маҷмуи корҳои илмӣ барои ихтисосҳои нодир ва ғайринодир;

– баррасӣ ва мувофиқа намудани механизми содданамоии раванди иштироки маҷозӣ дар ҳимояи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ, ҳам аз ҷониби узви шурои диссертатсионии дахлдор ва дигар шахсон;

– мушаххас намудани механизми овоздиҳии маҷозии узви шурои диссертатсионии дахлдор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бо мақсади бартараф намудани нофаҳмиҳои ҷойдошта;

– таҷдиди назар намудани мавқеъ ва нақши диссертатсияҳои калонҳаҷм ҳангоми қабули онҳо барои ҳимоя дар шуроҳои диссертатсионӣ бо мақсади бартараф намудани қолабҳои ҷойдошта;

– муҳокима ва таҷдиди назар намудани муҳлатҳои дараҷа ва унвони илмӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бо мақсади бартараф намудани монеаҳои ҷойдоштаи раванди омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ;

– мушаххас намудани механизми коркарди меъёрии воридсозии натиҷаҳои илмӣ ба раванди таълим, илм ва амалия / истеҳсолот тавассути гирифтани санад ё маълумотномаи дахлдор;

– таҷдиди назар намудани сохтор ва мундариҷаи диссертатсияҳо дар самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ тавассути қабул ё ворид намудани тағйироти дахлдор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ.

Пешниҳодоти манзургардида хислати ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва техникӣ дошта давра ба давра амалро тақозо менамояд. Дар ин ҷода тамоми ҷомеаи илмии кишвар бояд бетараф набошанд.

3. Anapolskaya, A.I. Characteristics of typical methods and traces of committing crimes related to illegal drug trafficking / A.I. Anapolskaya // Eurasian Union of Scientists (ESU): Legal Sciences. – 2015. – No. 8 (17). – Pp. 136-138.

4. Speech by the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, in the general debate at the 78th session of the UN General Assembly. 09.21.2023 // [Electronic resource]. - Access mode: https://mfa.tj/tg/kobul/view/13401/ (date of access: 02.02.2025).

5. Proof in criminal proceedings. Traditions and modernity / N.M. Kipnis, Yu.V. Korenevsky [et al.]; Ed.: Vlasikhin V.A. –M.: Jurist, 2000. – 272 p.

6. Ignatenko, E.A. Forensic characteristics of crimes related to the illegal movement of narcotics in mail (based on the practice of drug control agencies of the Far Eastern Federal District) / E.A. Ignatenko. – Tambov: Gramota, 2011, – No. 6 (12). In 3 parts. Part 3. – Pp. 79-82.

7. Summary of the activities of the Drug Control Agency under the President of the Republic of Tajikistan in 2024 // [Electronic resource]. – Access mode: https://akn.tj/2025/02/03/the-agency-held-a-press-conference-to-summarize-its-activities-for-2024/ (date of access: 03.02.2024).

8. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli. April 24, 2010 // Qonun va Chomea. – 2010. – No. 13.

9. Prisekin, A.V. Forensic study of hiding places as a way to conceal illegal drug trafficking: monograph / A.V. Prisekin, V.V. Yarovenko. – M.: Yurlitinform, 2020. – 279 p.

10. Rahimzoda, R.Kh. International controlled delivery: monograph / R.Kh. Rahimzoda. – Dushanbe: «ER-Graf», 2017. – 188 p.

11. Salimov, H. Forensic science: textbook (in Tajik) / H. Salimov. – Dushanbe: Matbuot, 2006. – 576 p.

ТДУ 351.74/.76:342.553

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲАМКОРИИ МИЛИТСИЯ БО МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА МИЛИЦИИ С МЕСТНЫМИ ОРГАНАМИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ТЕРРОРИЗМУ

# THEORETICAL FOUNDATIONS OF POLICE COOPERATION WITH LOCAL GOVERNMENT AND SELF-GOVERNMENT BODIES IN COUNTERING TERRORISM



САМАДЗОДА Р.Ф.
SAMADZODA R.F.
*Сардори ШВКД дар ноҳияи Шаҳристони Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯ, подполковники милитсия,*
*Начальник ОМВД района Шахристан Согдийской области Республики Таджикистан, соискатель, подполковник милиции*
*Head of the Department of Internal Affairs of the Shahristan District of the Sughd Region of the Republic of Tajikistan, applicant, lieutenant colonel of militia*

E-mail: h.safarov@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).

*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность, правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).

*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity, law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Тақриздиҳанда:* АМРУДИНЗОДА М.А. – сардори факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

*Рецензент*: АМРУДИНЗОДА М.А. – начальник факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

*Reviewer*: AMRUDINZODA M.A. – Head of Faculty No. 6 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences, lieutenant colonel of militia.

*Аннотатсия:* Дар мақола масъалаҳои ҳамкории милитсия бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ дар муқовимат ба терроризм баррасӣ шуда, оид ба мафҳуми «ҳамкорӣ», ҳамчунини, шаклҳо ва принсипҳои он таҳлили илмӣ гузаронида шудааст. Ба ақидаи муаллиф, муҳиммтарин такягоҳи мақомоти худидоракунии ҷамоати шаҳраку деҳот дар муқовимат ба терроризм милитсия маҳсуб меёбад, лекин сершумории субъектони муқовимат ба терроризм ва норавшан будани вазифа ва функсияҳои онҳо зарурати ташкили ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро вобаста ба тақвият бахшидани фаъолияти муштарак ва ҳамкории судманд дар ин самт ба бор меорад. Вобаста ба ин, муаллиф таклифҳои худро оид ба ин масъала пешниҳод мекунад.

*Вожаҳои калидӣ:* милитсия, ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ, ҳудидоракунӣ, муқовимат ба терроризм, ҳамкорӣ, нақшагирӣ, мақсад, вазифаҳо.

*Аннотация:* В статье рассматриваются вопросы взаимодействия милиции с местными органами государственной власти и самоуправления в борьбе с терроризмом, проводится научный анализ понятия «сотрудничество», его сущности, форм и принципов. По мнению автора, важнейшей опорой органов местного самоуправления в борьбе с терроризмом является милиция, однако многочисленность субъектов, участвующих в борьбе с терроризмом, неясность их задач и функций обусловливают необходимость организации координации деятельности компетентных государственных органов и органов местного самоуправления в целях укрепления совместной деятельности и взаимовыгодного сотрудничества в этой сфере. В связи с этим автор представляет свои предложения по данному вопросу.

*Ключевые слова:* милиция, государственная власть, местные органы, самоуправление, противодействие терроризму, сотрудничество, планирование, цели, задачи.

*Annotation:* The article examines the issues of interaction between the militia and local government and self-government bodies in the fight against terrorism, and conducts a scientific analysis of the concept of «cooperation», its essence, forms and principles. According to the author, the most important support for local government bodies in the fight against terrorism is the militia, but the large number of entities involved in the fight against terrorism, the ambiguity of their tasks and functions necessitates the organization of coordination of the activities of competent state bodies and local government bodies in order to strengthen joint activities and mutually beneficial cooperation in this area. In this regard, the author presents his proposals on this issue.

*Key words:* militia, state power, local authorities, self-government, counter-terrorism, cooperation, planning, goals, objectives.

Ташкили ҳамкорӣ дар муқовимат ба ҷинояткорӣ дар илм ва амалияи идоракунӣ яке аз мавзуъҳои муҳим арзёбӣ гардида, зери таваҷҷуҳи ҳамешагии олимони соҳа қарор дорад [6, с. 98; 18, с. 179-181]. Аммо дар илми ватанӣ масъалаи ташкили ҳамкории милитсия бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ дар муқовимат ба терроризм мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагарифтааст. Вале таҳдидҳои замони муосир ташкили муқовимат ба терроризмро дар сатҳи боз ҳам баландтар тақозо намуда, ташкили ҳамкории милитсия бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ин раванд маҳсуб меёбад.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми ҳамкорӣ «фаъолияти мувофиқакардашуда ва якҷояи ду ва ё зиёда субъектонро барои ҳалли як ва ё якчанд мақсадҳо дар ҳудуди муайян ва вақти муайян дар бар мегирад» [17, с. 106]. Теъдоди зиёди муҳаққиқон ҳамкориро ҳамчун фаъолияти муштараки мақомоти ваколатдор ва ашхоси мансабдори дорои вазъи ҳуқуқии баробар, ки барои ҳалли вазифа ва мақсадҳои муштарак камари ҳиммат бастаанд, арзёбӣ менамоянд [13, с. 35; 15, с. 37].

Ба андешаи Макеев А.В., ҳамкорӣ яке аз функсияҳои идоракунӣ мебошад, ки аз нуктаи назари таҳлили мантиқӣ-сохторӣ фарогири субъетон, мақсади фаъолияти муштарак ва механизми амалисозии функсияҳои муайян мебошад [13, с. 99]. Ҳангоми банақшагирии «ҳамкорӣ» вобаста ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда, субъектон аз руйи таъинот ва салоҳияташон барои иҷрои чунин вазифаҳо интихоб карада мешаванд. Масалан, Белая Н.П. зикр менамояд, ки бо мақсади ислоҳи маҳкумшудагони аз маҳбасхонаҳо озодшуда мақомоти корҳои дохилӣ, нозирони иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дорои вазъи ҳуқуқии баробар буда, дар ҳалли вазифаҳои мушаххас «ҳамкорӣ» менамоянд [8, с. 19].

Аз ин лиҳоз, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдаророндаи самти фаъолияти мақомоти милитсия ва дигар мақомоти ҳифзиҳуқуқӣ дар муқовимат ба терроризм бояд унсурҳои асосӣ ва вазифаҳои онҳо дар муқовимат ба терроризм бо таври дақиқ муайян карда шаванд. Зеро дар дохили сохторҳои сершумори

ниҳодҳои ҳифзиҳуқуқии кишвар раёсат ва шуъбаҳои гуногун фаъолият менамоянд, ки функсияҳои онҳо аз рӯйи таъиноташон ҷанбаҳои гуногуни муқовимат ба терроризмро ба танзим медароранд. Чунин равиш барои ҳамкории дохилиидоравӣ ва байниидоравии мақомти ҳифзи ҳуқуқ дар муқовимат ба терроризм мусоидат хоҳад кард.

Масалан, ба андешаи Хошимов Х.Ҷ., ҳамкории муфаттиш бо дигар кормадони милитсия дар кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо бо роҳи таъсис додани гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ, муҳокимаи муштараки маводди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар зинаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва раванди тафтишот, банақшагирии кори гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ, тақсимоти уҳдадориҳо дар байни ҳайати чунин гурӯҳ, назорати иҷроиши чорабиниҳои банақшагирифташуда аз ҷониби роҳбари гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ ва ғ. ба роҳ монда мешавад [20, с. 12].

Бояд зикр намуд, ки ташкили ҳамкорӣ метавонад дар доираи ташаббуси яке аз субъектони муқовимат ба терроризм бо як ва якчанд субъектони барои ҳал намудани вазифаҳои мушаххас дар доираи функсияҳои онҳо роҳандозӣ карда шавад. Дар чунин шакли ҳамкорӣ субъектони муқовимат дорои вазъи ҳуқуқии баробар буда, ягон субъект дар таносуб ба дигар субъектон мақоми болоӣ ва ё авлавият надоранд. Аммо агар ҳамкорӣ аз ҷониби мақомоти ҳамоҳангсоз, ки тибқи қонунгузории амалкунанда вазъи ҳуқуқиаш дар таносуб ба дигар субъектони муқовимат ба терроризм бо таври дақиқ муайян гардида, авлавият дорад, хусусияти функсияи идоракунӣ ва назоратбариро касб менамояд.

Шаклҳои ташкили ҳамкорӣ собит месозанд, ки як субъекти муқовимат ба терроризм субъектони дигарро барои иҷрои бархе аз вазифаҳо вобаста ба ваколаташон моил месозад. Аз ҷумла, дар раванди чунин ҳамкорӣ табодули иттилоот, мувофиқакунонии чорабиниҳои муайян, банақшагирии муштараки ҷорибиниҳои дахлдор, ҷаласаҳои муштараки оперативӣ ва ғ. ба роҳ монда мешаванд.

Бояд зикр кард, ки зери мафҳуми принсипҳои ташкили ҳамкорӣ асосҳои роҳбарикунандаи идоракунӣ фаҳмида мешавад, ки мазмун, мақсад ва шакли ҳамкориро муайян намуда, барои иҷро намудани вазифаҳои дар қонун пешбинишуда, мусоидат менамоянд. Принсипҳое, ки дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ба танзим даровардани фаъолияти муштараки субъектони муқовимат ба терроризм муайян гардидаанд, барои ҳамаи иштирокчиёни раванди ҳамкорӣ ҳатмӣ мебошанд [19, с. 20].

Зикр кардан зарур аст, ки дар раванди ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ дар муқовимат ба терроризм бояд талаботи принсипи қонуният вобаста ба ташкили ҳамкорӣ оид ба фаъолияти муштарак ва дар алоҳидагӣ тибқи талаботи қонунгузории амалкунада ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ бечуну чаро риоя гардад [11, с. 323]. Инчунин, ҳамкорӣ бояд дар шароити бо таври дақиқ муайян кардани салоҳияти ҳар як субъекти дахлдор ба роҳ монда шавад [8, с. 30].

Ба андешаи муҳаққиқон дар ташкили ҳамкорӣ ба инобат гирифтани талаботи принсипҳои қонуният, мақсаднокӣ, мутавозинӣ ва самаранокии ҳамкорӣ, мувофиқанамоии фаъолияти муштарак, фаврӣ ва мунтазамии ҳамкорӣ, ояндабинӣ ва афзалиятнокии самтҳои ҳамкорӣ аҳаммиятнок мебошад [14, с. 30].

Мутавозинӣ ва самаранокии ташкили ҳамкорӣ маънои онро дорад, ки дар раванди мазкур бояд ҳар як субъект дар доираи салоҳият ва имконияти он барои ҳалли вазифаҳои муайян дар муқовимат ба терроризм ҷалб гардида, масъулияти чунин муқовимат ба души як мақомот бор карда нашавад. Инчунин, самаранокии ҳамкории мақомоти марбута бояд дар доираи маҳакҳои муайян мавриди санҷиш, баҳодиҳӣ ва назорат карда шуда, самтҳои афзалияноки ташкили ҳамкорӣ муайян карда шаванд.

Ба андешаи мо, дар муқовимат ба терроризм ба ҳайси принсип мустақар сохтани «дар раванди ташкили ҳамкорӣ бо таври максималӣ истифода бурдани

қувва ва воситаҳои субъектони дигари муқовимат ба терроризм» тақозои замон мебошад, зеро паст кардани сабабу омилҳои пайдоиши терроризм пеш аз ҳама дар сатҳи зарурӣ иҷро кардани вазифа ва функсияҳои дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон иброз дошт, ки зери мафҳуми ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаъолияти муштарак ва мувофиқакардашудаи мақомоти номбурдаро дар вақт ва ҳудуди муайян барои ҳал намудани мақсад ва вазифаҳои муайян дар муқовимат ба терроризм фаҳмидан лозим аст.

Яке аз шаклҳои манфиатпазири ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ин бо таври мунтазам гузаронидани ҷаласаҳои муштарак, табодули иттилооти зарурӣ, банақшагирии чорабиниҳои муштарак, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои мушаххас дар доираи ваколат ва функсияҳои онҳо, назорат ва натиҷагирии қарорҳои қабулкардашуда дар муҳлатҳои муайян, муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат ба терроризм маҳсуб меёбад.

Зикр кардан айни муддаост, ки дар адабиёти илмӣ, таълимӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истилоҳи аз рӯйи мазмун бо мафҳуми «ҳамкорӣ» хеле алоқаманд, мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ» баромад менамояд. Аз лиҳози луғавӣ мафҳумҳои «ҳамохангсозӣ» [9, с. 730] ва «ҳамкорӣ» [16, с. 68] бо ҳамдигар хеле ҳамшабеҳ, алоқаманд ва қариб баробарвазн фаҳмида мебошанд.

Аммо дар адабиёти илмӣ мафҳуми «ҳамохангсозӣ» ба ташкили идоракунии муназзам ва муташаккилонаи якчанд синизомҳои иҷтимоӣ барои ноил шудан ба мақсади умумӣ рабт дода шуда, ба он чунин хусусиятҳо марбут дониста мешаванд:

1) фаъолияти ҳамоҳангсозӣ аз рӯйи мазмун ва хусусияти худ раванди идоракунӣ ва фармонфармоӣ мебошад;

2) доимо амалисозии салоҳиятҳои ҳокимиятдориро тақозо менамояд;

3) ба ҳайси объектҳои ҳамоҳангсозӣ дар яквақт доимо якчанд субъектон баромад менамоянд;

4) чунин субъектон метавонанд барои ҳалли вазифаҳои умумӣ ҳамкорӣ намоянд ва ё мустақилона фаъолият намоянд;

5) таъиноти асосии ҳамоҳангсозӣ ин мувофиқакунонии фаъолияти унсурҳои мушаххаси система барои ноил шудан ба мақсади умумӣ мебошад [17, с. 442].

Ба андешаи мо, ба хусусиятҳои «ҳамоҳангсозӣ» дар иртибот ба мавзуи матраҳшуда, илова намудани талабот вобаста ба «баланд бардоштани самаранокии ҳамкории фаъолияти муштакари субъектони муқовимат ба терроризм барои ҳалли вазифа ва мақсадҳои умумӣ» мувофиқи мақсад аст. Зеро танҳо фаъолтар гардонидани кори ниҳодҳои марбуда дар мубориза ба ҷинояткорӣ зарурати ҳамоҳангсозиро тақозо менамоянд.

Илова бар ин, ба андешаи мо мафҳуми «ҳамоҳангсозӣ» дар тоносуб ба мафҳуми «ҳамкорӣ» ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ аз рӯйи ҷойгоҳ болотар истода, аз рӯйи хусусиятҳои худ бештар ба фармонфармоӣ ва назоратбарии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ алоқаманд мебошад, мутаносибан раванди «ҳамкорӣ» дар доираи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ то андозаи зарурӣ зери назорат ва идоракунӣ қарор дода мешавад.

Бояд зикр кард, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи давлатҳои аъзои ИДМ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза ба ҷинояткорӣ асосан аз ҷониби мақомоти прокуратура ба роҳ монда мешавад. Салоҳияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти прокуратура бо функсияти назоратии он рост омада, барои ҳалли масъалаҳои зарурӣ дар ташкил кардани гурӯҳҳои оперативӣ-тафтишотӣ, гузаронидани ҷаласаҳои оперативӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зери роҳбарии прокурор, таъминоти зарурии табодули иттилоот байни мақомоти таҳқиқ ва тафтишот ва дар мавридҳои

заруриӣ дар ташкили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии муштарак саҳмгузор мебошад.

Аммо ба андешаи муҳаққиқони соҳа, ташкили ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ дар муқовимат ба ҷиноятқорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бинобар хеле мураккаб ва гуногунҷанба будани ин раванд, айни замон ба талаботи ҷомеа ҷавобгуй нест.

Ба андешаи Абдиров Н.М., ба маҳакҳои муайян намудани самарнокии фаъолияти шуроҳои ҳамоҳангсозӣ чунин талаботро марбут донистан зарур аст:

– гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ дар байни аҳолӣ вобаста ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷиноятқорӣ;

– аз ҷониби экспертҳо-ҳуқуқшиносон баҳо додани фаъолияти шуроҳои ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи шаҳр, вилоят ва ноҳияҳо;

– дар доираи ҳисоботҳои расмӣ пайваста баҳодиҳӣ намудани самаранокии фаъолияти ҳамоҳангсозӣ [5, с. 13].

Муаллифи мазкур бо мақсади тақвият бахшидани раванди ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муқовимат ба ҷиноякорӣ пешниҳод менамояд, ки бояд лоиҳаи қонун «Дар бораи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза ба ҷиноятқорӣ» коркард карда шуда, дар он мақсад, вазифаҳо, принсипҳо, шаклҳои ҳамкории байниидоравӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо, функсияҳо, салоҳиятҳо, вазъи ҳуқуқии субъектон, ҷавобгарии онҳо барои иҷро накардани чорабиниҳо ва қарорҳои шуроҳои ҳамоҳангсозӣ, инчунин оид ба шаклҳои фаъолияти якҷоя ва ҳамкории сохторҳои давлатӣ дар сатҳи байнидавлатӣ ва ғ. пешбинӣ карда шаванд [5, с. 14].

Инчунин, мавқеи Абдиров Н.М. вобаста ба он, ки муқовимат ба ҷиноятқорӣ ба воситаи ба роҳ мондани ҳамкории муназзам ва низоинокии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, тандурустӣ, маориф, шуғли аҳолӣ, нозирони кор бо ноболиғон, ташкилоҳои ғайридавлатӣ ва воситаҳои ахбори омма манфиатпазиртар мегардад [4], ҷолиби диққат ва сазовори дастгирист.

Вобаста ба ҳамин масъала Байдилдина Р.К. зикр менамояд, ки дар бархе ноҳияҳои Қазоқистон нисбати маҳбусони шартан аз озодӣ маҳрум нашуда, аз ҷониби мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо хадамоти пробатсияи назди ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон ёрии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ ва корҳои фаҳмодадиҳӣ бо таври мунтазам гузаронида шуда, назар ба дигар минтақаҳои дорои тақрибан ҳамингуна шумораи шартан судшудагон такроран содиршавии ҷиноятҳо ба маротиб камтар шудааст [7, с. 36-37].

Ба андешаи мо, чунин шеваи муқовимат бо шахсони шомили гуруҳҳои экстремистӣ-террористӣ, ки аз кирдори худ сидқан пушаимоншуда дар асоси талаботи муқаррароти дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар ба ватан баргардонидашудаанд ё майли содир кардани ҷиноятҳои хусусияти террористидоштаро доранд ва ё кирдорҳои онҳо дорои хавфи калони ҷамъиятӣ нестанд, барои кишвари мо низ хеле манфиапазир хоҳад буд.

Муҳаққиқ Байдилдина Р.К. низ набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии комили батанзимдарорандаи механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро бо мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар кишвари худ, яке аз омилҳои паст будани самаранокии ҳамкории субъектони муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар самти ислоҳи маҳкумшудагони аз озодӣ маҳрумкарданашуда марбут медонад.

Аз ҷумла, онҳо зикр менамоянд, ки «агар барномаҳои давлатии барои офиатбахшии маҳкумшудагон нигаронида шуда, аз ҷониби сохторҳои марбутаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (кормандони соҳаи тандурустӣ, маориф, шуғли аҳолӣ ва ғ.) дар доираи талаботи муқарраршуда иҷро карда шаванд, воситаи амалии ноил гардидан ба ҳадафҳои ҳифзиҳуқуқӣ мегарданд» [7, с. 12].

Байдилдина Р.К. пешниҳод менамояд, ки барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд лоиҳаи Шаргномаи намунавӣ оид ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вобаста ба масъалаҳои ба ҳаёти осоишта мутобиқ сохтани маҳкумшудагон коркард карда шуда, дар асоси он вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти муштараки мақомоти дахлдор шартнома ва нақшаҳои зарурӣ коркард ба тасдиқ карда шаванд [7, с. 12].

Ба андешаи мо, чунин иқдомот барои самараноктар ба роҳ мондани ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар муқовимат ба терроризм ва ислоҳи ашхоси ба гуруҳҳои ифротӣ моилгардида манфиатпазир хоҳад буд.

Муҳаққиқ Ким Д.А. таъкид менамояд, ки айни замон дар сохторҳои мақомоти давлатӣ қариб механизми муназзами ҳамкории берунӣ аз байн рафтааст, зеро барои иҷро накардани қарорҳо ва ташабусҳои субъектони ҳамоҳангсоз дар сатҳи қонунгузорӣ бо таври дақиқ ҷавобгарӣ муайян нагардидааст [12].

Айнан чунин камбудиҳо дар фаъолияти амалии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидлракунии маҳаллӣ вобаста ба иҷро намудани талаботи барнома ва стратегияҳо дар самти муқовимат ба терроризм дар кишвари мо низ побарҷост.

Бояд зикр кард, ки дар банди 5 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» мафҳуми «муқовимат ба терроризм» чунин кушода шудааст: «фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти дигар оид ба пешгирии терроризм, аз ҷумла, ошкорсозӣ ва минбаъд бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии амали террористӣ мусоидаткунанда, ошкорсозӣ, огоҳонӣ, пешгирӣ, қатъ намудан, кушодан ва тафтиш кардани амали террористӣ, то ҳадди камтарин расонидан ва (ё) бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ [2]. Тибқи талаботи бандҳои 3 ва 6 моддаи 3 Қонуни мазкур бошад, дар баробари дигар принсипҳои хусусияти умумиҳуқидошта, принсипи «бартарият ба чораҳои пешгирии терроризм» (б. 3) ва «истифодаи системавии маҷмуии чораҳои сиёсӣ, иттилоотию таблиғотӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, махсус ва тадбирҳои дигари муқовимат ба терроризм» (б. 6) таъкид гардидааст.

Дар моддаи 9 Қонун дар баробари дигар мақсадҳо дар самти муқовимат ба терроризм ба «муттаҳидсозии кушишҳои мақомоти давлатӣ, ки ба терроризм муқовимат мекунанд ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии терроризм» махсус зикр шуда, мақомоти давлатиро уҳдадор менамояд, ки «дар доираи ваколати худ муқовимат ба терроризмро ташкил ва ҳамоҳанг созанд» [2]. Чунин талаботи қонунгузорӣ тамоми субъектони дар муқовимат ба терроризм иштироккунандаро мувазтзаф месозад, ки дар вазорату идораҳои дахлдор сохторҳои зиддитеррористиро дар шакли комиссияҳо ва ё гуруҳҳои корӣ таъсис дода, раванди муқовимат ба терроризмро зери таъсири идеологӣ, сиёсӣ, фарҳагӣ-динӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. қарор диҳанд [2].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», ки асосҳои маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллиро танзим менамояд, бо мақсади ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дорои аҳамияти маҳаллӣ бо назардошти манфиатҳои умумии иҷтимоӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ ваколатҳои ҷамоат – мақомоти маҳаллиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисоду молия, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, мудофиа, хифзи ичтимой, бехбудӣ ва хифзи мухити зист муайян менамояд [1].

Муҳиммтарин такягоҳи мақомоти худидоракунии ҷамоати шаҳраку деҳот дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм мақомоти милитсия маҳсуб меёбад. Зеро яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти милитсия ташкили ҳамкории зичи милитсия бо аҳолӣ, ҷомеаи

шаҳрвандӣ ва ВАО мебошад. Милитсия манфиати шахрвандонро ҳифз карда, бояд боварии мардумро ба ҷо оварад ва «ба хизмати шабонарӯзӣ бо доираи васеи хизматрасониҳои иҷтимоӣ табдил ёбад» [3]. Шиори эълоншудаи "Милитсия – халқ аст ва халқ – милитсия" ба воқеияти ҳаёти рӯзмараи халқи тоҷик табдил ёбад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдорорандаи самти фаъолияти мақомти милитсия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ низ бо таври дақиқ муайян сохтани унсурҳои асосӣ ва салоҳияти онҳо дар муқовимат ба терроризм амри зарурист. Зеро сохторҳои ин мақомотҳо дар тобеияти байниҳамдигарӣ қарор надошта, ҳамкории онҳо хусусияти берунӣ дорад ва сатҳу сифати манфиатпазирии ҳамкории онҳо дар муқовимат ба терроризм танҳо аз мазмуну моҳияти салоҳияти онҳо ва механизми дар амал татбиқ гардиданашон вобаста аст.

Маҳз сершумории субъектони муқовимат ба терроризм ва норавшан будани вазифа ва функсияҳои онҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтӣ ва дохилиидоравӣ зарурати ташкили ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро вобаста ба тақвият бахшидани фаъолияти муштарак ва ҳамкории судманд дар ин самт ба бор меорад.

Дар асоси афкори иброзгардида, пешниҳод ва хулосаҳои зеринро манфиапазир меҳисобем:

1. Дар раванди ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ дар муқовимат ба терроризм бояд салоҳияти ҳар як субъекти дахлдор бо таври дақиқ муайян карда шуда, талаботи принсипҳои қонуният, мақсаднокӣ, мутавозинӣ ва самаранокии ҳамкорӣ, мувофиқанамоии фаъолияти муштарак, фаврӣ ва мунтазамии ҳамкорӣ, ояндабинӣ ва афзалиятнокии самтҳои ташкили ҳамкорӣ ба инобат гирифта шаванд.

2. Зери мафҳуми ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фаъолияти муштарак ва мувофиқакардашудаи мақомоти номбурдаро дар вақт ва ҳудуди муайян барои ҳал намудани мақсад ва вазифаҳои мушаххас дар муқовимат ба терроризм фаҳмида мешавад. Шаклҳои манфиатпазири ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ин бо таври мунтазам гузаронидани ҷаласаҳои муштарак, табодули иттилооти зарурӣ, банақшагирии чорабиниҳои муштарак, муайян намудани мақсад ва вазифаҳои мушаххас дар доираи ваколат ва функсияҳои онҳо, назорат ва натиҷагирии қарорҳои қабулкардашуда дар муҳлатҳои муайян, муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат ба терроризм маҳсуб меёбанд.

3. Истилоҳи «ҳамоҳангсозӣ» дар иртибот ба мафҳуми «ҳамкорӣ» аз рӯйи ҷойгоҳ болотар истода, аз руйи хусусиятҳои худ ҳамчун функсияи идоракунӣ ва назоратбарии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии ҳамкории субъектони муқовимат ба терроризм барои ҳалли вазифа ва мақсадҳои умумӣ баромад менамояд. Ҳамкорӣ дар доираи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ то андозаи зарурӣ зери назорат ва идоракунӣ қарор гирифта, ҳамчун ҷузъи таркибии ҳамоҳангсозӣ баромад менамояд.

4. Фаъолияти ҳифзиҳуқуқии давлатӣ дар муқовимат ба терроризм на танҳо дар доираи низомҳои алоҳидаи мутамарказонидашуда (мақомоти прокуратура, милитсия, амният), инчунин дар доираи низомҳое, ки фаъолияти онҳо дар доираи тобеияти бевоситаи (мартаботи) мақомоти ҳизи ҳуқуқ қарор надошта, аз рӯйи принсипи ҳамоҳангсозии сатҳи бисёрзинагӣ, аммо ҳамзамон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ бо ҷалби субъектони баробарҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ сохта мешавад.

5. Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар низоми давлатию ҳуқуқии ҷомеаи муосир ва имкониятҳои иштироки

онҳо дар ичрои вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби давлат ҳамчун як ниҳоди мустақили ҷомеа дар доираи ҳамкорӣ ва мувозинати баробар амал ва инкишоф ёфта, ҳамчун зинаи поёнтарин ва муҳимми ҳокимияти ҷамъиятӣ (ҷомеаи шаҳрвандӣ) баромад менамояд.

6. Таҷрибаи ташкили сохторҳои хусусияти ҳифзиқуқуқии маҳаллӣ дар кишварҳои гуногун собит месозад, ки низоми самараноки ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ танҳо бо иштироки фаъолонаи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҳамчун сатҳи наздиктарини ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир аст.

7. Омӯзиши асосҳои назариявии ташкили ҳамкории милитсия бо мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар муқовимат ба терроризм собит месозад, ки фаъолияти онҳо дар ин самти стратегӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набуда, ҳамоҳангии фаъолиятро дар сатҳи баландар ва муташаккилтар тақозо менамояд. Вазифа ва функсияҳои вазорату идораҳои марбута дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии самтӣ ва хусусан дохилиидоравӣ дар самти огоҳонидании сабабу омилҳои умумиичтимоии терроризм бо таври дақиқ муайян нагардида, мутаносибат сохторҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравии онҳо оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо дар ин самт ташкил карда нашудаанд, ки боиси паст гардидани муқовимат ба терроризм гардидааст.

8. Новобаста ба он, ки Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории зиддитеррористӣ ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсози давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм баромад менамояд, таҳлили фаолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт собит месозад, ки бинобар теъдоди зиёди субъектони ба терроризм муқовиматкунанда, бо назардошти таъиноти ҳар як мақомоти давлатӣ ва авлавияти самти фаъолияти онҳо бояд вазифа ва функсияҳояшон вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти огоҳонӣ, ошкоркунӣ, тафтиш ва рафъи амалҳои экстремистӣ-террористӣ дар сатҳи қонунгузорӣ мушаххас сохта шавад;

9. Барои дар сатҳи зарурӣ муқовимат намудан ба терроризм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳр, вилоят ва ноҳияҳо ташкил намудани Комиссияҳои доимоамалкунандаи зиддитеррористӣ тақозои замон буда, мақомоти корҳои дохилӣ дар байни дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вобаста ба таъинот ва функсияҳои худ дар самти огоҳонидани ҷинояту ҷинояткорӣ бо мардум наздиктар буда, бинобар зиёд будани ҷузъу томҳо ва ҳайати шахсиаш дар самти ташкили ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар огоҳонӣ ва пешгирии терроризм метавонад функсияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро касб намояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5-уми сентябри с. 2009, № 549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, № 4, мод. 277; № 8, мод. 833; с. 2015, № 11, мод.964; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 288; с. 2019, № 4-5, мод.226.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23-юми декабри соли 2021, № 1808 // Ҷумҳурият: нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=39276 (санаи муроҷиат: 08.12.2024 с.).

3. Стратегияиислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020: бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19-уми марти с. 2013, № 1438 тасдиқ шуд // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://old.vkd.tj/index.php/tj/ (санаи муроҷиат: 08.12.2024 с.)

4. Абдиров, М.Н. О мерах, принимаемых Министерством внутренних дел и местными исполнительными органами по реализации Комплексной стратегии социальной реабилитации граждан, освободившихся из мест лишения свободы и находящихся на учете службы пробации в

Республике Казахстан, на 2017-2019 годы // [Электронный ресурс] - Режим доступа: parlam.kz/ru/blogs/oleynik/Details/6/52108. Доступ свободный.

5. Абдиров, Н.М. Координационная деятельность прокуратуры по обеспечению законности, правопорядка и борьбы с преступностью в Республике Казахстан: дис... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Нургалым Мажитович Абдиров. - М., 2017. – 244 с.

6. Афанасьев, В.Т. Научное управление обществом: опыт системного исследования / В.Т. Афанасьев. – М.: Ленанд: USRR, 2022. – 400 с.

7. Байдильдина, Р.К. Организационно-правовой механизм взаимодействия службы пробации министерства внутренних дел Республики Казахстан с иными правоохранительными органами и органами исполнительной власти общей компетенции регионального и районного уровней: дис... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Рязия Казбековна Байдильдина. - М., 2021. – 289 с.

8. Белая, Н.П. Организационные и правовые основы взаимодействия уголовно-исполнительных инспекции с органами внутренних дел и местного самоуправления: дис… канд. юрид. наук: 12.00.11 / Наталья Павловна Белая. – Рязань, 2005. – 183 с.

9. Борисов, А.Б. Большой экономический словарь. - М.: Книжный мир, 2005. - 895 с.

10. Бормотова, Е.Г., Ворона, А.А., Дианова, В.Ю. Управление таможенной деятельностью. Актуальные вопросы взаимодействия федеральной таможенной службы с государственными контролирующими органами / Е.Г. Бормотова, А.А. Ворона, В.Ю. Дианова. - СПб.: ИЦ «Интермедия», 2020 – 144 с.

11. Витрук, Н.В. Законность: понятие, защита и обеспечение. Общая теория права / Н.В. Витрук. – М.: Норма, 2008. – 447 с.

12. Ким, Д.А. Институт пробации в Республике Казахстан: современное состояние и перспективы развития // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: // https://studref.com/440918/pravo/institut_probatsii_respublike_kazahstan_sovremennoe_sostoyanie_perspektivy_razvitiya (дата обращения: 10.01. 2025).

13. Макеев, А.В. Организация управленческой деятельности в органах внутренних дел / А.В. Макеев // Образование. Наука. Научные кадры. – 2024. – № 3. – С. 97-100.

14. Матюшенков, Д.М. Взаимодействие органов исполнительной власти с общественными объединениями в сфере охраны общественного порядка: дис... канд. юрид. наук: 12.00.14 / Дмитрий Михайлович Матюшенко. - М., 2022. – 184 с.

15. Налоговая система Российской Федерации / М.М. Шадурская, Е.А. Смородина, И.В. Торопова, М.И. Львова, А.Г. Лачихина; под общ. ред. М. М. Шадурской. – Екатеринбург: Идзд. Уральского государственного университета, 2020. – 254 с.

16. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка: 100000 слов, терминов и выражений: [новое издание] / С.И. Ожегов; под общ. ред. Л. И. Скворцова. - 28-е изд., перераб. – М.: Мир и образование, 2020. – 1375 с.

17. Организация управления в уголовно-исполнительной системе. В. 3 т. Т.1 / Под общ. ред. Ю.Я. Чайки. - Рязань, 2012. – 532 с.

18. Сафаров, Р.А. Общественное мнение и государственное управление: дис…док. юрид. наук: 12.00.02 / Рафаэль Авакович Сафаров. - М.: 1977. – 255 с.

19. Супонев, С.П. Взаимодействие исправительных учреждений со средствами массовой информации: дис... канд. юрид. наук: 12.00.11 / Сергей Петрович Супонев. - М., 2000. – 240 с.

20. Хошимов, Х.Дж. Взаимодействие следователя органов внутренних дел и милиции при расследовании уголовных дел (по материалам Республики Таджикистан): дис... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Хошим Джумаевич Хошимов. - М., 2009. – 180 с.

## References

1. Law of the Republic of Tajikistan “On Self-Government Bodies of Towns and Villages” dated September 5, 2009, No. 549 // Bulletin of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2009, No. 7-8, art. 503; p. 2012, No. 4, art. 277; No. 8, art. 833; p. 2015, No. 11, art. 964; p. 2017, No. 5, p. 1, art. 288; p. 2019, No. 4-5, art. 226.

2. Law of the Republic of Tajikistan “On Counteracting Terrorism” dated December 23, 2021, No. 1808 // Republic: official publication of the Republic of Tajikistan // [Electronic resource]. – Access schedule: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=39276 (access date: 08.12.2024).

3. Police Reform Strategy for 2013-2020: approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated March 19, 2013, No. 1438 // [Electronic resource]. – Access schedule: https://old.vkd.tj/index.php/tj/ (access date: 08.12.2024).

4. Abdirov, M.N. On measures taken by the Ministry of Internal Affairs and local executive bodies to implement the Comprehensive Strategy for Social Rehabilitation of Citizens Released from Prisons and Registered with the Probation Service in the Republic of Kazakhstan for 2017-2019 // [Electronic resource] - Access mode: parlam.kz/ru/blogs/oleynik/Details/6/52108. Free access.
5. Abdirov, N.M. Coordination activities of the prosecutor's office to ensure legality, law and order and combat crime in the Republic of Kazakhstan: diss... Cand. of Law: 12.00.11 / Nurgalym Mazhitovich Abdirov. - M., 2017. - 244 p.
6. Afanasyev, V.T. Scientific management of society: experience of systems research / V.T. Afanasyev. – M.: Lenand: USRR, 2022. – 400 p.
7. Baidildina, R.K. Organizational and legal mechanism of interaction of the probation service of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Kazakhstan with other law enforcement agencies and executive bodies of general competence at the regional and district levels: diss... Cand. of Law: 12.00.11 / Ryaziya Kazbekovna Baidildina. - M., 2021. – 289 p.
8. Belaya, N.P. Organizational and legal framework for the interaction of criminal executive inspectorates with internal affairs bodies and local government: diss... Cand. of Law: 12.00.11 / Natalya Pavlovna Belaya. – Ryazan, 2005. – 183 p.
9. Borisov, A.B. Big Economic Dictionary. - M.: Knizhny Mir, 2005. - 895 p.
10. Bormotova, E.G., Vorona, A.A., Dianova, V.Yu. Customs Management. Current Issues of Interaction between the Federal Customs Service and State Controlling Authorities / E.G. Bormotova, A.A. Vorona, V.Yu. - St. Petersburg: IC "Intermedia", 2020 - 144 p.
11. Vitruk, N.V. Legality: Concept, Protection and Security. General Theory of Law / N.V. Vitruk. - M.: Norma, 2008. - 447 p.
12. Kim, D.A. Probation Institute in the Republic of Kazakhstan: Current State and Development Prospects // [Electronic resource]. – Access mode: https: // https://studref.com/440918/pravo/institut_probatsii_respublike_kazahstan_sovremennoe_sostoyanie_perspektivy_razvitiya (date of access: 10.01. 2025).
13. Makeev, A.V. Organization of management activities in the internal affairs bodies / A.V. Makeev // Education. Science. Scientific personnel. - 2024. No. 3. - P. 97-100.
14. Matyushenkov, D.M. Interaction of executive bodies with public associations in the field of public order: diss... Cand. of Law: 12.00.14 / Dmitry Mikhailovich Matyushenko. - M., 2022. - 184 p. 15. The Tax System of the Russian Federation / M.M. Shadurskaya, E.A. Smorodina, I.V. Toropova, M.I. Lvova, A.G. Lachikhina; under the general editorship of M. M. Shadurskaya. - Ekaterinburg: Publishing House of Ural State University, 2020. - 254 p.
15. Ozhegov, S.I. Explanatory Dictionary of the Russian Language: 100,000 Words, Terms, and Expressions: [new edition] / S.I. Ozhegov; under the general editorship of L. I. Skvortsov. - 28th ed., revised. - Moscow: Mir i obrazovanie, 2020. - 1375 p.
16. Organization of Management in the Penal System. V. 3 v. V. 1 / Under the general editorship of Yu. Ya. Chaika. - Ryazan, 2012. - 532 p.
17. Safarov, R.A. Public opinion and public administration: diss... doc. of law: 12.00.02 / Rafael Avakovich Safarov. - M.: 1977. - 255 p.
18. Suponev, S.P. Interaction of correctional institutions with the media: diss... candidate of law: 12.00.11 / Sergey Petrovich Suponev. - M., 2000. - 240 p.
19. Khoshimov, H.J. Interaction of the investigator of the internal affairs bodies and the police in the investigation of criminal cases (based on the materials of the Republic of Tajikistan): diss... candidate of law: 12.00.09 / Khoshim Dzhumaevich Khoshimov. - M., 2009. – 180 p.

**УДК 343.342.3:323.28**

# ОСОБЕННОСТИ ПРОЯВЛЕНИЯ РАДИКАЛИЗАЦИИ И РЕЛИГИОЗНОГО ЭКСТРЕМИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# ХУСУСИЯТҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ТУНДГАРОӢ ВА ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# PECULIARITIES OF MANIFESTATION OF RADICALIZATION AND RELIGIOUS EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Хасанзода П.Х.
Hasanzoda P.Kh.
*Адъюнкт кафедры теории и методологии государственного управления Академии управления МВД России, капитан милиции*
*Адъюнкти кафедраи назария ва методологияи идоракунии давлатии Академияи идоракунии ВКД Россия, капитани милитсия*
*Adjunct of the Department of Theory and Methodology of Public Administration of the Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia, captain of militia*



e-mail: parviz_sobirov@internet.ru

*Научная специальность:* 12.00.11 – Судебная деятельность; прокурорская деятельность; правоохранительная деятельность и правозащитная деятельность (5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки).

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.11 – Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (5.1.2. Илмҳои ҳуқуқӣ-оммавӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ)).

*Scientific specialty:* 12.00.11 – Judicial activity; prosecutorial activity; law enforcement activity and human rights activities (5.1.2. Public law (state-legal) sciences).

*Рецензент*: Рустамзода А.К. – начальник кафедры теории управления правоохранительной деятельности факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции.

*Тақриздиҳанда:* Рустамзода А.Қ. – сардори кафедраи назарияи идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.

*Reviewer*: Rustamzoda A.K. – Head of the Department of Theory of Law Enforcement Management, Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, lieutenant colonel of militia.

*Аннотация:* В статье рассматриваются особенности радикализации и религиозного экстремизма в Республике Таджикистан, подчеркивается влияние исторических, культурных и социально-экономических факторов на эти явления. Особое внимание уделяется росту радикализации среди молодежи, что связано с экономическими трудностями и поиском идентичности через религию. Описываются меры, предпринимаемые государством для борьбы с радикализацией, включая антитеррористические операции, контроль религиозной деятельности и программы профилактики экстремизма.

*Ключевые слова*: радикализация, религиозный экстремизм, факторы, молодежь, экстремистские идеи, террористические акты, государственной управление, профилактика, антитеррористические меры.

*Аннотатсия:* Дар мақола хусусиятҳои тундгароӣ ва экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ шуда, таъсири омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ин падидаҳо таъкид шудааст. Ба афзоиши тундгароӣ дар байни ҷавонон, ки бо мушкилоти иқтисодӣ ва ҷустуҷӯи айният тавассути дин алоқаманд аст, таваҷҷуҳи хосса зоҳир дода мешавад. Тадбирҳои аз ҷониби давлат андешидашуда дар самти мубориза бо тундгароӣ, аз ҷумла, амалиётҳои зиддитеррористӣ, назорат аз болои фаъолияти динӣ ва барномаҳои пешгирии экстремизм тавсиф карда шудааст.

*Вожаҳои калидӣ*: тундгароӣ, экстремизми динӣ, омилҳо, ҷавонон, ғояҳои экстремистӣ, амалҳои террористӣ, идоракунии давлатӣ, пешгирӣ, чораҳои зиддитеррористӣ.

*Annotation*: The article examines the specifics of radicalization and religious extremism in the Republic of Tajikistan, emphasizing the influence of historical, cultural and socio-economic factors on these phenomena. Particular attention is paid to the growth of radicalization among young people, which is associated with economic difficulties and the search for identity through religion. The measures taken by the state to combat radicalization are described, including anti-terrorist operations, control of religious activity and extremism prevention programs.

*Key words:* radicalization, religious extremism, factors, youth, extremist ideas, terrorist acts, public administration, prevention, anti-terrorist measures

Радикализация и религиозный экстремизм представляют собой одной из наиболее острых проблем, с которыми сталкивается современное общество. Республика Таджикистан, расположенная в Центральной Азии, является уникальным примером, где пересекаются исторические, культурные и социально-экономические факторы, создающие почву для проявления этих явлений.

Исследование радикализации и религиозного экстремизма в Таджикистане актуально не только из-за внутренних вызовов, но и под воздействием международной ситуации. Увеличение числа террористических актов и активизация радикальных групп в регионе ставят под угрозу стабильность государства и безопасность его граждан [6, с. 15-16].

Особенно тревожным является рост радикализации среди молодежи, который часто происходит на фоне социально-экономических трудностей. При этом, отдельные индивиды или группы начинают принимать крайние идеи, отвергая умеренные взгляды. Это ведет к формированию «черно-белого» мировоззрения, где определенные группы или государства воспринимаются как враги. Таким образом, радикализация может стать предшественником насилия или террористической активности, т.е. служить для них почвой.

Религиозный экстремизм, в свою очередь, является одной из форм радикализации, основанной на искаженной интерпретации религиозных текстов. Он проявляется в неприемлемости альтернативных взглядов и готовности использовать насилие для достижения своих «священных» целей. В контексте Таджикистана ислам занимает важное место в жизни общества, и радикальные интерпретации его учений могут служить основой для экстремистских действий [2, с. 3]. Таджикистан отличается сложной социокультурной структурой, в которой религия и традиции тесно переплетаясь, занимают важное место в жизни общества. Ислам, как главная религия, оказывает значительное влияние на моральные и этические нормы населения.

Однако распад СССР и последовавшая за ним гражданская война в начале 1990-х гг. привели к серьезным изменениям в социальной структуре. Экономический кризис, миграция и снижение уровня жизни стали основными факторами, способствующими социальной нестабильности.

